Ҳар як кишвар дорои миқдори муайяни захираҳои табиӣ, иқтисоди пешрафтаи миллӣ, иқтидори илмии зеҳнии дар таърихи худ таҷаммуъкарда мебошад. Далели аввал ба манфиати табодули технологияҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар байни кишварҳо дар ин шароит, фарқияти шароитҳои истеҳсолӣ мешавад, яъне дар як кишвар чизе вуҷуд дорад, ки дар дигар кишвар маҷуд нест, вале бе он саноати муосир рушд карда наметавонад.

Далели дувуми манфиати ҳамкории кишварҳои гуногун, ин харочоти истеҳсолот мебошад. Харочот барои истеҳсоли ин ё он маҳсулот дар кишварҳои гуногун як хел нест.

Аксар вақт аз дигарон харидан назар ба истеҳсол кардан дар кишвари худ фоиданоктар аст. Адам Смит ин ақидаро бо мисоли одӣ собит кард. Дэвид Риккардо ин принсипро дар назарияи харочоти муқоисавӣ тасдиқ кард ва исбот намуд, ки аз махсусгардонии истеҳсолот ҳарду кишвар манфиат мегиранд. Вай бар он ақида буд, ки ҳамаи синфҳо аз махсусгардонӣ манфиат мегиранд, зеро ин боиси ҷамъшавии сармоя гашта, мувофиқан ба болоравии иқтисодиёт ва афзоиши талабот ба қувваи меҳнатӣ оварда мерасонад. Ҳамин тариқ, назарияи харочоти муқоисавӣ аз фарқиятҳои миллӣ дар арзишҳои ба харочоти меҳнатӣ вобаста ба амал меомад.

Дар охири асрҳои XIX ва XX гузариш ба капитализми монополистӣ ба он асос ёфта буд, ки ба сармояи бузург чаҳорчӯбаи бозори дохилӣ тангӣ мекард ва дар ҷустуҷӯи фоидаҳои нав он ба дигар кишварҳо роҳ пайдо кард, содироти сармоя ва мубодилаи васеъшаванда бо ҳамгироии муносибатҳои байналмилалии хоҷагидорӣ, иқтисодӣ рух дод, монополияҳои байналмилалӣ ба вуҷуд омаданд ва ниҳоят тақсимоти фазои иқтисодии ҷаҳонӣ сурат гирифт.

Солҳои 1950-1960-уми асри XX кӯшишҳои дарки фалсафию категориявӣ ва асосноккунии зарурати амалии рушди ҳамгироии кишварҳо аз ҷониби як зумра олимон, ба монанди Р. Шуман, М. Панич, Ж. Моне, П. Робсон ва дигарон сурат гирифт.

Рушди минбаъдаи қуввахои истеҳсолкунандаи ҷаҳонӣ боиси амиқшавии тақсимоти байналмилалии меҳнат гардид.

Баъзе коршиносон собит мекунанд, ки вусъат ёфтани миқёси истеҳсолот чун натиҷаи бевоситаи ҳамгироӣ дар доираи назарияи афзалиятҳои муқоисавӣ натиҷаи ба ном омилҳои доимӣ ё статикӣ (андозаи корхонаҳои истеҳсолӣ) ва динамикӣ («омӯхтан–истеҳсол кардан») мебошад, ки онҳо ба субъектҳои иқтисодӣ барои васеъ истифода кардани имкониятҳои бозори нисбатан васеъ, аз ҷумла бо роҳи ташкили босамари истеҳсолот кумак мерасонанд.

Тарафдорони чунин муҳқамоти қатъӣ, ба монанди неолиберализм (В. Репке, М. Аллэ) ҳамгироиро чун фазои бозории ягона дар саросари якчанд кишвар тасаввур мекарданд, ки дар он ҷо неруҳои иқтисодии табиӣ (стихиявӣ) новобаста ба сиёсати давлатҳо ва санадҳои қонунгузорӣ амал мекунанд.

Пайравони корпоратсионализм (С.Ролф, У.Ростоу) бар он ақида буданд, ки ҳамгироиро метавонанд корпоратсияҳои байналмилалие таъмин намоянд, ки фаъолияти онҳо ба рушди муносибатҳои ҷаҳонии ҳоҷагидории оқилона ва мутавозин мусоидат менамояд.

Намояндагони структурализм (Г. Мюрдал) ҳамгироии иқтисодиро ҳамчун раванди табдилоти сохторӣ дар иқтисодиёти кишварҳои дунё бо ширкатҳои бузург ва соҳаҳои алоҳидаи саноат баррасӣ мекарданд. Натиҷаи чунин дигаргуниҳо, ба ақидаи онҳо, фазои ҳамгироии сифатан нав бо механизмҳои хоҷагидории нисбатан комил мешавад.

Неокейнсианҳо (Р. Купер) бовар доштанд, ки барои истифода аз манфиатҳои ҳамгироӣ дар айни замон баробарии ҳаддалимкон барои ҳар як кишвар нигоҳ доштани дараҷаи озодӣ, ҳамоҳангсозии сиёсати дохилӣ ва хориҷии тарафҳои ҳамгироишаванда бо мақсади якҷо ба даст овардани истифодаи беҳтарини ду вариантҳои имконпазири рушди ҳамгироӣ зарурӣ аст:

а) муттаҳидшавии давлатҳо бо минбаъд аз даст додани истиқлолияти хеш ва байни ҳам мувофиқат намудани сиёсати иқтисодӣ;

б) ҳамгироӣ бо ҳаддалимкон нигоҳ доштани мустақилияти миллӣ.

Таваҷҷуҳ ба ҳамгироӣ ҳамчун ба раванде, ки аз шаклҳои нисбатан сода ба шаклҳои мураккаб ташаккул меёбад, боиси баррасии таснифоти марҳилаҳои ҳамгироӣ гардид. «Дириҷистҳо» барои таъсиси як ниҳоди фавқулмиллии сиёсию ҳуқуқӣ барои танзими босамари ҳамгироӣ пешниҳод карданд. Дар натиҷа, дар амал «иттиҳоди иқтисодӣ» ташкил карда шуд.

Иқтисоддони ҳолландӣ Ян Тинберген ҳамгироии иқтисодиро ба мусбӣ ва манфӣ ҷудо мекунад, дар айни замон ӯ ҳамгироии манфиро чун «бартараф намудани воситаҳои муайян дар сиёсати иқтисодии байналмилалӣ» ва мусбатро чун «ҷорӣ намудани тадбирҳои иловагӣ бо мақсади гузаронидани азнавташкилдиҳӣ, яъне ҳалли муаммоҳои даврааи гузариш» муайян мекунад.

Олими амрикоӣ В. Балаш шарҳи дугонаи категорияи ҳамгироиро ҳамчун раванд ва ҳамчун ҳолат ворид намуд.

В. Балаш падидаҳои динамикии ҳамгироӣ ва таъсири онҳоро ба суръати афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилаи кишварҳои ҳамгироишаванда низомбандӣ намуд.

Иттиҳоди сиёсӣ амалисозии сиёсати ҳамоҳангшудаи берунӣ, ҳамоҳангсозии амалҳо дар соҳаи амният, корҳои дохилӣ ва адлияро талаб мекунад. Омили асосӣ барои ҳама марҳилаҳо, ин бекор кардани монеаҳои иқтисодӣ мебошад. Танҳо Иттиҳоди Аврупо тамоми марҳилаҳои рушди ҳамгироиро гузаштааст, дигар иттиҳодҳои ҳамгироӣ марҳилаи якум, қисман дувумро гузаштанд.

Дар айни замон падидаҳои омории ҳамгироӣ зеринро ташкил медиҳанд:

- «ташкили савдо», вақте ки дар натиҷаи ташкили минтақаи озоди савдо ва иттиҳоди гумрукӣ ивазкунии маҳсулоти истеҳсолшудаи баландарзиши дохилӣ бо маҳсулоти воридотии арзон ба вуҷуд меояд;

- «тамоюли савдо», агар моли воридотии нисбатан арзон аз кишварҳои севум бо воридоти нисбатан баланднарх аз кишвари шарик иваз карда шавад (консепсияи Ҷ. Винер ва М. Вие).

Геосиёсатшиносон Ф.Ратсел ва Р. Челлен ғояро оид ба моҳияти биологӣ ё органикии давлат инкишоф доданд: давлат организми зинда аст ва ба қонуни рушд итоат мекунад. Давлатҳои пуркудрати қобили эътимод ба амри қатъии васеъ кардани фазои худ тавассути мустамликакунӣ, якҷояшавӣ ё ғасб кардан тобеъ мебошанд.

Ф. Ратсел ба омили таъсири иқлим ба инсон аҳамияти махсус медиҳад. Ӯ яке аз аввалинҳост, ки ақидаро дар бораи дар аксар кишварҳо пайдо шудани тамоюли ғасби чуғрофӣ таҳия кардааст.

Аз ин рӯ, хулоса ба миён меояд, ки тибқи он давлатҳо бояд мувофиқи «мубориза барои мавқудият» инкишоф ёбанд. Р. Челлен чунин хулоса мекунад, ки принсипи дилхоҳ давлат неру - омили муҳимтар аз қонун аст.

Шароитҳои асосие, ки ба тавоноии миллат таъсир мекунанд, инҳоянд: мавқеи ҷуғрофӣ, сохтори ландшафтии кишвар, иқлим, андозаи ҳудуд, теъдоди аҳолӣ, хусусияти халқ ва реҷаи сиёсӣ. Зери мафҳумҳои «мавқеи ҷуғрофӣ» ва «сохтори табиӣ» ӯ хатҳои соҳилиро дар назар дорад-ҳар қадар тавассути сарҳад, дар ҳолати мазкур тавассути баҳр, ба дигар кишварҳо гузаштан осон бошад, хоҳиши бо онҳо муошират кардани мардум қавитар мешавад.

Масъалаи дигар он аст, ки таърихи инсоният аз инкишофи ягонаи умумиҷаҳонӣ-таърихӣ бо дастовардҳои гуногунзамон дар соҳаҳои илму техника ва пешравии фарҳангӣ, инчунин марҳилаҳои камолоти иҷтимоию сиёсӣ иборат намебошад.

Дарки он, ки таърих раванди барои ҳамаи халқҳо ва минтақаҳои дунё ба як андоза гузаранда нест, он дорои хусусияти дискретӣ ва маҳаллӣ буда, боиси ба вуҷуд омадани консепсияи тамаддунии таърихи дунё ва воқеияти муосир гаштааст.

Консепсияи таърихию фалсафии муносибати мутамаддин ба таърих ҳанӯз дар асри XVIII ба ташаккулёбӣ оғоз карда, то имрӯз ташаккули он анҷом наёфтааст. Мувофиқи арзёбиҳои мухталиф дар илм аз 8 то 20 таърифи қатъӣ ва консептуалии тамаддун ҳамчун падидаи махсуси таърихӣ вуҷуд дорад.

Суръатбахшии ҳамгироӣ дар миёнаи солҳои 1980-ум боиси эҳёи таҳқиқоти илмӣ дар ин соҳа гардид. «Созиши таърихӣ» байни сарчашмаҳои фавқулмиллӣ ва байниҳукуматӣ дар амалияи ҳамгироӣ боиси тағйироти куллӣ ва хосияти назарияҳои ҳамгироӣ гардиданд.

Дар назари аввал, як қатор дастовардҳои назарраси ҳамгироии аврупоӣ дар солҳои 80-ум, ки ҳар яке аз онҳо боиси «амиқтар» шудани он гардид, ҳамчун ғолибияти консепсияи «азҳадзиёдшавӣ» баррасӣ шуда метавонист. Дар ҳақиқати ҳол бошад, Иттиҳоди гумрукӣ барои вусъат ёфтани миқёс ва тақвияти ҳамкории тиҷоратию истеҳсолӣ дар дохили ҷомеаи аврупоӣ кумак расонд.

Дар ниҳояти кор, он барои бунёди Бозори ягонаи дохилӣ мусоидат кард. Бозори ягона ба рӯзномаи ҳаёт андозагирии иҷтимоии ҳамгироиро гузошт. Аз ин ҷост, ки Эъломияи иҷтимоӣ таҳия гардид, ки баъдтар ба матнҳои шартномаҳои асосӣ дохил карда шуд. Барои пурра истифода кардани бозори ягонаи дохилӣ ташкили Иттиҳоди иқтисодӣ ва асъор мувофиқи мақсад гардида, асъори ягона ҷорӣ карда шуд. Ин, дар навбати худ, ба сатҳи баландтар бардоштани ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодии давлатҳои миллиро талаб намуд. Гузашта аз ин, масъалаи таъмини устувории евро зарурати ҳамгироии минбаъдаи сиёсиро ба миён оварда.

Аммо сарфи назар аз ин, ба душманон ва ҷонибдорони неофункционализм маълум буд, ки имкониятҳои даркшавандагии консепсияи мазкур ба охир расиданд.

Он акнун ба воқеиятҳои нави мураккабшуда дигар мувофиқат намекард ва муаммои наверо, ки дар назди Иттиҳоди Аврупо меистод, ҳал карда наметавонист. Аз ҷониби дигар, муносибати байнидавлатии «соф», ки ба догмаҳои воқеият омехта шуда буд, анахронизми возеҳ гардид. Сарфи назар аз он, ки ҳамкории байниҳукуматӣ ҳамчун пояи муҳимтарини раванди ҳамгироӣ «дастгирии қонунӣ» пайдо кард, рафтори кишварҳои Иттиҳоди Аврупо дар робита бо категорияҳои реализм ё неореализм шарҳ дода намешаванд. Аз ҷумла, дар категорияҳои муносибатҳои байниҳукуматӣ падидаҳои қонунгузории фавқулмиллиро, ки давлатҳо-аъзоёнро барои иҷрои меъёрҳои муштарак водор месозад, маънидод кардан мумкин нест. Ба чаҳорчӯбаи консепсияи мазкур таҷрибаи суди Иттиҳоди Аврупо низ ҳеҷ мувофиқат намекунад, зеро он ба муқаррароти шартномаҳои асосӣ такя карда, онҳоро ба соҳаҳое, ки бевосита дар шартномаҳо зикр нашудаанд, интиқол медиҳад.

Агар ин чизро ба эътибор гирем, тааҷҷубовар нест, ки зиддияти консепсияҳои асосии тавсифоти муфассал ва истисноии ҳамгироиро ифодакунанда рӯ ба нестӣ ниҳод. Дар соҳаи таҳқиқоти ҳамгироӣ дар Аврупо даврaҳои синтез ва «корҳои хурд», таҳияи ҷанбаҳои алоҳидаи он фаро расид.

Назарияҳои муосир ҷузви фазои назариявии то ин ё он дараҷа якҷинса мебошанд. Солҳои 90 як қатор корҳои илмӣ ба миён омаданд, ки тибқи онҳо раванди ҳамгироӣ дар маҷмӯъ «эндемикии синкретӣ» мебошад, назарияҳои хамгироӣ бошанд, аз рӯйи зарурат бояд эклектикӣ бошанд. Бо вуҷуди ин, роҳ ба сӯйи синтез, маъмулан, аз навсозии назарияҳои анъанавии ҳамгироӣ оғоз меёбад.

Дар ин замина, таҳаввулоти ақидаҳои яке аз тарафдорони машҳури федерализм Ҷон Пайндер қобили қайд аст. Дар аввали солҳои 90 ӯ таҳияи консепсияи «неофедерализм»-ро пешниҳод кард, ки он метавонист таҳлили назариявии ҳамгироии аврупоӣ ва омодакунии тавсияҳои сиёсиро муттаҳид созад.

Барои ин, ба андешаи ӯ, «иттифоқи» биниши неофунксионалии робитаҳои тарафайни ҳодисаҳои иҷтимоӣ ва сиёсӣ ва нигарониҳои федералистӣ аз масъалаҳо ва принсипҳои конститутсионию иҷтимоӣ зарур аст [2].

Бо идеяҳои Ҷ. Пайндер кори бемисли Алберта Сбраҷа шабоҳат дошт, ки дар асараш кӯшиш намудааст федерализмро аз муқаррароти меъёрии вобастаи он озод намояд. Дар тафсири ӯ федерализм ин фалсафа, самти илмӣ аст, на маҷмӯи формулаҳои сиёсии куҳнашуда. Аз ин рӯ, ба андешаи ӯ, одамони муосир аз тасаввурот дар бораи таҳаввулоти ҳатмии Иттиҳоди Аврупо ба самти яке аз шаклҳои воқеӣ ё хаёлии сохтори федералӣ, ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Аврупо бояд даст кашанд. Иттиҳоди Аврупо, ин таҷриба дар соҳаи эҷодиёти ниҳодӣ буда, натиҷаи он пешгӯинашаванда мебошад. Хулосаи умумии он чунин аст: таҳқиқоти илмии Иттиҳоди Аврупо бояд ба усулҳои объективии сиёсатшиносии муқоисавии байналмилалӣ такя намояд.[2]

Хидмати шоёни илмии Б.Баласса ин таҳияи муттасилу мавзуни консепсияи марҳилаҳои иқтисодии ҳамгироӣ мебошад.

Марҳилаи аввал, ин ташкили минтақаи озоди савдо мебошад: давлатҳо –иштирокчиён тарофаҳои воридотӣ ва квотаҳоро дар савдо бо ҳамдигар бекор карда, тарифҳои воридотии миллӣ ва квотаҳоро дар савдо бо кишварҳои севум нигоҳ медоранд. Дар ин марҳила ягон ҳамгироии мусбат ғайриимкон аст, давлатҳои иштирокчӣ пурра дар ҳудуди қоидаҳои созишномаи байниҳукуматии бисёрҷониба дар бораи кам кардани маҳдудиятҳо дар савдои байналмилалӣ, ки аз ҷониби давлатҳои бузурги тиҷоратии ҷаҳон баста шудааст, фаъолият мекунанд.

Марҳилаи дувум, ин иттиҳоди гумрукӣ мебошад, ки дар доираи он давлатҳои иштирокчӣ на танҳо монеаҳоро дар савдои тарафайн барҳам медиҳанд, балки ҳамчунин тарифҳо ва квотаҳоро дар тиҷорат бо кишварҳои севум мувофиқат мекунанд.

Марҳилаи севум, ин бозори умумӣ мебошад: ба иттиҳоди гумрукӣ бартараф намудани монеаҳо ба ҳаракати омилҳои истеҳсолот байни давлатҳои иштирокчӣ илова карда мешаванд.

Марҳилаи чорум, ин иттиҳоди иқтисодӣ мебошад. Давлатҳои иштирокчӣ бозори умумиро ташкил дода, ба самти ҳамоҳангсозии сиёсати иқтисодӣ бо мақсади маҳдуд ҳаракат мекунанд.

Марҳилаи панҷум, мувофиқи ақидаҳои Баласса, ин ҳамгироии пурраи иқтисодӣ мебошад. Он ташкил намудани сиёсати пулию қарзӣ, андоз, иҷтимоӣ ва зиддибуҳронӣ, таъсиси ҳокимияти фавқулмиллиро тақозо мекунад, ки иҷрои қарорҳои он ба давлатҳои иштирокчӣ ҳатмӣ мебошанд.

Консепсияи Баласса мантиқи ҳаракати пешравандаи ҳамгироии иқтисодиро мефаҳмонад, вале, чуноне ки рушди воқеӣ нишон дод, он аз рӯйи як тарҳи муайяне ба амал меояд. Дар асл, мазмуни иқтисодии ҳамгироӣ мураккабтар аст: марҳилаҳое, ки Баласса кашф намуд, баъзан дар як вақт ба амал меоянд, марҳилаҳои муҳимми мобайниро дар бар мегиранд, ки ба даҳсолаҳо баробаранд.

Камбудии муҳимтарини консепсияи мазкур, ин то охир дуруст арзёбӣ накардани мақом ва миқёсҳои ҳамгироии мусбӣ мебошад, ки он, асосан, беназирии бунёди ҳамгироиро дар Аврупои Ғарбӣ муайян кардааст.

Якчанд фикру ақидаҳо дар бораи таносуби «ҳамгироии бозорҳо» ва «ҳамгироии сиёсат». «Ҳамгироии сиёсат» метавонад ва бояд «дар сафи пеш» бошад ва тағйироти босифатро дар ҳаёти иқтисодӣ таъмин намояд. Бо вуҷуди ин, «ҳамгироии бозорҳо» ҳанӯз ҳам мабдаи ибтидоӣ мебошад. «Ҳамгироии сиёсӣ» танҳо дар ҳамон шакл ва ҳудудҳое имконпазир аст, ки аз ҷониби бозорҳо пурра қабул карда мешавад. «Ҳамгироии сиёсат» алоҳида мавҷуд нест, ҳадафи ягонаи он суръат бахшидан ва ба самти муносиб равона кардани «ҳамгироии бозорҳо» мебошад. Маҳз мутавозинии сиёсати ҳамгироӣ ва рушди воқеии бозорҳо самаранокии раванди ҳамгироиро таъмин мекунад.

Ҳар як қадам ба пеш ба сӯйи «ҳамгироии сиёсат» боиси қавитар гаштани «ҳамгироии бозорҳо» мегардид. Дар навбати худ, баҳамоии бозорҳо барои минбаъд пеш рафтан дар соҳаи сиёсати иқтисодӣ заминаҳо ба вуҷуд оварда, «ҳамгироии сиёсат»-и рушдкунандаро зарур мегардонад.

Ҳукуматҳои давлатҳои ҳамгироишаванда бояд манфиатҳоеро, ки аз тақсимоти босамари захираҳо дар дохили бозори нисбатан калон, аз қувват ёфтани рақобатпазирӣ ва инноватсияҳои пешравии иқтисодиро таъминкунанда, аз сода гардонидани қоидаҳо барои фаъолияти иқтисодӣ дар чорчӯбаи Иттиҳодияи Аврупо ба вуҷуд меоянд, бояд арзёбӣ кунанд. Ҳамзамон, бинобар дар назди халқҳои худ доштани масъулияти сиёсӣ, онҳо инчунин вазифадор ҳастанд, ки харочоти вобаста ба ҳамгироиро муайян намоянд.

Дар назарияҳои муосири ҳамгироӣ на танҳо тағйироти бузург дар дохили худи Иттиҳоди Аврупо, балки тағйироти сохторӣ дар дохили давлатҳо ва ҷомеаҳои миллӣ, инчунин падидаҳои нав дар сиёсат ва иқтисоди ҷаҳонӣ ва умуман низоми муносибатҳои байналмилалӣ инъикос меёбанд.

Назарияи ҳамгироӣ дастовардҳои нави сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, илмҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиро дар бар мегирад. Дар якҷоягӣ онҳо дар бораи як падидаи беназири ҷаҳони муосир, ба монанди ҳамгироии аврупоӣ бо ҳама гуна зуҳуроти гуногуншаклаш тасаввуроти хуби воқеиро медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Rinder Юҳанно Иттиҳоди Аврупо: Дар сохтмони иттиҳод. -Оксфорд, 1991.
2. Sbragia Alberta, Wash., D.C., 1992.
3. Лисин В. Макроэкономическая теория и политика экономического созидания // Экономист. - 2006. -№11. -С. 22-28.
4. Орешенков А. Интегрированные цепочки производства и практика роста. М., 2003. -317 с.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ҲАМГИРОӢ ҲАМЧУН ПАДИДАИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола асосҳои назариявии ташаккули ҳамгироӣ ва алоқаи он бо пешрафти иқтисодиёт, илм ва фарҳанг дида баромада шудаанд. Асоснок карда шудааст, ки назарияи ҳамгироӣ дастовардҳои нави сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ, илмҳои ҳуқуқӣ ва иқтисодиро дар бар мегирад.

Калидвожаҳо: ташаккули ҳамгироӣ, пешрафти иқтисодиёт, назарияи ҳамгироӣ, асосҳои назариявии ҳамгироӣ.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ОСНОВЫ ИНТЕГРАЦИИ КАК ЭКОНОМИЧЕСКОГО ЯВЛЕНИЯ

В статье рассмотрены теоретические основы интеграции и ее связь с развитием экономики, науки и культуры. Понятно, что в теорию интеграции входят новые политические достижения, социальные науки, правовые и экономические науки.

Ключевые слова: формирование интеграции, развитие экономики, теория интеграции, теоретические основы интеграции.

INTERNATIONAL CONSUMPTION IN CAPACITY OF EKONOMICHESCO

The art of theoretical drawings is the integration and development of economics, non-profit and culture. The Poniato, which has been in the field of international politics, is a social, economical, economically and politically.

Key words: integration formation, economic development, integration theory, theoretical bases of integration.

Сведения об авторе: ***Нуриддинова М.С.*** **-** соискатель Инсттитута предпринимательства и сервиса Таджикистана

НАҚШИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ ВА ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДӢ

Нидоев Н.Ф.
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Мақсади асосии мақомоти гумрук ҳамчун субъекти давлатӣ - ин мусоидат дар пешбурди фаъолияти савдои хориҷӣ бо роҳи тезонидан, сода намудани барасмиятдарории гумрукӣ, сари вақт муайян ва бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ мебошад. Бо назардошти тақвият бахшидани нақши кишвар дар муносибатҳои байналмилалӣ Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониро бояд мутобиқи моддаҳои 3 ва 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дурнамои давлатӣ, консепсияҳо ва барномаҳои инкишофи иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007 таҳти №649 “Дар бораи тасдиқи Тартиби таҳияи дурнамоҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон” ҳамчун дурнамои самти хизматрасониҳои гумрукӣ барои иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ муайян намояд.[1]

Дар доираи ин мавзӯъ мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 таҳти №612 дар баробари 34 ваколати муайян гардида, ба ваколатҳои

асосии Хадамоти гумрук дар доираи салоҳияташ таъмин намудани истиқлолият, амнияти миллӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, андешидани тадбирҳо доир ба ҳимояи ҳаёт, саломатии инсон ва ҳифзи муҳити зист, инчунин таъмини риояи қонунгузории гумрукӣ дохил мешаванд.[2]

Аз ин рӯ, дар солҳои охир дар баробари рушди савдои байналмилалӣ нақш ва аҳамияти мақомоти гумруки ҷумҳурӣ дар танзими масъалаҳои тарифию ғайритарифии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз ҷониби мутахассисон ва кормандони он пайваста мавриди таҳлил ва хулосабарорӣ қарор дода мешаванд. Гузашта аз ин, мақомоти гумрук дар баробари амалӣ намудани вазифаҳои давлатӣ оид ба ситонидани пардохтҳои гумрукӣ, инчунин дар рушди савдои хориҷӣ, дар фаъолона амалӣ намудани низом ва вазифаҳои идоракунии гумрукӣ, дар фароҳам овардани шароити мусоид ва ё эҷод намудани монеаҳо дар татбиқи савдои хориҷӣ саҳмгузор аст.

Тавре аз ҳисоботи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ дар соли 2016 бармеояд, нақшаи ҷамъоварии пардохтҳои гумрукии ба маблағи 4231,9 млн сомонии пешбинигардида, ҳамагӣ ба маблағи 3824,8 млн сомонӣ ҷамъоварӣ карда шудааст, ки ин нисбат ба нақша ба андозаи 407,1 млн сомонӣ кам буда, ба 90,4% муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2016» баробар мебошад.

Аз рӯйи нишондиҳандаҳои мазкур иҷроиши нақшаи воридоти пардохтҳои гумрукӣ дар Раёсати минтақавии гумрукӣ (РМГ) дар шаҳри Душанбе 94,2%, дар РМГ дар вилояти Суғд 91,8%, дар РМГ дар шаҳри Турсунзода 70,8%, дар РМГ дар вилояти Хатлон 73,5% ва дар РМГ дар ВМКБ 110,8%-и нақшаро ташкил медиҳад.

Тибқи маълумоти омори гумрукӣ дар соли 2016 нисбат ба соли 2015 воридоту содироти молу воситаҳои нақлиёт тавассути сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 396,7 млн доллари амрикоӣ камтар сурат гирифта, ба ҳисоби миёна пардохтҳои гумрукии он ба маблағи 757,4 млн сомонӣ баробар мебошанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аз ҳаҷми умумии моли дар соли 2016 кам воридгардида, қисми зиёди онҳо молҳое мебошанд, ки махзани асосии андозбандишавандаро ташкил намуда, тағйирёбии нархи молҳо дар бозори ҷаҳонӣ, махсусан номуназзамии нархи маҳсулоти нафтӣ, ба иҷрои нақшаи пардохтҳои гумрукӣ таъсири манфӣ расонидааст. Дар давраи ҳисоботӣ, танҳо аз ҳисоби коҳишёбии ҳаҷм ва арзиши 20 номгӯйи молҳои воридотӣ, ба ҳисоби миёна 791,0 млн сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ситонида нашудаанд.[3]

Дар робита ба ин, яке аз вазифаҳои муҳимми мақомоти гумрук нисбати рушди минбаъдаи низоми хизматрасонии гумрукӣ, кор карда баромадани усулҳои замонавӣ ва ғояҳои илман асоснок бо мақсади ташкил ва идоракунии раванди тиҷорати хориҷӣ барои баланд бардоштани сифат ва самаранокии фаъолияти гумрукӣ буда, нисбати моҳият ва хусусиятҳои хосси хизматрасонӣ таҳия ва қабули талаботҳои навро талаб менамояд.

Аз ин рӯ, ба ақидаи мо, кор карда баромадани консепсияи илман асоснок оид ба рушди мақомоти гумрук, дар асоси низоми хизматрасониҳои мураккаби гумрукӣ бо дарназардошти масъалаҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, илмию техникӣ ва ташкилию инноватсионӣ оид ба фаъолгардонии ба рушди хадамоти гумрук таъсиррасон хело ҳам саривақтӣ аст. Афзалияти роҳандозӣ намудани консепсияи мазкур вобаста ба илман асоснок намудани заминаҳои идоракунии ҳозиразамони Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҳия ва дар амал татбиқ намудани хусусиятҳои хосси консепсияи раванди хизматрасонӣ дар Дастгоҳи марказии хадамот ва раёсатҳои минтақавии гумрукӣ мебошад. Ёдовар шудан бамаврид аст, ки тадқиқотҳои илмӣ дар ин самт ҳанӯз дар зинаҳои аввали тадқиқот қарор доранд.

Бо ин сабаб, дар асоси таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои берунаи тиҷорати хориҷӣ ва аз рӯйи таҷрибаи тамоилҳои рушди мақомоти давлатӣ, зарурати таҷдиди назар намудани мафҳумҳо ва падидаҳои асосии маъмуриятикунонии фаъолияти гумрукии савдои байналмилалӣ барои қонеъ намудани талаботи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва риояи шартҳои асосии Созмони Умумиҷаҳонии Савдо барои гузаштан ба ҳамбастагии дуҷонибаю бисёрҷониба ва баланд бардоштани масъулияти хизматрасонии гумрукӣ баҳри мусоидат ба рақобатпазирии савдои бозори дохилӣ ба амал омадааст.

Таҳлилҳои дар солҳои 90-уми асри XX ва дар давоми ду даҳсолаи аввали асри XXI гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки бо қабули Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моҳи ноябри соли 1992 дар сессияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳрири нави он мутобиқи талаботи қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли

1995 таҳти №198 «Дар бораи мавриди амал қарор додани Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва аз 3 декабри соли 2004 таҳти №62 «Дар бораи қабул намудани Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мавриди амал қарор додани он», мақомоти гумруки ҷумҳурӣ ҳуқуқ пайдо намудааст, ки нисбати гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятпеша ва сохторҳои онҳо, тадбирҳои фаврию ҷӯстуҷӯӣ бо истифодаи воситаю усулҳои махсуси мубориза дар раёсатҳои минтақавии гумрукӣ анҷом бидиҳад.

Ҳанӯз 7 январи соли 2000 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳангоми вохӯрии роҳбарони хадамоти гумруки давлатҳои узви Иттиҳоди гумрукии дар шаҳри Душанбе барпогардида, қайд намуда буданд, ки ба имзо расидани Шартнома дар бораи таъсиси Иттиҳоди иқтисодии Осиёю Аврупо дар пояи давлатҳои узви Иттиҳоди гумрукӣ дар назди мамлакати мо, аз ҷумла дар назди мақомоти гумрук вазифаҳои нав ва бузургеро гузошт, ки онҳо ба ташкили фазои ягонаи иқтисодӣ ва баъдан ба бозори умумӣ равона карда шудаанд. Айни замон мақомоти гумрук, яке аз муҳимтарин институтҳои давлатие мебошад, ки ҳимояи истиқлолият ва бехатарии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пайваста ғанӣ гардондани Буҷети давлатиро таъмин намуда истодааст.

Дар давоми 25 соли мавҷудият ҳиссаи мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули қисми даромади Буҷети давлатӣ афзун гашта, муносибатҳои байналхалқии он мустаҳкам ва ривоҷ ёфтаанд. Иштироки фаъоли мақомоти гумрук дар ташаккули қисми даромади Буҷети давлатӣ дар солҳои 1992-2017 нишон медиҳад, ки мақомоти гумрук, асосан қарор ва вазифаҳои нақшавии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ, асосан иҷро карда меоянд (ба истиснои солҳои 1998-1999, 2015-2016) ва мунтазам фаъолияти худро оид ба назорат аз болои ҳисоб ва пардохти онҳо ба Буҷети давлатӣ инкишоф медиҳанд. Новобаста ба ин, мавқеи мақомоти гумрук дар афзун гардонидани Буҷети давлатӣ сол аз сол тамоили афзоиш дорад. Ҳамин тавр, пардохтҳои гумрукӣ дар соли 1992 - 0,5%, дар соли 1997 - 11,3%, дар соли 2002 - 23,0%**,** дар соли 2007- 6,11%, дар соли 2012 - 14,96% ва дар соли 2016 - 23,8%-и тамоми даромади Буҷети давлатиро ташкил доданд. Дар соли 2017 мутобиқи дурнамои хадамоти гумрук пардохтҳои гумрукӣ то 25,0%-и Буҷети давлатиро ташкил хоҳанд дод.[4]

Аз ин рӯ, фаъолияти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои муҳимми таъмини бехатарии иқтисодии давлат ва инкишофи робитаҳои савдои хориҷӣ гашта, он аз мавқеи муайянкунандаи ин мақомот гувоҳӣ медиҳад.

Ба ақидаи мо, дар чунин марҳилаи тараққиёт мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон манфиатдор аст, ки ба модели гумруки байналмилалии асри XXI мувофиқ гашта, ба рақобат тобовар бошад. Барои ноил шудан ба ин мақсад корҳои зиёдеро нисбати равандҳои мусбати хизматрасонии гумрукии дар мамлакат қувватгирифтаистода идома дода, бо дарки масъулият онро такмил додан зарур аст.

Бо мақсади сари вақт ҳал намудани проблемаҳои зикргардида, зарурати ҳарчи зудтар тағйир додани шарту шароитҳои танзими гумрукию тарифӣ, дигаргун намудани заминаҳои ҳуқуқии раванди содироту воридот ва содагардонии расмиёти гумрукӣ ба манфиати рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва таъмини бехатарии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Чунки натиҷаҳои фаъолияти Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз такмилталаб буда, таъмини саривақтии воридоти пардохтҳои гумрукӣ, мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва таъмини бехатарии иқтисодии ҷумхуриро талаб менамоянд.

Маҳз барои ҳамин, дар солҳои охир барои Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам намудани қонуният, тартибу низом, интизоми хизмативу меҳнатӣ ва баланд бардоштани сифату суръати корҳо ба масъалаи рӯзмарра ва аввалиндараҷа мубаддал гаштааст. Аз ин рӯ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшишҳои зиёдеро дар ин самт ба харҷ дода, талаботро нисбати мақомоти қудратии мамлакат хеле пурзӯр намудааст.[5, 203]

Асоси чунин таҳаввулотро бояд шартҳо ва принсипҳои Конвенсияи байналхалқии тафдидгардида оид ба содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии тартиби барасмиятдарории гумрукӣ, ки бештар бо номи Конвенсияи Киото маълум буда, таҳрири нави он дар моҳи июни соли 1999 аз ҷониби Шӯрои Созмони Байналхалқии Гумрукӣ қабул шудааст, ташкил медиҳад.[6]

Бино ба иттилои сомонаи расмии палатаи поёнии парлумон аз 1 октябри соли 2015 Тоҷикистон ба Конвенсияи байналмилалӣ оид ба содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии расмиёти гумрукӣ, ки моҳи майи соли 1973 дар шаҳри Киотои Ҷопон қабул шудааст, ҳамроҳ шуд. Ҳамроҳшавии Тоҷикистон ба Конвенсия барои ҳавасмандгардонии фаъолияти тиҷорати хориҷӣ бо роҳи содагардонӣ ва тезонидани марҳилаи барасмиятдарорӣ ва назорати

гумрукӣ бе маҳдуд намудани манфиатҳои давлат ва ҷомеа дар мавриди ситонидани боҷ ва андозҳо ва ҳимояи бозори дохилӣ шароити мусоид фароҳам меорад.[7]

Яке аз чунин бартариҳои Конвенсияи мазкур, ин дар чаҳорчӯбаи стандартҳои бехатарии Ташкилоти умумиҷаҳонии гумрукӣ истифодабарии самараноки технологияҳои ғайримуқаррарӣ барои сода кардани расмиёти савдо эътироф ва пешниҳод карда шудаанд.

Бинобар ин, ба ақидаи мо, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки агар дар ҳамаи нуқтаҳои барасмиятдарории гумрукии дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда, системаҳои зудамалкунанда ва доимии махсусгардонидашудаи санҷишии маҷмӯии молу воситаҳои нақлиёт, ҳаҷми боркашонӣ ва таҷҳизотҳои рентгенӣ барои азназаргузаронии гумрукии бори дастӣ ва бағоҷ истифода бурда мешуданд.

Принсипи асосии истифодаи ин гуна санҷишҳо ва азназаргузарониҳои гумрукӣ бояд дар асоси таҳлил ва идоракунии хавфҳо гузаронида шаванд. Дар ин ҷода, таҷрибаи Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Белоруссия оид ба истифодабарии танзимгари ваколатдори иқтисодӣ, ки пеш аз татбиқи қонунгузории гумрукии Иттиҳоди гумрукӣ дар асоси меъёрҳои Стандартҳои бехатарии тарроҳии содагардонии бехатарии савдо роҳандозӣ карда шуда буд, ҷолиби диққат ва мавриди истифодабарӣ аст.[8, 85]

Танзимгари ваколатдори иқтисодӣ, ин шахси муайяне мебошад, ки аз боварии кормандони мақомоти гумрук баҳравар буда, ба ӯ имконияти дар мавридҳои муайян истифодабарӣ аз содагардониҳои махсуси гумрукӣ, аз қабили нигоҳдории муваққатии молҳо дар майдонҳои кушод ва дигар ҷойҳои ба оператори ваколатдори иқтисодӣ тааллуқдошта, иҷозати молҳо то давраи пешниҳоди декларатсияи гумрукӣ, гузаронидани расмиётҳои гумрукӣ оид ба иҷозати мол дар биноҳо, майдонҳои кушода ва дигар ҳудудҳои ба ӯ вобастабуда ва дигар содагардониҳои барасмиятдарории махсуси гумрукӣ дода мешавад. Чунин тарзи кор ба кам кардани хароҷоти молиявӣ ва сарфаи вақт дар иҷрои амалиёти гумрукӣ бо баланд гаштани самаранокии ҳамлу нақли мол дар савдои байналмилалӣ гашта, дар натиҷа боиси рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар ҷумҳурӣ мегардад.

Дар ҳақиқат, асоси рушди Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро шартномаҳои имзокардашуда дар доираи Созмони Умумиҷаҳонии Савдо ва Созмони Умумиҷаҳонии Гумрук бо Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, риояи принсипҳои Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии тартиби барасмиятдарории гумрукӣ, самти асосии рушди хадамоти гумруки кишварро муайян кардааст.

Дар ин раванд, аз таҳлили ҳолати воқеии риояи қонуният ва интизоми хизмативу меҳнатӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015 ва 2016 бармеояд, истифодабарии он боиси ошкор намудани 2060 ҳолати нодуруст пардохт намудани боҷу андозҳои гумрукӣ гашта, ба хазинаи давлат қариб 37 миллион сомонӣ ворид карда шудааст.

Дар натиҷа, ҳаҷми гардиши тиҷорати хориҷии кишвар ба 3 930,0 миллион доллари амрикоӣ баробар ва таносуби воридоту содирот ба нафъи содирот беҳтар шуд. Соли 2016 назар ба соли 2015 воридоти молу маҳсулот ба ҷумҳурӣ ба маблағи 400 миллион доллар коҳиш ёфта, содирот 8 миллион доллар зиёд гардид. Маблағи пардохтҳои гумрукии ҷамъоваришуда нисбат ба соли 2015 ба андозаи 207,6 миллион сомонӣ афзун гардидаанд.

Дар маҷмӯъ, соли 2016 аз ҷониби кормандони мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ 4 644 ҳолати қонуншиканиҳои гумрукӣ ошкор гардид. Дар натиҷаи баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ 4 459 нафар шахсони мансабдор, воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида, ба маблағи 7 410,1 ҳазор сомонӣ пардохтҳои гумрукӣ ва ба маблағи 7 884,8 ҳазор сомонӣ ҷарима ба фоидаи Буҷети давлатӣ ситонда шуд.[9]

Дар иртибот бо ин, қайд кардан зарур аст, ки дар даврaҳои аввали гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ҳар дастоварди тоза ва ҳар қадами навбатӣ вобаста ба таъмини бехатарии иқтисодии ҷумҳурӣ бо заҳматҳои хело гарон ба даст оварда мешавад. Чунки механизми танзими самаранокии фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ҳамчун сиёсати гумрукӣ дар марҳилаи ташаккулёбӣ буда, монанди ҳамаи дигар соҳаҳои фаъолияти гумрукӣ (хусусан усулҳои татбиқи он, таъминоти моддию техникӣ, ҳуқуқию ахборотӣ, кадрӣ ва илмию методӣ) ҳанӯз ба таври пурра ба талаботи иқтисодиёти ҷумҳурӣ ҷавобгӯ нестанд.

Бинобар ин, дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозоргонӣ зарурати кор карда баромадани муносибатҳои нав бо таҳияи сиёсати гумрукӣ дар таъмини шаффофият,

ҳассосият ва тағйироти он ба вазъияти иқтисодии мамлакат ва ба даст овардани тамоили босубот дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ, аз рӯйи чунин пайдарҳамӣ ба миён омадааст:

- кор карда баромадани асосҳои илмии ташаккули сиёсати гумрукӣ ва танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дар шароити либерализатсиякунонии он ва иштироки фаъолонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи созмонҳои байналхалқӣ. Чунин талабот, пеш аз ҳама, баъд аз дохилшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони Умумиҷаҳонни Савдо (СУС) ва ҳамроҳшавии он ба дигар иттиҳоду созишномаҳои байналмилалию минтақавӣ тааллуқ дорад, ки таҷрибаи гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаъол гардонида, ба наздикшавӣ ва татбиқи васеи қоидаҳои байналхалқӣ ва банизомдарории тартиби танзими фаъолияти иқтисодии хориҷӣ мусоидат мекунанд;

- тезонидани муҷаҳҳазгардонии мақомоти гумрук бо воситаҳои техникии ҳозиразамони назорати гумрукӣ, ташкили воситаҳои нави идентификатсиякунонии фаврии молҳо барои муайян намудани таркиби кимёвӣ ва дарёфти дистансиякунонии безарари ашёҳои алоҳида;

- мутобиқ гардонидани фаъолияти тамоми хадамоти давлатӣ ба интиқоли мол, сармоя ва хизматрасониҳои алоқаманд, ба монанди мақомоти гумрук, андоз, стандарти давлатӣ, бонкҳои ваколатдор ва дигар вазорату идораҳои манфиатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- беҳтаршавии ҳамаҷонибаи таъминоти ахборотии мақомоти гумрук ва ташкили шабакаҳои ахборотӣ дар заминаи технологияҳои иттилоотии нави ҳозиразамон.

Дар ин замина мақомоти гумрук вазифадор аст, ки дар доираи салоҳияти худ, аз як тараф, дар амалӣ намудани сиёсати иқтисодӣ иштирок ва манфиатҳои иқтисодии ҷумҳуриро ҳимоя намояд, аз тарафи дигар, бехатарии иқтисодӣ ва асосҳои иқтисодии истиқлолияти мамлакатро дар доираи салоҳияти худ таъмин кунад. Чунки мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 1-и моддаи 460-и § 1-и боби 59-и фасли VII Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти давлатии ҳифзиҳуқуқӣ буда, ҳимояи истиқлолият, бехатарии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, риояи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқиро ҳангоми интиқол додани мол ва воситаҳои нақлиёт аз сарҳади гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Зиёда аз ин, минтақаи мушаххаси ҷавобгарии хадамоти гумрук, ин ҳимояи манфиатҳои давлат дар соҳаи фаъолияти иқтисодии хориҷӣ аз таҳдидҳои хориҷию дохилӣ ва зарарҳои мустақими моддӣ мебошад.[10]

Таҳдиди бехатарии иқтисодии Тоҷикистон аз рӯйи хусусиятҳои худ гуногун аст. Агар хатари махсус дар марҳилаи ҳозира, ин иқтисоди ҷиноятпеша ва ришвахӯрӣ дар соҳаи идории иқтисодӣ, интиқоли ҷиноятқоронаи арзишҳои миллию фарҳангӣ, зеҳнӣ ва асъор ба хориҷа бошад, пас дар заминаи дастовардҳои навтарини соҳаҳо ва воситаҳои гуногуни алоқаҳои коммуникатсиониву электронӣ, алалхусус компютерӣ ва интернет, унсурҳои нави хатари умумибашарӣ падид омада истодаанд, ки метавонанд сарҳадҳоро шикаста, ба махфитарин кашфиётҳои иқтисодӣ, ҳарбӣ ва ҳатто ба силоҳҳои ядроӣ роҳ ёбанд. Бинобар ин, сарфи назар аз он, ки ба воситаи дастовардҳои навтарини соҳаи компютериву алоқаҳои электронӣ, аз як тараф, имкониятҳои мо дар кори тарғибу муаррифии Ҷумҳурии Тоҷикистон даҳҳо маротиба афзояд, аз тарафи дигар тавассути он ба маҷрои беинтиҳои ахбор, ба фазои иттилоотии ҷаҳон бипайвандем ҳам, мо бояд дар алоқамандӣ бо равандҳои ҷаҳонӣ таҳлил ва ҳалли проблемаи таъмини бехатарии иқтисодии ҷумҳуриро тақвият бахшида, баъдан аз дастовардҳои беҳтарини дигар мамлакатҳо бархурдор шавем.

Ҳамзамон, чунин ҷиноятҳо, ба монанди қочоқи аслиҳа, моддаҳои радиоактивӣ, маводи стратегӣ, бахусус маводи нашъаовар, инчунин амалиёти ғайриқонунии компютерӣ ва асъор, ба мамлакат на танҳо зарари иқтисодӣ мерасонанд, балки мустақиман ба таъмини бехатарии давлат таҳдид мекунанд.

Бинобар ин, имрӯз дар байни вазифаҳои мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалӣ гардонидани тадбирҳои ҳимояи бехатарии давлат, аз ҷумла бехатарии иқтисодии он таваҷҷуҳи зиёд зоҳир кардан аз манфиат холӣ нест. Дар ин маврид объектҳои асосии бехатарии дар зер овардашуда бояд ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор дода шаванд:

- шахсият: ҳаёт, саломатӣ, ҳуқуқ ва озодии он;
- ҷомеа: арзишҳои моддӣ ва маънавии он;
- давлат: сохти конститутсионӣ, истиқлолият ва тақсимнопазирии қаламрави он.

Санадҳои қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба масъалаҳои бехатарии иқтисодии мамлакат дахл доранд, қонунӣ будани ташкили системаҳои марбутаи таъмини бехатарӣ ва барои ин кор кардани сохторҳои махсус ва институтҳои давлатиро тасдиқ мекунанд.

Дар айни замон, зарурати такмили минбаъдаи шаклҳои ҳамкории мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар созмонҳои манфиатдори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли таҳияи санадҳои муштараки идорӣ ва меъёрии ҳуқуқӣ, фармонҳо ва дастурамалҳои ҳудудие, ки салоҳият ва фаъолияти ҳар як иштирокчиро танзим менамоянд, эҳсос карда мешавад.

Маҳз бо ҳамин сабабҳо зарурати васеъ намудани ҳамкории бевоситаи мақомоти гумруки ҷумҳурӣ бо мақомоти гумрук ва дигар сохторҳои ҳифзиҳуқуқии давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналхалқии дар муборизa алайҳи қочоқи маводи нашъаовар ва аслиҳа, маводи радиоактивӣ ва технологияи иттилоотӣ ва инчунин риояи санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба миён омадааст.

Бинобар ин, дар ояндаи наздик Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани сатҳи даромади Буҷети давлатӣ ва таъмини бехатарии иқтисодии кишвар вазифаҳои дар наздаш истодаро бояд бо дарназардошти дурнамои рушди инноватсионии хизматрасонии гумрукӣ баҳри расидан ба ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ намояд.[11, 171-175]

Ҳамин тариқ, дурнамои Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин на танҳо таъмини истиқлолият ва бехатарии иқтисодии мамлакат бо дарназардошти самтҳои дар боло таҳлилкардашуда, балки ба даст овардани самаранокии бештар дар фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии ҷумҳурӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Дар бораи тасдиқи Тартиби таҳияи дурнамоҳои кӯтоҳмуҳлат, миёнамуҳлат ва дарозмуҳлати давлатии рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2007 таҳти №649.
2. Дар бораи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 таҳти №612.
3. Ҳисоботи Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҷамъоварии пардохтҳои гумрукӣ дар соли 2016. [Захираи электронӣ]. http://www.customs.tj/index.php? Option =com_content&view=article&id=451%3A-2016&catid=80%3A2017-01-16-22-25-18&Itemid=102&lang=ru.
4. Маълумотҳои расмии ҳисоботии Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (бо забони русӣ). - Душанбе: TSRT, 2016.-254 с.
5. Нидоев Н.Ф. Таъмини истиқлолияти иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н.Ф. Нидоев. -Душанбе: Ирфон, 2007. -262 с.
6. Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии тартиби барасмиятдарории гумрукӣ дар шаҳри Киото, 18 майи соли 1973. [Захираи электронӣ]. http://www.tamognia.ru/doc_base/document.php?ID=1571053. (ба забони русӣ)
7. Тоҷикистон ба Конвенсияи гумруки Киото ҳамроҳ шуд//01.10.2015. [Захираи электронӣ]. https://news.tj /ru/node/215640.
8. Управление в области таможенного дела: сб. материалов междунар. науч. конф. -Минск, 20 марта 2014 г. /редкол.: В.Г. Шадурский (отв. ред) [и др.]. -Минск: Изд. Центр БГУ, 2014. -155 с. - (С. 79-86).
9. Дар ҳифзи марзҳо ва манфиати миллӣ. [Захираи электронӣ]. http://www.jumhuriyat.tj/ index.php?art_id=27743.
10. Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбороти ВДПД ҶТ. -Душанбе: Ирфон, 2013. -462 с.
11. Раджабов Р.К. Таможенная система: сосояние, проблемы и инновационное развитие / Р.К. Раджабов, С.И. Хикматов. -Душанбе: Сумани қудрат, 192 с.
12. Раджабов Р.К. Некоторые подходы к формированию механизма управления инфраструктуры региональной таможенной системы / Р.К. Раджабов // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. - Душанбе: Сино, 2014. - №2/1(127).

НАҚШИ МАҚОМОТИ ГУМРУК ДАР РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДИИ ХОРИҶӢ ВА ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИҚТИСОДӢ

Дар мақола самтҳои муосири рушди хадамоти гумрукӣ ва фаъолияти иқтисоди хориҷӣ дар ҳошияи таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Роҳҳои беҳдошти фаъолияти гумрукӣ дар ояндаи наздик пешниҳод гардидаанд.

Калидвожаҳо: хадамоти гумрукӣ, Конвенсияи Киот, стандартҳои амниятӣ, оператори иқтисодӣ, фаъолияти гумрукӣ, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, амнияти иқтисодӣ.

РОЛЬ ТАМОЖЕННЫХ ОРГАНОВ В РАЗВИТИИ ВНЕШНЕЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ И ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ БЕЗОПАСНОСТИ

В статье рассмотрены современные направления развития таможенной службы и внешнеэкономической деятельности в контексте обеспечения экономической безопасности Республики Таджикистан. Предлагаются пути улучшения таможенной деятельности на ближайшее будущее.

Ключевые слова: таможенная служба, Киотская конвенция, рамочные стандарты безопасности, экономический оператор, таможенная деятельность, внешнеэкономическая деятельность, экономическая безопасность.

THE ROLE OF CUSTOMS BODIES IN DEVELOPMENT OF FOREIGN ECONOMIC ACTIVITY AND ENSURING ECONOMIC SAFETY

The article is modern trends in the development of the customs service and foreign economic activity are considered in the context of ensuring the economic security of the Republic of Tajikistan. Ways of improving the Customs activity for the near future are suggested.

Key words: customs service, Kyoto convention, framework safety standards, economic operator, customs activity, foreign economic activity, economic security.

Сведения об авторе: ***Нидоев Н.Ф.*** - доктор экономических наук, профессор, заведующий кафедрой экспертизы товаров и таможенной деятельности Таджикского государственного университета коммерции. Телефон: **(+992 37) 234-83-46; 900-14-88-88.** E-mail: **nozimjon.nidoev@mail.ru**

УСТОЙЧИВОЕ РАЗВИТИЕ АПК КАК УСЛОВИЕ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ СТРАНЫ

Самиев Ш.Ф., Махмадизода Ф.Б. (Махмадиев Ф.Б.), Джабборова З.М.
Институт экономики сельского хозяйства ТАСХН

Продовольственная безопасность является гарантированной, если население по медицинским нормам снабжается достаточно основными продуктами питания. Реально «золотой миллиард» населения развитых стран ежедневно поглощает 3400 ккал в расчете на одного человека. При этом более 1 млрд. человек бедных стран Азии и Африки потребляют в среднем по 2040 ккал в день, что значительно ниже физиологического уровня».[1]

Начиная с 70-х г. вопросы продовольственной безопасности принимали глобальный масштаб. В современных условиях ФАО квалифицирует состояние продовольственной безопасности на планете как продовольственный кризис. Потому что начиная с 90-х г. наблюдается обратная тенденция опережения роста производства зерновых относительно роста народонаселения. Если в 1984 г. по зерновым предел составил 342 кг в год на одного человека, то потом постепенно он начал снижаться, опустившись до 300 кг в 1996 г.

По мнению экспертов ФАО, вследствие демографического роста стран Азии и Африки мировой спрос на продовольствие к 2050 году увеличится в 3 раза. Объем величины мировых страховых запасов продовольствия за последние 45 лет снизался до минимально допустимого уровня: если в 1961 г. их могло хватить на 3 месяца, то сегодня только на 45-50 дней потребления.[2]

Эти мировые тенденции оказывают влияние и на продовольственную безопасность нашей республики. Потому что наблюдается неустойчивость в развитии агарного сектора национальной экономики республике. Например, хотя последние годы объем производства валовой продукции сельского хозяйства увеличивается, но это происходило в основном за счет интенсивного использования имеющихся ресурсов. За период 1991-2014 гг. всего число земель в пользовании сельхозпредприятий уменьшилось от 9573,4 до 6885,1 тыс. га.

Таблица 1. Производство продукции сельского хозяйства на душу населения (кг)

	1991	**2011**	**2012**	**2013**	**2014**
Зерно	54,3	142,8	1541,	172,5	159,6
Картофель	32,3	113,3	123,9	138,2	103,4
Овощи	112,1	163,1	1678,	184,6	187,6
Бахчевые	31,2	55,6	58,1	61,3	66,.1
Фрукты и ягоды	31,6	34,1	39,2	40,7	41,3
Виноград	21,6	20,3	20,9	21,7	22,9
Мясо (в убойном весе)	13,4	9,9	10,1	10,7	12,0
Молоко	104,9	91,4	97,3	102,6	103,5
Яйца, штук	81,1	33,4	36,5	42,6	42,4

Источник: Сельское хозяйство Республики Таджикистан. -Душанбе, 2015. -С.17

Производство продовольственной продукции сельскохозяйственного происхождений на душу населения имеет тенденцию роста. Например, за анализируемый период производство зерна на душу населения увеличилось более чем в 2,9 раза, картофеля – 3,2 раза, овощей – 1,6, бахчевых – 2,1 и т.д. Только производство мяса, молока и яиц на душу населения уменьшилось.

Однако, хотя наблюдается тенденции роста аграрного производства, но это нельзя оценить как устойчивое развитие. Поскольку значительной части хозяйствующих субъектов аграрной экономики удается изыскать ресурсы для обновления основного капитала. Более 59,0

сельскохозяйственных предприятий являются убыточными, что сказалось на отрицательном финансовом результате и, соответственно, в организации воспроизводственного процесса. Сложным остается процесс развития дехканских крестьянских (фермерских) хозяйств. В результате ухода государства из отрасли и под влиянием созданных неблагоприятных макроэкономических условий наблюдается диспаритет цен между отраслями сельского хозяйства и другими отраслями экономики, нарушается эквивалентный обмен, что, по сути, лишило большинство сельскохозяйственных товаропроизводителей ресурсов не только для расширенного, но и для простого воспроизводства. Эксперты отмечают, что глобализационные процессы, хотя приводят к большей стабильности на мировом продовольственном рынке, но это достигается за счет определенной потери национальной продовольственной независимости и отхода от устойчивого развития. Это обусловит необходимость защиты национальных интересов всеми доступными цивилизованными средствами и переходом к устойчивому развитию. В мировом масштабе признано, что главный путь обеспечения продовольственной безопасности – это переход к устойчивому развитию.

Именно поэтому «…теория устойчивого развития в последние десятилетия стала самой популярной. По мнению некоторых ученых, на смену теории экономического роста пришла концепция устойчивого развития».[3]

Сейчас в литературе насчитывается более 60 определений устойчивого развития. Это отражает как сложность самого понятия, включающего экономические, экологические и социальные аспекты развития человечества, так и несовпадение взглядов ученых, предпринимателей и политиков. Историческое понятие «устойчивое развитие» (sustainable development) связано с экологией. Одно из самых ранних определений устойчивого развития было предложено Канадской комиссией по охране окружающей среды в 1915 г.: «...Каждое поколение имеет право на определенный процент естественного капитала, но основная часть этого капитала должна быть передана следующему поколению нетронутым».[4]

Международная комиссия по окружающей среде и развитию в 1987 г. дала следующее определение устойчивому развитию: «…устойчивое развитие – это такое развитие, которое удовлетворяет потребности настоящего времени, но не ставит под угрозу способность будущих поколений удовлетворять свои собственные потребности. Оно включает два ключевых понятия: 1) понятие потребностей, в частности потребностей, необходимых для существования беднейших слоев населения, которые должны быть предметом первостепенного приоритета; 2) понятие ограничений, обусловленных состоянием технологии и организацией общества, накладываемых на способность окружающей среды удовлетворять нынешние и будущие потребности».[5]

В экономике устойчивость исторически связывали с экономическим развитием «…в классической теории экономического равновесия, представителями которой являются А. Смит, Д. Риккардо, К. Маркс, основная концепция сводилась к равенству спроса и предложения, доходов и расходов, максимизация прибыли. Неоклассическая теория экономического равновесия (Л. Вальрас, В. Парето) придерживалась концепции конкурентного равновесия, гибкости цен и оптимального использования ресурсов».[6]

В настоящее время термин «устойчивое развитие» («sustainable development») стал применяться в экономической теории для характеристики типа экономического развития. «… развитие, так же, как и производное от него значение - экономическое развитие, характеризует нелинейный (скачкообразный и прерывистый) процесс нарастания сложности при переходе от одного качественного состояния к другому, так же, как и смену самих типов. Не случайно поэтому в мировой экономической науке наряду с теориями экономического роста (economic growth) распространилось новое научное направление - теория экономического развития (economic development)».[7]

Понятия «экономический рост» и «экономическое развитие» тесно взаимосвязаны. Устойчивое экономическое развитие предполагает устойчивый экономический рост. В свою очередь устойчивый экономический рост «…определяет устойчивое развитие экономики. Устойчивое экономическое развитие – это последовательное улучшение одного состояния другим в силу положительного роста и сбалансированного взаимодействия составляющих экономической системы в долговременном интервале времени. Неустойчивость экономической системы – неспособность ее сохранять движение вдоль положительной траектории роста в силу ее отрицательных составляющих».[8]

В научной литературе по аграрной тематике и сельскохозяйственной практике широко используется термин «устойчивое сельское хозяйство» (sustainable agriculture). Однако к настоящему времени не сложилось единого определения данного понятия. Во многих

Бояд зикр кард, ки санадҳои байналмилалие, ки аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон эътироф шудаанд, тибқи Конститутсия қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишварро ташкил медиҳанд ва дар танзими муносибатҳои оилавӣ, таъмини баробарии мардону занон ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии модару кӯдак низ нақши калидӣ доранд.

Ба зумраи онҳо метавон Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, Конвенсия дар бораи рафъи ҳама гуна шаклҳои табъиз нисбат ба занон, Конвенсия дар бораи ҳуқуқҳои кӯдак, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ, Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар санадҳои муҳимро шомил намуд.

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зикршуда меъёру падидаҳои навро, ки қаблан ба қонунгузорӣ маълум набуданд, дар бар гирифта, ба рушди низоми ҳуқуқи оилавӣ дар кишвар заминаи мусоиди ҳуқуқӣ гузоштанд ва ба ташаккули оилаи солим, ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои ҳар як узви оила, хусусан занону кӯдакон мусоидат намуданд.

Ба зумраи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба танзими муносибатҳои оилавӣ равона гардидаанд, инчунин Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 1999, №5 «Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа»; қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 марти соли 2000, №98 «Дар бораи тасдиқи Низомномаи мақомоти васояту парастории»; аз 8 августи соли 2001, №391 «Дар бораи барномаи давлатии «Самтҳои асосии сиёсати давлатӣ оид ба таъмини ҳуқуқу имкониятҳои баробари мардону занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2001-2010»; аз 1 октябри соли 2004, №406 «Дар бораи тасдиқи номгӯи бемориҳое, ки ҳангоми ба онҳо мубтало будан шахс наметавонад кӯдакро ба фарзандхонӣ қабул кунад, таҳти васоят (парастории) гирад»; аз 1 октябри соли 2004, №407 «Оид ба тасдиқи навъҳои музди меҳнат ва дигар даромадҳое, ки аз онҳо барои таъминоти кӯдакони ноболиғ алимент рӯёнида мешавад»; аз 1 ноябри соли 2006, № 496 «Дар бораи Барномаи давлатии тарбия, интихоб ва ҷобаҷогузории кадрҳои роҳбарикунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби занону духтарони лаёқатманд барои солҳои 2007 - 2016»; аз 29 майи соли 2010 таҳти №269 «Дар бораи тасдиқи «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020»; аз 30 декабри соли 2015, таҳти №801 «Дар бораи Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои зиёди ҳуқуқӣ дохил мешаванд.

Зикр бояд кард, ки Кодекси оила, ки 13 ноябри соли 1998 бо тақозои воқеияти нави иҷтимоӣ ва ташаккули муносибатҳои оилавӣ дар замони нав қабул гардид, меъёрҳои муҳимро, ки қаблан ба қонунгузории оилавӣ маълум набуданд, дар худ инъикос карда, дигаргуниҳои куллиро дар ташаккули муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ ба вуҷуд оварда.

Ин санади меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ ва устувории он пешбинӣ намуд, ки муносибати байниҳамдигарии ҳамсарон ва дигар аъзои оила ба эҳтирому муҳаббат, ёрии байниҳамдигарӣ ва масъулияти тамоми аъзои оила дар ҳаёти якҷоя, озод будани оила аз дахолати шахсони сеюм, иҷрои ҳатмии ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳар яке аз аъзои оила дар назди ҳамдигар, инчунин имконияти ҳимояи судии онҳо асос меёбанд.

Хусусияти муҳимми ташаккули ҳуқуқи оилавӣ дар замони нав дар он зоҳир мегардад, ки он аз танзими императивии муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ даст кашида, мавқеи меъёрҳои хусусияти ҳатмидоштаро дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ маҳдуд намуд ва дар ин замина нақши меъёрҳои диспозитивӣ дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи оилавӣ назаррас гардида, аксари масъалаҳо бо ризоияти издивоҷкунандагон ва аъзои дигари оила баррасӣ мегарданд.

Падидаи муҳиме, ки қонунгузории оилавӣ муқаррар намуд, муоинаи тиббии издивоҷкунандагон ба шумор меравад, ки ҳадафи он, пеш аз ҳама, таҳкими заминаҳои оилаҳои солим, таъмини пойдорӣ ва хушбахтии оилаҳо, пешгирии панҳншавии бемориҳои сирояткунанда ва таваллуди фарзандони солим мебошад.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузории кишвар аз 23 январи соли 2015 ва суханронии худ ба муносибати Рӯзи модар 6 марти соли 2015 ба ин масъала аҳамияти махсус зоҳир намуда, зикр карданд, ки «яке аз сабаби пош хӯрдани оилаҳо дар он аст, ки бисёре аз падару модарон фарзандро бе муоинаи тиббӣ хонадор карда, вазъи саломатии онҳоро ба эътибор намегиранд».

Ҳамчунин Роҳбари давлат дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи модар 6 марти соли 2015 ба масъалаи аз никоҳҳои хешутаборӣ наздик таваллуд шудани фарзандони маъюб изҳори нигаронӣ карда, қайд намуданд, ки «донишмандони соҳаи генетика ва тибби тоҷик сабаби бемориҳои солҳои охирро ба никоҳи хешутаборӣ наздик низ мансуб дониста, тамоюли рӯ ба афзоиш будани онро илман исбот намудаанд.

Чунончи, аз 165 ҳазор нафар маъюбе, ки дар кишвар ба қайд гирифта шудааст, 35 фоизаш ба иллати никоҳи хешутаборӣ наздик ба миён омадааст».

Дар Консепсияи рушди оила дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо дарназардошти нақши калидии оила дар таъмини суботу ҳамдигарфаҳмӣ ва ваҳдату якдилӣ қабул шуда, мақсади он таҳкими заминаҳои оиладорӣ мебошад, пешбинӣ гардидааст, ки аҳолии кишвар зиёда аз 8 миллиону 70 ҳазор нафар буда, 42%-и онро кӯдакони синни то 18-сола ташкил медиҳад. Дар ҷумҳурӣ ҳамасола 2,5-3 ҳазор кӯдак кӯдакони маъюб ба қайд гирифта шуда, ба ҳолати то 1 январи соли 2015 шумораи онҳо 26043 нафар, ё 0,8%-и шумораи умумии кӯдакони синни то 18-соларо ташкил медиҳад. Мувофиқи хулосаҳои мутахассисон дар 35% ҳолатҳо сабаби таваллуди кӯдакони маъюб никоҳи хешутаборӣ наздик мебошад.

Дар ҳамин радиф бо мақсади ташкили оилаҳои солим, пешгирии паҳншавии бемориҳои сирояткунанда, тавлид ва ба воя расидани фарзандони солим ва умуман барои ҳалли мушкилии ҷойдошта дар ин самт ба моддаи 15 Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 июли соли 2016 тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, тибқи он аз муоинаи ҳатмии тиббӣ гузаштани шахсони издивоҷкунанда пеш аз бастани ақди никоҳ дар муассисаҳои давлатии соҳаи тандурустӣ ба таври ройгон пешбинӣ гардид.

Ҳамчунин, дар Кодекси оила бо мақсади пешгирии таваллуди кӯдакони маъюб аз никоҳҳои хешовандони наздик, бастани ақди никоҳ байни хешовандон аз ҷумла, байни фарзандони бародарон, хоҳарон, бародару хоҳар, байни таға ва ҷиян, амак ва бародарзода, хола ва хоҳарзода, амма ва ҷиян, байни шахсоне, ки аз як зан шир макидаанд ва байни шахсоне, ки аз муоинаи тиббии ҳатмӣ нагузаштаанд, манъ карда шуда, ин ҳолатҳо баробари дигар асосҳо ҳамчун монеаи ақди никоҳ эътироф карда шуданд.

Кодекси оила ҳамчунин меъёрҳои муҳимро дар самти амалишавии ҳуқуқи кӯдак, аз қабили ҳуқуқи кӯдак барои озодона изҳор намудани фикри худ пешбинӣ намуда, муқаррар кардааст, ки кӯдак ба доштани насаб, ном ва номи падар ҳуқуқ дорад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки дар шароити муосир номгузории миллӣ, яке аз асосҳои муҳимми эҳёи анъана ва дигар арзишҳои миллӣ маҳсуб меёбад.

Номгузории миллӣ низ дар ҳар давру замон ҳамчун мероси ғании фарҳангӣ мақому манзалати бузург дошта, ҳамчун ҷузъи таърих, фарҳанги миллӣ ва маърифати оиладорӣ ба эътирофу инкишофи фарҳанги муосир ва беҳдошти симои маънавии инсон таъсири амиқу ғизои маънавӣ гузошта, тафаккур, заковати фитрӣ, шуури маънавӣ ва анъанаҳои бузурги фарҳангсолории миллиро сайқал дода, дарҳои маънавии ҷомеаро боз менамояд.

Аз ин лиҳоз, дар баробари арзишҳои мухталиф, номгузории миллӣ низ дар ҳама давру замон ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимми фарҳанг ва анъанаҳои миллии давлати ташаккулёфта ба шумор меравад.

Дар воқеъ истифодаи маъмули номгузорӣ такя бо анъанаҳои миллӣ танҳо бо давраи ба даст овардани соҳибистиқлолии миллӣ ва дар таҳрири нав қабул гардидани як зумра санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷилои тоза пайдо намуда, таваҷҷуҳи хоссаро ба худ ҷалб намуд ва аз ҷониби падару модарон зимни номгузории фарзандони худ ба таври васеъ аз он истифода гардид.

Дар масъалаи номгузории фарзанд бояд тамоми ҷабҳаҳои ахлоқиву маънавии ояндаи фарзанд ба инобат гирифта шуда, номгузории ӯ бештар бо такя ба воситаҳои илмӣ, мулоҳизаи мантиқӣ ва анъанаҳои миллӣ амалӣ карда шавад ва дар ин ҷода муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» риоя карда шавад.

Ҳар як шаҳрванд, хусусан падару модарон бояд дар номгузорӣ ба фарзандони хеш аҳамияти махсус зоҳир намуда, бо мақсади тарғибу ташвиқи бештари номгузории миллӣ бетараф набошанд ва доираи илму адаб, олимону мутахассиони соҳаи фарҳангу забон ва таъриху ҳуқуқ китобу маҷаллаҳо ва дастурамалҳоеро, ки фарогири шарҳи мазмуну маънои номгузории миллӣ мебошанд, таҳия ва нашр намоянд, ки ин иқдом барои баланд гардидани сатҳи маърифату фарҳанги маънавӣ ва ахлоқии аҳолии кишвар заминаи мусоид фароҳам меорад.

Вобаста ба танзими масъалаи номгузорӣ бо дарназардошти арзишҳои таърихӣ ва фарҳанги миллии тоҷикӣ 15 марти соли 2016 ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии асноди ҳолати шаҳрвандӣ» тағйиру иловаҳо ворид гардида,

муқаррар шуд, ки номгузорӣ ва шакли дурусти навишти он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи фарҳанг, анъанаҳои миллӣ ва Феҳристи номҳои миллии тоҷикӣ амалӣ мегардад.

Дар Қонуни зикршуда пешбинӣ шудааст, ки насаби кӯдак дар вақти бақайдгирии давлатии таваллуд бо насаби падар ё модар ва ё насаби аз номи падар ташаккулёфта сабт карда мешавад.

Дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчунин омадааст, ки насаби шахс тибқи анъанаҳои миллии тоҷикӣ метавонад аз номи падар ё решаи насаби ӯ бо иловаи пасвандҳои насабсози -ӣ, -зод, -зода, -он, -ён, -иён, -ёр, -ниё, -фар ташаккул ёбад. Насаби шахс ҳамчунин метавонад аз номи падар ё решаи насаби падар ё модар бе илова намудани пасвандҳои насабсоз ташаккул ёбад.

Ҳамзамон, дар сатҳи қонун ба кӯдак гузоштани номи ба фарҳанги миллии тоҷикӣ бегона, номи ашё, мол, ҳайвонот ва парандагон, инчунин ном ва ибораҳои таҳқиромез, ки шаъну шарафи инсонро паст мезананд ва одамонро ба табақаҳо ҷудо менамоянд, манъ карда шуд.

Дар сатҳи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бақайдгирии давлатии аснодии ҳолати шаҳрвандӣ» тибқи тағйиру иловаҳои ба он 15 марти соли 2016 ворид шуда, ҳуқуқи ақаллиятҳои миллӣ ба ном дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи анъанаҳои миллиашон кафолат дода шуда, ба онҳо иҷозат дода шудааст, ки онҳо бо хоҳиши худ метавонанд номгузории кӯдаконашонро тибқи анъанаҳои миллиашон амалӣ намоянд.

Дигар меъёри муҳим, ки дар қонунгузории оилавӣ пешбинӣ шудааст, ин имконияти бастани аҳдномаи никоҳ аз тарафи издивоҷкунандагон ва ҳамсарон ба шумор меравад, ки ҳадафи асосии онро ҳимояи ҳуқуқҳои молумулкии ҳамсарон дар давраи ҳамзистии якҷоя ва дар давраи бекор намудани ақди никоҳ ташкил медиҳад.

Ҷиҳати муҳимми муқаррароти қонунгузории оилавӣ дар самти танзими шартномавии муносибатҳои оилавӣ, аз ҷумла аҳдномаи никоҳ дар он аст, ки онҳо қобилияти ҳуқуқдорӣ ё амалкунии ҳамсаронро маҳдуд намекунанд ва ба танзими муносибатҳои шахсии ғайримолумулкии онҳо ва муносибатҳои ҳуқуқии ҳамсарон нисбат ба фарзандон халал намерасонанд. Вале дар таҷриба кам ҳолатҳое ба чашм мерасанд, ки ҳамсарон аз ин муқаррароти қонунгузории оилавӣ оид ба бастани аҳдномаи никоҳ истифода намуда, дар доираи он муносибатҳои молумулкиро танзим намоянд.

Амалҳое мушоҳида мегарданд, ки яке аз ҳамсарон, хусусан мардон бо ҳар роҳ кӯшиш мекунанд, ки ҳамсари худро аз ҳуқуқҳои молумулкӣ ба моликияти муштарак маҳрум намуда, ҳатто ба хотири ба миён наомадани ҳуқуқ ба моликияти муштарак, принсипҳои муҳимми ҳуқуқи оилавӣ ва меъёрҳои ахлоқиро, ки муносибатҳои оилавӣ дар асоси онҳо ташаккул меёбанд, сарфи назар карда, аз барасмиятдарории давлатии ақди никоҳ саркашӣ мекунанд.

Дар натиҷа ҳамсаре, ки манбаи даромад ва моликияти мустақилона надорад, аз ҳифзи меъёрҳои қонунӣ нисбат ба ҳуқуқ ба моликияти муштарак бархурдор нагардида, ҳуқуқу манфиатҳояш халалдор мешаванд. Имрӯз Кодекси оила бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандони кишвар зимни бастани ақди никоҳ бо шаҳрвандони хориҷӣ ба таври ҳатмӣ бастани аҳдномаи никоҳро пешбинӣ кардааст, ки ин меъёр то андозае барои ҳимояи манфиатҳои иҷтимоии шаҳрвандони кишвар заминаи ҳуқуқӣ фароҳам овард.

Кодекси оила созишномаи пардохти алиментро низ муқаррар намудааст, ки ин созишнома дар байни шахсе, ки алимент месупорад ва шахсе, ки онро мегирад, баста мешавад. Инчунин, ҳуқуқи фарзандони болиғи таҳсилкунанда ба алимент муқаррар карда шудааст, ки тибқи он суд метавонад барои фарзандони болиғ, ки донишҷӯи таҳсили рӯзонаи муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёна ва олӣ мебошанд, мутаносибан то ба синни 20 ва 24 - солагӣ расиданашон аз падару модар алимент ситонад.

Дар баробари ин, Кодекси оила индексатсияи пардохти алиментро пешбинӣ менамояд, ки аз рӯйи он маблағи алимент бо ҳалномаи суд дар шакли пули устувор аз ҷониби маъмурияти ҷойи кори алиментсупоранда мутаносибан бо зиёдшавии андозаи ҳадди ақали музди меҳнат, тибқи тартиби муқарраргардида индексатсия карда мешавад.

Масъалаи фарзандхонӣ низ дар Кодекси оила танзими қонунии худро пайдо намуда, ҳалли он ба ваколати суд вогузор шудааст. Вобаста ба падидаи фарзандхонӣ қайд кардан зарур аст, ки ҳанӯз соли 2006 бо мақсади ба ғамхории оилавӣ фаро гирифтани кӯдакони ятиму бепарастор ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо, инчунин амалишавии меъёри конститутсионӣ дар хусуси он, ки модару кӯдак таҳти ҳимоя ва ғамхории махсуси давлатанд ба қонунгузории оилавӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, тибқи он тартиби барасмиятдарории фарзандхонӣ барои шаҳрвандони Тоҷикистон содатар гардида, фарзандхондии шаҳрвандони мамлакат аз ҷониби шаҳрвандони хориҷӣ ва ашхоси бешаҳрванд манъ карда шуд.

Амали мазкур ба он мусоидат намуд, ки кӯдакони бепарастор худро танҳою бекас эҳсос накарда, имкони васеи дар оилаҳои солими шаҳрвандони кишвар ба воя расиданро пайдо намуданд. Бо дарназардошти муҳим будани масъалаи мазкур ва ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонуни кӯдакони бепарстормонда Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 23 апрели соли 2014 зикр карданд, ки «... ба Кодекси оила дар хусуси фарзандхонӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шуда, ҳамзамон бо ин низоми қонунгузории оилавӣ такмил дода шавад».

Бинобар ин, барои боз ҳам сода гардонидани низоми фарзандхонӣ ва ҳарчи бештар ба тарбияи оила фаро гирифтани кӯдакони бепарастор 23 ноябри соли 2015 ба боби фарзандхонии Кодекси оила як зумра тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд.

Дар маҷмӯъ муқаррар гардидани доираи васеи муносибатҳои хислати диспозитивидошта дар қонунгузории оилавӣ имкон медиҳад, ки муносибатҳои оилавӣ бештар ташаккул ёфта, арзишҳои оиладорӣ нигоҳ дошта шаванд.

Зимнан, дар ҳар давру замон яке аз вазифаҳои муҳимми оила ва қонунгузории оилавӣ ин муҳайё кардани замини мусоид барои тарбия ва ба камол расидани кӯдак, ҳамчунин ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии онҳо маҳсуб меёбад.

Бо мақсади баланд бардоштани масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд, ба роҳи рост ва меҳнати созанда, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва риояи меъёрҳои одобу ахлоқ ҳидоят намудани онҳо, ки метавонад ба тарбияи дурусти фарзанд дар оила таъсири мусбӣ расонад, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» қабул гардид. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» тамоми меъёрҳое, ки метавонанд ба тарбияи дурусти фарзанд мусоидат намоянд, зикр шуда, дар он вазифаи падар ва модар, давлат ва ҷомеа дар тарбияи фарзанд муайян гардидааст.

Аммо, новобаста ба чораҳои андешидашуда, ҳоло низ дар ин самт камбудиҳо ба чашм расида, муқаррароти санади меъёрии ҳуқуқии зикршуда ба таври зарурӣ иҷро карда намешавад. Бинобар ин, дар Паёми Сардори давлат ба Маҷлиси Олӣ аз 23 январи соли 2015 ба масъалаи мазкур низ таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуда, пешниҳод гардид, ки «... ҷиҳати ба роҳ мондани назорати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдор дар Дастгоҳи иҷроияи Президенти кишвар воҳиди нави сохторӣ таъсис дода шавад».

Ҳамчунин, дар ин Паём аз ҷониби Президенти кишвар пешниҳод гардид, ки «бо мақсади таъмини ҳифзи ҳуқуқи кӯдак дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, институти Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шавад». Бо мақсади амалишавии ҳадафҳои дар Паём гузошташуда, дар кишвар Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак таъсис дода шуда, дар сохтори Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон шуъбаи ҳифзи ҳуқуқи кӯдак ба фаъолият шурӯъ намуд.

Ин иқдомҳо бори дигар диққати ҷомеа, хусусан падару модар ва мақомоти дахлдори давлатиро ба ҳалли мушкилиҳо дар ин самт ҷалб намуда, воқиф месозанд, ки уҳдадории асосии онҳо, ин тарбияи фарзанд аст ва барои амалишавии ин вазифи муҳим кӯшиш намуда, барои ба воя расонидани насли наврас дар рӯҳияи инсондӯстиву ватанпарастӣ уҳдадориҳои ахлоқию маънавии хешро дар ин ҷода иҷро намоянд.

Ҳамчунин, таъсиси ниҳоди нави демократӣ -Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак барои ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои қонунии кӯдак такони ҷиддӣ бахшида, ҷиҳати баланд гардидани мақоми байналмилалии Тоҷикистон, иҷрои муқаррароти санадҳои байналмилалӣ, аз ҷумла Конвенсия оид ба ҳуқуқи кӯдак, ки Тоҷикистон онро ҳанӯз соли 1993 ба тасвиб расонидааст ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа мусоидат мекунад.

Ғамхорӣ дар ҳаққи оила, боло бурдани сатҳи иқтисодии онҳо, таъмини ҳаёти осудаву саодатмандонаи ҳар як узви оила ва баробарии воқеии онҳо дар ҳалли ҳама гуна масъалаҳои оилавӣ мақсаду маром ва ҳадафи ҳамешагии давлату Ҳукумати кишвар мебошад.

Ҳамин аст, ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба парлумони кишвар 23 январи соли 2015 оид ба масъалаҳои маърифати оиладорӣ, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд, омода кардани фарзандон ба ҳаёти мустақилона ва пойдории оила ибрози назар карда шуда, бинобар рӯзмарра будани масъалаи мазкур пешниҳод гардид, ки дар синфҳои болоии мактабҳои таҳсилоти умумӣ курсҳои махсуси таълими маърифат ва одоби оиладорӣ ба роҳ монда шуда, соли 2015 «Соли оила» эълон карда шавад.

Дар ҳамин радиф бинобар соли оила эълон шудани соли 2015 бо мақсади таҳкими заминаҳои маърифати оиладорӣ як зумра тадбирҳои мушаххас роҳандозӣ карда шуданд.

Умуман, дар даврони истиқлоли миллӣ ба шарофти дастгирию ғамхориҳои роҳбарияти олии сиёсии кишвар заминаҳои ҳуқуқии маънавии ҳифз ва таҳкими оила ҳамчун арзиши муҳимтарини иҷтимоӣ мукаммал гардида, моҳияти ҳақиқии оилаи суннатии тоҷик ҳамчун рукни муқаддасу арзишманд эътироф гардид.

Бинобар муҳайё гардидани шароити мусоид барои ташаккули падидаи оила, дар як муддати кӯтоҳ теъдоди акди никоҳҳои қонунӣ ва таваллуди кӯдакон ба маротиб зиёд гардид.

Аммо, новобаста ба дастовардҳои назаррас дар ин самт, воқеият аст, ки дар даврони соҳибистиқлолӣ ва пешрафти ҷомеа бинобар таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба арзишҳои оиладорӣ, муносибатҳо байни аъзои оила мазмун ва шакли навро пайдо намуда, барои мувофиқ шудан ба онҳо моҳияти арзишҳо, ғояҳои демократии нав ва тарзи зиндагию андешаронӣ озмоишҳои зиёдро мегузаранд.

Агар, равандҳои ҷаҳонишавӣ аз як тараф ба пешрафти давлату ҷомеа таъсири мусбӣ расонида, омили муҳимми ташаккули кишвар дар марҳалаи навини таърихӣ маҳсуб ёбад, аз ҷониби дигар метавонад, ба фарҳангу ахлоқ, маърифати оиладорӣ ва дигар арзишҳои миллӣ таъсири манфӣ дошта, ба пояҳои меҳварии падидаи муқаддаси одоби оиладории миллӣ зарба расонад. Бинобар ин, дар замони ҷаҳонишавӣ ва омезиши арзишҳо масъалаи эҳтиром ва ҳифзи манфиатҳои миллӣ, хусусан фарҳанги оиладории қадимаи мо, мақоми махсусро пайдо намудааст ва ин дастоварди ниёгон бояд эмин нигоҳ дошта шавад.

Имрӯз бояд тамоми чораву тадбирҳо роҳандозӣ карда шаванд, ки ҳар як оила, ки дар масири таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ ба маҷрои куллан нави одоби оилаву оиладорӣ ворид гардидааст, аз таъсири омилҳои бегона нигоҳ дошта шуда, аз кафолату дастгириҳои пайвастаи давлат баҳравар гардад. Дар тафаккури ҷавонони кишвар маърифати солими оиладориро инкишоф дода, барои побарҷойии оилаҳо, ки аз он инчунин суботу оромии ҷомеа вобастагии амиқ дорад, тадбирҳои иловагӣ роҳандозӣ карда шаванд.

АДАБИЁТ

1. Диноршоев А.М. Правовое регулирование прав ребёнка в Республике Таджикистан / А.М. Диноршоев //В сборнике «Обеспечение и защита прав ребёнка: международный опыт и российская практика». Сборник научных статей по итогам круглого стола «Защита прав ребёнка». -2016. -С. 91-94.
2. Рахмон Д.С. Принцип наилучших интересов ребенка и его отражение в законодательстве Республики Таджикистан / Д.С. Рахмон // Государствоведение и права человека. -2016. -№1. -С.82-91.
3. Салохидинова С.М. Президент Республики Таджикистан - гарант прав и свобод человека и гражданина / С.М. Салохидинова, М.С. Сулаймонов // Закон и право. -2017. -№ 4. -С. 36-39.

ЗАМИНАҲОИ ҲУҚУҚИИ ТАШАККУЛИ ОИЛА ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Оила ба сифати падидаи муҳимми иҷтимоӣ на танҳо дар тарбия ва ба воя расонидани насли ҷавон, инчунин дар ташаккули арзишҳои пурғановати миллӣ нақши калидӣ бозида, заминаи муҳимми нигаҳдошти фарҳанги миллӣ ба шумор меравад. Ғояҳои одоби оиладории миллӣ, ки ба принсипҳои эҳтироми ҳар як аъзои оила, дӯстиву рафоқати байниҳамдигарӣ, садоқату вафодорӣ, ғамхорӣ нисбат ба якдигар, масъулияти тарафайн дар ҳалли масъалаҳои оилавӣ, тарбияву ба воя расонидани фарзандон дар рӯҳияи инсондӯстӣ ва дигар арзишҳо асос меёбанд, ҳамеша як чузъи муҳимми фарҳанги тоҷикона маҳсуб ёфта, талқингари ғояҳои инсондӯстона ба шумор мераванд.

Калидвожаҳо: оила, ҷаҳонишавӣ, фарҳанг, тарбия.

ПРЕДСЕДАТЕЛЬ КОНСТИТУЦИОННОГО СУДА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН, АКАДЕМИК АКАДЕМИИ НАУК РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН, ДОКТОР ЮРИДИЧЕСКИХ НАУК, ПРОФЕССОР

Семья, выступая в качестве важнейшего социального института общества не только направлена на воспитание подростающего поколения, но и на формирование национальных ценностей, основанных на традициях и обычаях народа. Исходя из этого семья выступает в качестве носителя национальной культуры и правосознания. В статье автор исследует ценностные ориентиры, которые существуют в таджикском обществе основу которых закладывают сложившиеся веками национальные традиции. И эти традиции не должны изменяться под условия глобализирующегося мира.

Ключевые слова: семья, глобализация, культура, воспитание

CHAIRMAN OF THE CONSTITUTIONAL COURT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN, ACADEMICIAN OF THE ACADEMY OF SCIENCES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN, DOCTOR OF LAW, PROFESSOR

The family, acting as the most important social institution of the society, is not only aimed at educating the younger generation, but also at the formation of national values based on the traditions and customs of the people. Proceeding from this, the family acts as the bearer of the national culture and legal consciousness. In the article the author follows the value orientations that exist in the Tajik society based on the centuries-old national traditions. And these traditions should not change under the conditions of a globalizing world.

Key words: family, globalization, culture, education

Сведения об авторе: ***Махмудзода М.А.*** **-** Председатель Конституционного суда Республики Таджикистан, академик Академии наук Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор

ТАЪҚИБОТИ ҶИНОЯТӢ ҲАМЧУН ФУНКСИЯИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА

Маҳмудов И.Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ аз функсияҳои муҳимми мақомоти прокуратура ба ҳисоб рафта, дар қонунгузории аксарияти кишварҳои узви ИДМ мустаҳкам шудааст. Таъқиботи ҷиноятӣ дар маҷмӯъ фаъолияти мурофиавии прокурор буда, мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ ба мақсади фош намудани гумонбаршуда ва айбдрошаванда дар содир кардани ҷиноят равона карда мешавад. Танҳо баъд аз ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ ва қабули аввалин кодексҳои мурофиавии ҷиноятӣ имкон фароҳам оварда шуд, ки мафҳуми таъқиботи ҷиноятӣ дар қонунгузорӣ истифода карда шавад. Лозим ба қайд аст, ки асосҳои қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлати Шӯравӣ соли 1958 ва Кодексҳои мурофиавии ҷиноятии давлатҳои аъзои он соли 1961 мафҳуми таъқиботи ҷиноятиро аз байн бурда буданд. Дар моддаи 6-уми Кодекси мурофиавии ҷиноятии амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми таъқиботи ҷиноятӣ ба тариқи зайл омадааст: «Таъқиби ҷиноятӣ - фаъолияти мурофиавиест, ки прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда бо мақсади муайян кардани кирдори бо қонуни ҷиноятӣ манъшуда ва шахсе, ки онро содир кардааст, ба сифати айбдоршаванда ҷалб кардани ӯ, ҳамчунин барои таъмин намудани татбиқи ҷазо ва ё дигар чораҳои маҷбурӣ нисбат ба чунин шахс анҷом медиҳад». Мувофиқи моддаи 36-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон прокурор шахси мансабдори давлатӣ буда, дар доираи салоҳияти худ айбдоркуниро аз номи давлат ба амал бароварда, дар ҳамаи давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ таъқиби онро таъмин менамояд. Ҳамзамон, дар моддаи 279-и Кодекси мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон омадааст, ки дар мурофиаи суд иштироки айбдоркунандаи давлатӣ ҳатмист, ба истиснои парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии хусусӣ, ки дар онҳо айбдоркуниро ҷабрдида дастгирӣ мекунад. Прокурор ҳамчун айбдоркунандаи давлатӣ дар суд бо парвандаҳои ҷиноятии айбдоркунии умумӣ ва хусусӣ-умумӣ айбдоркунии давлатиро дастгирӣ мекунад. Вале бояд қайд намуд, ки дар Қонуни конститутсонии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Тоҷикистон» ягон меъёр дар хусуси «таъқиботи ҷиноятӣ» во намехӯрад. Дар моддаи 5-уми қонуни мазкур яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура тафтиши ҷиноятҳо номгузорӣ шуда, дар боби 4-уми қонун бошад, тафтиши ҷиноят аз ҷониби мақомоти прокуратура пешбинӣ шудааст. Натиҷаи омӯзиш ва таҳлили Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки дар он прокурор ҳамчун намояндаи мақомоте, ки таъқиботи ҷиноятиро анҷом медиҳанд, эътироф шудааст.

Аввалин маротиба мафҳуми «таъқиботи ҷиноятӣ» дар қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ нимаи дуюми асри XIX дар натиҷаи гузаронидани ислоҳотҳои судӣ-ҳуқуқӣ соли 1864 дар Устави мурофиаи судии ҷиноятии Россияи подшоҳӣ истифода шуда буд. Аз ин рӯ, дар давоми беш аз 150 сол аст, ки аз ҷониби олимон, давлатшиносону сиёсатмадорон асосҳои назариявии фаъолияти айбдоркунӣ ҷиҳати муайян намудани доктринаҳои илмии таъқиботи ҷиноятӣ ва инкишофи қонунгузорӣ коркард шуда истодаанд. Дар замони шӯравӣ ва пасошӯравӣ масоили марбут ба фаъолияти айбдоркунӣ ва таъқиботи ҷиноятӣ дар асарҳои олимони маъруфи соҳаи мурофиаи ҷиноятӣ ба мисли Л.Б. Алексеева, В.П. Божев, А.Д. Бойков, В.П. Верин, С.Е. Витсин, Л.А. Воскобитова, К.Ф. Гутсенко, В.Г. Даев, И.Ф. Демидов, З.З. Зинатуллин, Н.П. Кузнетсов, Э.Ф. Кутсева, А.М. Ларин, П.А. Лупинская, И.Л. Петрухин, В.М. Савитский, А.Б. Соловев, М.С. Строгович, А.Я. Сухарев, М.Е. Токарева, А.Г. Халиулин, М.А. Челсов, А.А. Чувилев, С.А. Шейфер, П.С. Элкинд, Н.А. Якубович ва дигарон мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд.

Вале бояд қайд намуд, ки аввалин кори илмие, ки дар он масъалаи таъкиботи ҷиноятӣ ҳамчун фаъолияти мурофиавӣ мавриди таҳлилу омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шудааст, ин асари М.С. Строгович бо номи «Таъқиботи ҷиноятӣ дар мурофиаи ҷиноятии советӣ» мебошад, ки соли 1951 нашр шудааст. Ҳамзамон бояд қайд намуд, ки дар асарҳои илмии замони пасошӯравӣ масъалаи нақши прокурор дар ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ то андозае яктарафа боҳогузорӣ шудаанд. Аз аввалинҳо шуда асари илмии аризишмандеро А.Г. Халиулин дар ин ҷода соли 1997 нашр намудааст. Лозим ба қайд аст, ки дар қонунгузории Федератсияи Россияи низ ин падида соли 2001 баъди қабули Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ аз нав ҷорӣ карда шуд.

Аз назари аксари олимони соҳа, таъқиботи ҷиноятӣ ҳамчун функсия ва институти мустақили мурофиаи судии ҷиноятӣ баҳогузорӣ карда мешавад. Дар ин ҷо ба мақсад мувофиқ аст, ки суханони олими бузург А.Ф. Кониро ёдовар шавем: «Таъқиботи ҷиноятӣ ин фаъолияти бисёр ҷиддӣ мебошад, аз ин рӯ масъулияти баландро тақозо менамояд. Бо назардошти ин ҳолат, хеҷ гуна кӯшиши сафед кардани парванда дар суд, катъ намудани парвандаи ҷиноятӣ дар даврањои тосудӣ дар аксарияти маврид наметавонанд зарари моддӣ ва маънавии инсонро, ки дар натиҷаи амалҳои саросемавор ва бармаҳали ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ба сифати айбдоршаванда расидааст, аз байн баранд» [1].

Дар адабиётҳои илмӣ ва қонунгузорӣ дар як маврид се мафҳуми ба якдигар наздик истифода мешаванд: 1) айбдоркунӣ; 2) айби давлатӣ; 3) таъқиботи ҷиноятӣ. Агар таносуби мафҳумҳои айбдорӣ ва айби давлатӣ баҳсро ба вуҷуд наоранд, пас муайян намудани таносуби айбдорӣ ва таъқиботи ҷиноятӣ кори мураккаб аст. Дар маҷмӯъ дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ин масъала аз ду нуқтаи назар мавриди омӯзиш қарор дода мешавад: 1) таъқиботи ҷиноятӣ ҳамрадифи айбдорӣ мебошад; 2) мафҳумҳои мазкур фарқ мекунанд.

Дар адабиётҳои тоинқилобии русӣ оид ба мурофиаи ҷиноятӣ ибораи «таъқиботи ҷиноятӣ» ҳамчун синоними мафҳуми «таъқиботи судӣ», «айбдорӣ»; «даъвои ҷиноятӣ»; истифода шуда, мазмуни он ваколатҳои давлатро оид ба тартиби судии оғози парвандаи ҷиноятӣ ва таъйини ҷазо дар бар мегирифт. Дар қонунгузории мурофавии судии ҷиноятии он замон мафҳуми «таъқиботи судӣ» истифода карда мешуд. Дар аввалин Кодекси мурофиавии ҷиноятии РСФСР аз соли 1923 мафҳуми «таъқиботи ҷиноятӣ» низ истифода мешуд. Солҳои 40-ум ва 50-уми асри XX таваҷҷуҳи илмӣ ба ин масъала зоҳир карда мешуд.

Ба андешаи М.С. Строгович, худи мафҳуми таъқиботи ҷиноятӣ аллакай хусусияти айбдорӣ доштани ин фаъолиятро ошкор менамояд. Таъқиботи ҷиноятӣ - ин айбдорӣ ҳамчун фаъолияти мурофиавӣ, яъне фаъолияти айбдоркунист [2].

Дар ҳамин радиф, Х.С.Тоҷиев таъқиботи ҷиноятӣ ва айбдориро ҳамчун синоним баррасӣ менамояд. Ба андешаи ӯ, онҳоро бо назардошти ягонагии мавзӯъ ва предмети танзимнамоӣ ҷудо намудан имконнопазир мебошад [3].

Ҳамзамон байни олимон А.Б.Соловев ва Н.А. Якубович мафҳумҳои мазкур фарқ мегузаранд. Ба назари онҳо, фаъолияти мақомот ва шахсони мансабдоре, ки таъқиботи ҷиноятиро амалӣ месозанд, аз доираи айбдорӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ берун аст. Аз ин рӯ, агар ин мақомотҳо ҳанӯз дар давраи тафтиши пешакӣ ба тарафи айбдорӣ табдил ёбанд, ба яктарафӣ ва фаъолияти ғайришаффофи онҳо мусоидат карда, ин амал дар маҷмӯъ ба ҳуқуқу манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиа зарари ҷиддӣ мерасонад [4].

Ба андешаи М.П. Кан, байни ин мафҳумҳо тафовут ҷой дорад ва айбдорӣ яке аз шаклҳои ифодаёбии таъқиботи ҷиноятист [5].

Мувофиқи нуқтаи назари А.Г. Халиулин, таъқиботи ҷиноятӣ функсияи на танҳо мақомоти махсуси давлатист, балки он вазифаи ҳар як шахрванде, ки ҷабрдидаи ҷиноят низ мебошад, ба ҳисоб меравад [6].

Субъектони мурофиаи ҷиноятӣ бо дарназардошти мавқеи мурофиавии худ амалҳои мурофиавиеро анҷом медиҳанд, ки аз рӯйи мавзӯъ ва самташон ба ҳам наздикӣ доранд. Бо назардошти мавҷудияти афкору назари гунонуни олимон оид ба масъалаи шумораи функсияҳои мурофиавӣ, дар маҷмӯъ онҳо ба се намуд тақсим мешаванд: таъқиботи ҷиноятӣ (айбдорӣ), ҳимоя ва ҳаллу фасли парванда [7].

Қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ иҷрои функсияи таъқиботи ҷиноятиро ба зиммаи прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда вогузоштааст. Бояд қайд намуд, ки ҳангоми ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ муфаттишон доираи муайяни амалҳои тафтиширо мегузаронанд. Аз ҷумла, бо назардошти ҳолатҳои дар қонун пешбинишуда онҳо метавонанд амалҳои тафтишии зерин, аз қабили: азназаргузаронӣ, дастгиркунии гумонбаршуда, пурсиш, рӯбарӯкунӣ, кофтуков, ёфта гирифтан, шаҳодаткунонӣ, нишондиҳӣ барои шинохтан, эксперименти тафтишӣ, гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ, эксгуматсияи ҷасад, таъйини экспертиза, гӯш ва сабти гуфтугӯ, ҳабси муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигаре, ки тавассути шабакаҳои алоқаи барқӣ ва алоқаи почта интиқол мешаванд, азназаргузаронӣ ва дарёфт карда гирифтани онҳо, ҳабси молу мулкро гузаронанд. Аз ин миён аксарияти амалҳои тафтиширо онҳое ташкил медиҳанд, ки хусусияти маҷбуркунии мурофиавии ҷиноятиро доранд. Аз қабили дастгир кардани шахс, кофтуков, ёфта гирифтан, гирифтани намунаҳо барои таҳқиқоти муқоисавӣ, шаҳодаткунонӣ, эксгуматсияи ҷасад, экспертиза, гӯш ва сабти гуфтугӯ, ҳабси молу мулк ва ғайра. Хусусияти маҷбуркунӣ доштани ин амалҳои тафтишӣ дар он ифода мегарданд, ки ҳуқуқу озодӣ ва манфиатҳои қонунии шахрвандонро маҳдуд менамоянд (ҳуқуқ ба дахлнопазирии шахсӣ, дахлнопазирии манзил ва ғ.). Аз ин рӯ, ба мақсади пурзӯр намудани кафолати таъмини қонуният ва асоснокии интихоби чораҳои ҳуқуқмаҳдудкунӣ қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ гирифтани ризоияти пешакии

прокурор ва минбаъд иҷозати судяро ҳангоми гузаронидани ин амалҳои тафтишӣ пешбинӣ менамояд.

Дар маҷмӯъ мазмуну моҳияти таъқиботи ҷиноятро муайян намудани ҳодисаи ҷиноят ва фош намудани шахси гунаҳкор ташкил медиҳад. Аз нуқтаи назари аксарияти олимон, бояд шахси муаяйни содиркунандаи ҷиноят мавриди таъқиб қарор дода шавад, на шахси гумонбар. Шахс метавонад дар натиҷаи амалҳои ғайриқонунӣ ва беасоси прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда низ таъқиб карда шавад. Дар чунин ҳолат шахс набояд ки таъқиб карда шавад, балки ӯро бояд аз чунин ҳолат ҳимоя кард [8]. Ин талабот аз доираи принсипи эҳтимолияти бегуноҳӣ бармеояд, ки он дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эъломияи ҷаҳонии ҳуқуқи башар ва Кодекси мурофиавии ҷиноятии Тоҷикистон мустаҳкам шудааст.

Бо назардошти ҳолати ҷойдошта чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки таъқиботи ҷиноятӣ – ин фаъолияти мурофиавии прокурор, муфаттиш ва таҳқиқбаранда буда, баҳри ҷамъоварии далелҳо оид ба гунаҳкори гумонбаршуда, айбдоршаванда дар содир кардани ҷиноят ба мақсади баррасӣ ва ҳаллу фасли қонуни ва боадолатонаи парвандаи ҷиноятӣ равона карда шудааст.

Мувофиқи андешаи асосноки А.П. Гуляев, таъқиботи ҷиноятӣ амалан дар ҳолатҳои зерин оғоз меёбад:

- парвандаи ҷиноятӣ оид ба ҳодисаи мушаххас нисбати шахси муайян оғоз карда шудааст;
- шахс бо гумони содир кардани ҷиноят боздошт шудааст;
- нисбати шахс то эълони айб чораи пешгирӣ татбиқ карда шудааст;
- нисбати шахс қарор дар бораи ба сифати айбдоршаванда ба ҷавобгарӣ кашидан бароварда шуда бошад.

Дар маҷмӯъ, ба андешаи ӯ, исботи фош намудани шахс дар содир кардани ҷиноят дар ҳуҷҷати ниҳоии давраи тафтишоти пешакӣ, яъне хулосаи айбдоркунӣ, ё ин ки дар қарор дар бораи қатъ намудани парвандаи ҷиноятӣ бо асосҳои ғайрисафедкунанда ифода меёбанд [9].

Таъқиботи ҷиноятиро ба амал бароварда, ҳамзамон, мақомоти прокуратура мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ оид ба парвандҳои ҷиноятие, ки ба истеҳсолоти онҳо дахлдоранд, тафтиши ҷиноятҳоро ба амал мебароранд. Прокурор ҳамзамон ҳуқуқ дорад парвандаи ҷиноятиро ба истеҳсолоти худ қабул намуда, ё ин ки тафтиши онро ба прокурори поёнӣ ва ё муфаттиш супориш диҳад.

Ҳамин тариқ, фаъолияти прокурор ҷиҳати ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ аз фаъолияти ӯ оид ба амал баровардани назорати прокурорӣ оид ба фаъолияти мурофиавии мақомоти таҳқиқ ва тафтишоти пешакӣ то он ҳадде ки назорат барои ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ мусоидат менамояд, ҷудонопазир аст [10].

Мувофиқи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ суд мақомоти таъқиби ҷиноятӣ нест ва тарафи айбдоркунанда ё ҳимояро ҷонибдорӣ намекунад. Суд барои амалӣ намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мурофиавии тарафҳо шароит муҳайё мекунад.

Аз ин рӯ ба назари П.А. Лупинская тамоми фаъолиятро оид ба таъқиботи ҷиноятӣ дар маҷмуъ прокурор роҳбарӣ менамояд, зеро ки маҳз ба зиммаи ӯ уҳдадории оғози парвандаи ҷиноятӣ, иштирок дар амалҳои тафтишӣ ва дар мавридҳои зарурӣ, шахсан гузаронидани амалҳои ҷудогонаи тафтишӣ, додани розигӣ оид ба пешниҳоди дархост ба суд дар хусуси интихоб, тағйир ва бекор кардани чораҳои пешгирӣ, ё ин ки гузаронидани амалҳои тафтишие, ки бо иҷозати судя сурат мегиранд, вогузор карда шудаанд. Прокурор ба мақомоти таҳқиқ дар бораи анҷом додани амали тафтишӣ супориш медиҳад ва дар бораи гузаронидани чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дастур медиҳад [11].

Дар аксарияти кодексҳои мурофиавии ҷиноятии кишварҳои узви ИДМ мафҳуми таъқиботи ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст. Дар баробари прокурор ҳамзамон муфаттиш, мақомоти таҳқиқ ва таҳқиқбаранда низ ба сифати мақомоти таъқиботи ҷиноятӣ баромад менамоянд.

Ба назари олимони қазоқ, вожаи «таъқиботи ҷиноятӣ»-ро бояд ба таври васеъ маънидод намуд. Яъне, ба мазмуни он тамоми шаклу воситаҳои фаъолияти мурофиавии тарафи айбдорӣ дар мурофиаи судии ҷиноятӣ оид ба ҳалли вазифаҳои дар назди онҳо гузошташуда дохил мешавад [12].

Ба андешаи Мелников Н.В., дар баробари назорати прокурорӣ, таъқиботи ҷиноятӣ шакли дигари амалӣ гардонидани ҳокимияти прокурорӣ ба шумор меравад. Ба назари ӯ, дар маҷмӯъ таъқиботи ҷиноятӣ шакли фаъолияти мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба иҷрои вазифаҳои мушаххаси мурофиаи судии ҷиноятӣ нисбати шахсони мушаххас мебошад [13].

Мувофиқи нуқтаи назари профессор Искандаров З.Ҳ., таъқиботи ҷиноятӣ усул ва воситаи амалишавии функсияи назорати прокурорӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи ӯ, нақши функсияи назорати прокурорӣ дар ҷодаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ва таъмини реҷаи қонуният дар мурофиаи судии ҷиноятӣ беназир аст [14].

Ҳамзамон, баъзе таклифу пешниҳодҳо дар хусуси нақши муҳим ва такмили функсияи таъқиботи ҷиноятии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон аз ҷониби кормандони амалӣ низ ба миён гузошта шудаанд [15].

Ба андешаи Н.В. Буланова, дар даврaҳои судии мурофиаи судии ҷиноятӣ прокурор функсияи таъқиботи ҷиноятӣ ва иштирок дар судро анҷом медиҳад [16].

Таъқиботи ҷиноятӣ, ки аз ҷониби мақомоти прокуратура амалӣ карда мешавад, дар маҷмӯъ якчанд самтро дар бар мегирад: оғози парвандаи ҷиноятӣ, гузаронидани тафтиши пешакӣ оид ба ҷиноятҳое, ки тафтиши онҳо ба зиммаи прокуратура вогузошта шудааст ва ҳамзамон, дар хусуси тафтиши дилхоҳ ҷиноятҳо; дастгирии айби давлатӣ дар суд. Ҳамин тариқ, таъқиботи ҷиноятӣ аз се элемент иборат аст: оғози парвандаи ҷиноятӣ; тафтиши онҳо ва дастгирии айби давлатӣ дар суд.

Дар баробари прокурор ҳамчунин ҳуқуқи дар суд дастгирӣ кардани айбро ҷабрдида, намояндаи қонунӣ ва намояндаи ӯ доранд. Аз ин рӯ, баъзе аз элементҳои таъқиботи ҷиноятӣ барои дигар субъектони мурофиаи ҷиноятӣ низ хос аст. Лекин, агар ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти иҷроия ва прокуратура шакли амалишавии ҳокимияти давлатӣ бошад, пас ин амал аз ҷониби ҷабрдида, намояндаи қонунӣ ва намояндаи ӯ дар ҳоле иҷро мешавад, ки онҳо ваколатҳои ҳокимиятӣ надоранд.

Прокурор мавриди ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ ба мақсади тафтиши ҳаматарафа, пурра ва фаврии парвандаи ҷиноят як қатор амалҳои ташкилию амрдиҳиро анҷом медиҳад. Аз ҷумла, парвандаро аз як муфаттиш гирифта, ба муфаттиши дигар ва аз як мақомоти тафтишотӣ ба мақомоти дигари тафтишотӣ месупорад, ҳамзамон барои тафтиши ҷиноятҳои мураккаб гурӯҳи тафтишотиро созмон медиҳад.

Бо назардошти ҳолати ҷойдошта метавон се шакли фаъолияти прокурорро ҳангоми амалӣ намудани ин функсия ҷудо намуд: 1) бевосита ба амал баровардани таъқиботи ҷиноятӣ бо роҳи оғози парванда ва тафтиши парвандаи ҷиноятӣ; 2) иштирок дар таъқиботи ҷиноятӣ, ки аз ҷониби дигар мақомот амалӣ карда мешавад, тавассути ба амал баровардани ваколатҳо оид ба ташкил ва роҳбарии тафтишот; 3) дастгирии айби давлатӣ дар суд.

Дар аксарияти маврид маҳз ташаббусгари таъқиботи ҷиноятӣ прокурор ба ҳисоб меравад.

Таҳлили Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Тоҷикистон аз он шаҳодат медиҳад, ки қонунгузор муайян накардааст, ки худи таъқиботи ҷиноятӣ ба кадом мақсад истифода мешавад (яъне ин функсия, самти фаъолият, ҳуқуқ, уҳдадорӣ ва ё ваколат мебошад).

Таҳлили меъёрҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки нишонаҳои асосии таъқиботи ҷиноятӣ инҳо ба ҳисоб мераванд:

- таъқиботи ҷиноятӣ фаъолияти мурофиавии мақомоти тафтиши пешакӣ, таҳқиқ, прокурор ва дигар субъектони тарафи айбдорӣ буда, ба қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мувофиқ аст;
- таъқиботи ҷиноятӣ дар маҷмӯъ хусусияти айбдоркуниро дорад;
- таъқиботи ҷиноятӣ ба таври истисоно танҳо аз ҷониби мақомоти дахлдор ва шахсоне, ки ба тарафи айбдорӣ хоссанд, ба амал бароварда мешавад;
- таъқиботи ҷиноятӣ фаъолияти мақсаднок ба мақсади ошкор намудани гумонбаршуда, айбдоршаванда, судшаванда, маҳкумшуда дар содир кардани ҷинояти бо кодекси ҷиноятӣ манъшуда мебошад;
- таъқиботи ҷиноятӣ ҳамеша аз лаҳзаи дар мавқеи гумонбар гузоштани нафари мушаххасе оғоз мешавад. Ба иброаи дигар, оғози парвандаи ҷиноятӣ асос мешавад барои оғози раванди исботкунӣ. Вале бояд қайд намуд, ки агар парвандаи ҷиноятӣ аз рӯйи ҳодисаи ҷиноят оғоз карда шавад ва шахси содиркунандаи ҷиноят маълум набошад, сухан дар бораи функсияи таъкиботи ҷиноятӣ намеравад.

Ҳамин тариқ, бояд қайд намуд, ки таъқиботи ҷиноятӣ ҳамчун функсияи мақомоти прокуратура амалҳои зеринро дар бар мегирад: оғози парвандаи ҷиноятӣ нисбати шахси мушаххас, аз ҷониби прокурор ва ё муфаттиши прокуратура ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда, тасдиқи хулосаи айбдорӣ аз ҷониби прокурор ва ба суд барои баррасӣ фиристодани он, дастгирии айби давлатӣ дар суд. Ба мақсад мувофиқ аст, ки ба мисли қонунгузории дигар кишварҳои узви ИДМ дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Тоҷикистон» яке аз самтҳои асосии фаъолияти прокуратура ба таъқиботи ҷиноятӣ бахшида шуда, дар он мазмуну моҳият ва таъйиноти таъқиботи ҷиноятӣ шарҳ дода шавад.

АДАБИЁТ

1. Кони А.Ф. Приемы и задачи прокуратуры / А.Ф. Кони // Собр. Соч.: в 8 т. М., 1967. Т.4. -С.171.
2. Строгович М.С. Курс советского уголовного процесса / М.С. Строгович. -М., 1968. Т.1. -С.194.
3. Таджиев Х.С. Прокурорский надзор и ведомственный контроль за расследованием преступлений / Х.С. Таджиев. -Ташкент, 1985, -С.27.
4. Соловьев А.Б. К вопросу о концепции правового обеспечения функции уголовного преследования / А.Б. Соловьев, Н.А. Якубович // Современные проблемы уголовного права, процесса и криминалистики. М.:

Кемерово, 1996. С.80. См. также: Якубович Н.А. Процессуальные функции следователя // Проблемы предварительного следствия в уголовном судопроизводстве. М., 1980. -С.25.
5. Кан М.П. Процессуальные функции прокурора в досудебных стадиях уголовного судопроизводства: дис. … канд. юрид. Наук / М.П. Кан. -Ташкент, 1988. -С.99.
6. Халиулин А.Г. Уголовное преследование как функция прокуратуры Российской Федерации (проблемы осуществления правовой реформы): дис. … д-ра юрид. Наук / А.Г. Халиулин. -М. 1997. -С. 37.
7. Якупов Р.Х. Уголовный процесс: Учебник для студентов вузов. – 6-е изд., перераб / Р.Х.Якупов, В.Н.Галузо. -С. 34-36.
8. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / под. общ. ред. В.П. Верина, В.В. Мозякова. М.: Экзамен, 2004. -С.51-52.
9. Комментарий к Уголовно-процессуальному кодексу Российской Федерации / под об. Ред. В.П. Вериан, В.В. Мозякова. М.: Экзамен, 2004. -С.52.
10. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник / отв. ред. П.А. Лупинская. М., 2003. -С.93.
11. Уголовно-процессуальное право Российской Федерации: учебник / отв. Ред. П.А. Лупинская. М., 2003. -С.92.
12. Ахпанов А.Н. Привлечение в качестве обвиняемого в уголовном судопроизводстве Республики Казахстан: монография / А.Н.Ахпанов, Ш.К. Кусаинов. Караганда, 2005. -С.12-13.
13. Мельников Н.В. Прокурорская личность и власть: Правовые средства обеспечения конституционных прав и свобод граждан России / Н.В. Мельников. – М.: Изд-во «Юристъ», 2003. -С.181.
14. Искандаров З.Х. Роль прокуратуры в обеспечении защиты прав и свобод человека и гражданина в уголовном процессе: теоретико-правовые проблемы / З.Х. Искандаров //Законность (теоретический и научно-практический журнал Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан). -Душанбе, 2005. -№ 2. -С. 76-85.
15. Юлдошев Ҳ.Д. Пайдоиш ва ташаккули таъқиби ҷиноятӣ яке аз самтҳои фаъолияти мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Ҳ.Д. Юлдошев //Қонуният (маҷаллаи илмию амалӣ ва назариявии Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон). -Душанбе, 2012. № 3. (нашри махсус).-С.85.
16. Буланова Н.В. Участие прокурора в рассмотрении уголовных дел судами: монография /Н.В.Буланова; Академия Генеральной прокуратуры Российской Федерации / Н.В. Буланова. – Москва: Проспект, 2016. -С.167.

ТАЪҚИБОТИ ҶИНОЯТӢ ҲАМЧУН ФУНКСИЯИ МАҚОМОТИ ПРОКУРАТУРА

Дар мақола муаллиф бо дарназардошти таҳлили қонунгузории амалкунанда ва афкори илмии олимони соҳа қайд менамояд, ки ба амал бароварданитаъқиботи ҷиноятӣ яке аз функсияҳои асосии мақомоти прокуратураи Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Дар маҷмӯъ ӯ ба хулосае меояд, ки таъқиботи ҷиноятӣ аз унсурҳои зерин иборат аст: оғози парвандаи ҷиноятӣ, тафтишоти ҷиноят, ба ҷавобгарӣ кашидани шахс ба сифати айбдоршаванда ва дастгирии айби давлатӣ дар суд.

Калидвожаҳо: прокуратура, назорати прокурорӣ, функсияҳои прокуратура, функсияи таъқиботи ҷиноятӣ, айби давлатӣ, мурофиаи судии ҷиноятӣ.

УГОЛОВНОЕ ПРЕСЛЕДОВАНИЕ КАК ФУНКЦИЯ ОРГАНОВ ПРОКУРАТУРЫ

В статье автор с учетом анализа действующего законодательства и научных взглядов специалистов отмечает, что осуществление уголовного преследования является одной из основных функций органов прокуратуры Таджикистана. В целом, автор приходит к выводу, что основными элементами уголовного преследования являются: возбуждение уголовного дела, расследование преступлений, привлечение лица к уголовной ответственности в качестве обвиняемого, поддержание государственного обвинения в суде.

Ключевые слова: прокуратура; прокурорский надзор; функции прокуратуры; функция уголовного преследования; государственное обвинение; уголовное судопроизводство.

CRIMINAL PERSECUTION AS THE FUNCTION OF PROSECUTOR'S AUTHORITIES

In the article the author, taking into account the analysis of the current legislation and scientific views of specialists, notes that the prosecution of criminal cases is one of the main functions of the procuratorial bodies of Tajikistan. In general, the author comes to the conclusion that the main elements of the criminal prosecution are: the initiation of a criminal case, the investigation of crimes, the prosecution of a person as an accused, and the maintenance of public prosecution in court.

Key words: Office of Public Prosecutor; prosecutor supervision; functions of the prosecutor's office; the function of criminal prosecution; public prosecution; criminal proceedings.

Сведения об авторе: ***Махмудов И.Т.*** – кандидат юридических наук, доцент, заведующий кафедрой судебного права и прокурорского надзора юридического факультета Таджикского национального университета.
Телефон **(+992) 935-04-43-52.** E-mail: **1978_mahmudov@mail.ru**

МУШКИЛОТИ КОРБАСТИ ИСТИЛОҲОТ АЗ ДИДГОҲИ ФАРҲАНГИ МИЛЛИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷаҳонгир
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар замони муосир бо дарназардошти рушди илми ҳуқуқшиносӣ падида ва ифодаҳои нав пайдо мегарданд, ки ворид намудани онҳо ба қонунгузорӣ ва забони илми ҳуқуқ ногузир аст. Яке аз падидаҳое, ки дастоварди замони нав ҳисобида мешавад, фарҳанги ҳуқуқи инсон аст. Аммо дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ барои ифодаи ин падида ва дигар падидаҳои ба он наздик истилоҳоти гуногун мавриди корбаст қарор доранд. Аз қабили фарҳанги ҳуқуқи инсон, маданияти ҳуқуқи инсон, маърифати ҳуқуқи инсон, фарҳанги

ҳуқуқии ҳуқуқи инсон, фарҳанги ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва ғ. Дар пайвандӣ ба ҳамин масъала дар забони илми ҳуқуқ нисбат ба падидаи фарҳанги ҳуқуқӣ низ истилоҳи маданияти ҳуқуқӣ фарох мавриди баҳрачӯйӣ қарор дорад.

Чунончи, дар Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ ибораи «маданияти ҳуқуқӣ» истифода гардидааст [22, 268]. Аз ин ҷост, ки дар баъзе аз китобҳои тоҷикӣ барои ифодаи фарҳанги ҳуқуқи инсон низ истилоҳи «маданияти ҳуқуқи инсон» кор бурда мешавад. Дар Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ чунин омада: «Маданияти ҳуқуқӣ як намуди маданияти ҷамъиятӣ буда, аз сатҳи шуури ҳуқуқӣ, қонуният, такмили қонунгузорӣ, амалияи ҳуқуқӣ дар ҷомеа гувоҳӣ медиҳад. Мазмуни онро арзишҳое ташкил медиҳанд, ки дар ҷараёни фаъолияти инсон дар соҳаи ҳуқуқ ташаккул ёфтаанд» [22, 268].

Истилоҳи фарҳанг дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ба маънои ақл ва адаб, дониш, илм, маърифат омадааст. Дар ин луғати муътабар фарҳанг гуфта, инчунин луғат низ фаҳмида мешавад [21, 423]. Фарҳанг (калимаи русии култура) маънои маданият, тамаддунро дорад.

Калимаи фарҳанг аз ду қисм иборат аст: «Фар(р)» ва «ҳанг».

1. «Фар(р)» чунин маъноҳоро дар худ ҷой додааст: зебоӣ, ҳусну ҷамол, ороиш; нур, равшанӣ, партав; шаъну шукӯҳ, шавкат, дабдаба ва ҳайбати подшоҳон [21, 410].
2. «Ҳанг» – доноӣ, дониш, ҳушёрӣ; маърифат; қудрат, зӯр [21, 730].

Яъне, решаҳои тоҷикии «фар(р)» ва «ҳанг» дар якҷоягӣ фарҳангро ташкил додаанд. Чун онҳоро муттаҳид месозем, чунин маънӣ ҳосил мегардад: зебоӣ, ҳусну ҷамол, ороиш, нур, шукӯҳу шавкате, ки дар натиҷаи дониш ва маърифат ба даст меояд.

Тафсири калимаи маданиятро дар фарҳанги забони тоҷикӣ мо вонаҳӯрдем. Аммо решаҳои он чун маданӣ, мадина, дин дар фарҳанги мазкур ҳамчун арабӣ ба қалам дода шудаанд. Аз ҷумла: маданӣ – мансуб ба мадина; шаҳрӣ, бошандаи шаҳр; ботарбия, бомаданият; маданӣ сохтан – шаҳрнишин гардонидан; мадина – шаҳр [20, 618]. Дар фарҳанги муътабари «Ғиёс-ул-луғот» низ калимаи маданият тавзеҳ дода нашудааст. Решаҳои он чун мадина ва маданӣ чунин баён гаштаанд: «Мадина – ба маънии мутлақ шаҳр; ва номи шаҳри хос, ки марқади ҳазрати рисолатпаноҳ (с) дар он аст; ва лафзи мадина маъхуз аст аз тамаддун, ки ба маънии ҷамъ шудан аст; чун анвои муҳтарифа ва анвои мардум дар шаҳр ҷамъ мешаванд, лиҳозо мадина мегӯянд» [4, 245]; «маданӣ – бошандаи шаҳр; ва мансуб ба мадина; аз лафзи мадина дар ҳолати нисбат ё ва ҳо ҳазф карда шудааст» [4, 245].

Аз ин ҷо маълум мегардад, ки истилоҳи маданият аз ду морфемаи арабӣ бунёд ёфтааст: калимаи «маданӣ» ва пасванди «-ят». Аммо мувофиқи тадқиқоти солҳои охири авестошиносон калимаҳои дин, мадина, маданият, тамаддун, ки то имрӯз арабӣ шуморида мешуданд ва мешаванд, ҳамагӣ решаи авастоӣ дошта, арабӣ намебошанд. Зеро хатти “Авасто”-ро «диндабира» меноманд, ки маъноаш дабираи динӣ аст. Илова бар ин, дар “Авасто” фариштае вуҷуд дорад, ки номаш Дин аст. Аз ҷумла дар китоби «Авасто» дар таҳияи Бобо-Назар Ғафор, Муҳтарам Ҳотам ва Муаззами Диловар ҳангоми тавзеҳи рамзи адолат – Рашн аз фариштае бо номи Дин ёдоварӣ мешавад. Чунончи: «Рашн: (дар Авасто Рашну ба маънии парҳезгорӣ ё дурахшиш, номи эзади додгарӣ, яке аз эзадони номдор дар дини маздопарастист. Рашн пас аз эзадон – Меҳру Сурӯш севумин довари рӯзи пасин ба шумор меояд. Ӯ писари Аҳура Маздо ва Спандармад ва бародари Эзадбону Аши ва эзадон Сурӯшу Меҳр ва эзадбону Дин аст (Ар., банди 16)» [1, 726]. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки калимаи дин решаи авастоӣ дошта, ба тамаддуни тоҷикон пайванд аст, ки минбаъд вориди забони арабӣ шудааст. Тавре маълум аст, дар забони арабӣ калима ва истилоҳоти зиёде аз забони тоҷикӣ ворид шудаанд ва дин низ аз ҳамин қабил аст. Таҳиягарони “Авасто” ба забони тоҷикӣ бо омода ва чоп намудани ин мероси хаттӣ хизмати бузургеро анҷом додаанд, аммо аз чи сабаб бошад, ки дар тарҷумаи китоби мазкур фариштаҳо чун эзад ёдовар шудаанд. Ин ғалат бояд дар нашрҳои минбаъда бартараф карда шавад, зеро ба моҳияти яктопарастӣ будани дини зардуштия халал ворид месозад.

Аз сабабе ки то имрӯз калимаҳои дин, мадина, маданият, тамаддун ва дигар шаклҳои он чун арабӣ ҳисобида мешуданд ва мешаванд, бинобар ин корбасти онҳо дар забони тоҷикӣ бо омадани фарҳанги араб ба Осиёи Миёна рабт дода мешавад. Яъне, сабаби бо ду тарз ифода гардидани истилоҳи «фарҳанг» дар забони тоҷикӣ ва илми ҳуқуқшиносӣ дар он аст, ки халқи тоҷик дар давоми якчанд аср таҳти таъсири фарҳанги арабӣ – исломӣ қарор дошт, ки ин бешубҳа таъсири худро ба забони тоҷикӣ расонидааст. Оқибати чунин таъсиррасонист, ки дар забони тоҷикӣ бисёр «арабизмҳо» боқӣ мондаанд [2]. Истилоҳи «маданият», ки мувофиқи маъхазҳо арабӣ нишон дода шудааст, айни замон бо «фарҳанг»-

и тоҷикӣ ҳаммаъност. Аммо ҳар ду истилоҳ дар ҳолатҳои ба худ мувофиқ истифода мешаванд. Ба монанди маданияти шаҳрдорӣ, фарҳанги муошират, маданияти сиёсӣ, фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ, фарҳанги забони тоҷикӣ, маданияти Ҳисор ва ғ. Ба андешаи мо, истифодабарии калимаҳои иқтибосӣ он вақт мантиқист, ки агар дар ин ё он забон гунаи тоҷикии истилоҳи мушаххас вуҷуд надошта бошад. Аз ин рӯ, хуб мешуд, агар дар санадҳои ҳуқуқӣ ва адабиёти ҳуқуқӣ истилоҳи ягона -«фарҳанги ҳуқуқӣ» мавриди истифода қарор гирад.

Р.Ш. Сотиволдиев дар як ҷо истилоҳи маданияти ҳуқуқиро истифода бурда, чунин менависад: «Маданияти ҳуқуқӣ – як намуди маданияти ҷамъиятӣ аст, ки вазъи сифатии ҳаёти ҳуқуқии ҷомеаро ифода намуда, дар хусуси сатҳи шуури ҳуқуқӣ маълумот дода, тамоми арзишҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад [15, 457]. Муаллиф дар асари дигараш истилоҳи фарҳанги ҳуқуқиро истифода бурда, чунин навиштааст: «Фарҳанги ҳуқуқӣ як намуди фарҳанги ҷомеа мебошад, ки аз сатҳи инкишофи ҳуқуқии ҷомеа дар робита бо ҳамаи унсурҳои воқеияти ҳуқуқӣ шаҳодат медиҳад» [16, 648]. Ӯ нуқтаҳои назари антропологӣ, сотсиологӣ ва фалсафиро ба фарҳанги ҳуқуқӣ ҷудо месозад. Дар доираи муносибатҳои антропологӣ зери мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ тамоми неъматҳоеро мефаҳмад, ки аз ҷониби инсон офарида шудаанд. Нигоҳи сотсиологӣ фарҳанги ҳуқуқиро ҷузъи ҳаёти ҷомеа ҳисобида, онро ҳамчун маҷмӯи арзишҳои маънавӣ ном мебарад. Мувофиқи таъбири фалсафӣ фарҳанги ҳуқуқӣ аз ҷумлаи падидаҳое эътироф мегардад, ки бо роҳи дарки фалсафӣ муайян мешавад [16, 649].

Э.С. Насриддинзода ҷонибдори истилоҳи фарҳанги ҳуқуқӣ аст. Ӯ калимаи хориҷии «cultura»-ро таҳлил намуда, чунин менависад: «Ҳарчанд мафҳуми «фарҳанг» баргирифта аз калимаи «култура»-и лотинӣ мебошад, вале пайдоиши фарҳанг ҳамчун тарзи ташкили фаъолияти инсонӣ мутааллиқ ба давраҳои оғозини инкишофи ҷамъият аст» [8, 12].

В.В. Загородский ибораи «фарҳанги ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон»-ро истифода мекунад. Ба андешаи ӯ, «…фарҳанги ҳуқуқӣ гуногунҷанба буда, ҳамаи бахшҳои ҳаёти ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои сифатии онро ифода ва муайян месозад» [6, 83].

Айни замон дар илм ду нуқтаи назар оид ба фаҳмиши фарҳанги ҳуқуқи инсон вуҷуд дорад: маҳдуд ва васеъ. Бисёре аз олимон, аз ҷумла В.В. Загородский, А.С. Мордовес, Э.С. Насриддинзода, С.Н. Егоров ва дигарон, фарҳанги ҳуқуқи инсонро чун қисми таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ ва ё ҳаммонанди фарҳанги ҳуқуқӣ баррасӣ карда, ҳамзамон онро дар шаклҳои гуногун ном мебаранд. Мисол, А.С. Мордовес истилоҳи «фарҳанги ҳуқуқии ҳуқуқи инсон»-ро истифода мебарад [7, 167-175], В.В. Загородский бошад, дар бораи «фарҳанги ҳуқуқӣ дар заминаи ҳуқуқи инсон» ё «фарҳанги ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон» менависад [6]. С.Н. Егоров аз «фарҳанги ҳуқуқии интихобкунандагон» (фарҳанги ҳуқуқии электоралӣ) сухан меронад [5, 256-263]. гурӯҳи дигари олимон масъалаҳои ҳуқуқи инсонро таҳқиқ намуда, «фарҳанги ҳуқуқии шахсӣ» [13], фарҳанги ҳуқуқии «фард», «ҷомеа» [10, 49], «навъи нави фарҳанги ҳуқуқӣ дар заминаи ҳуқуқи инсон», [9, 176; 82-86] инчунин «фарҳанги нави ҳуқуқӣ» ва «фарҳанги ҳуқуқи инсон»-ро мавриди баррасӣ қарор медиҳанд [9, 31-32].

Бештари олимон бевосита фарҳанги ҳуқуқи инсонро чун категорияи мустақил қабул надоранд, аммо аз муҳтавои кори онҳо хулоса баровардан мумкин аст, ки онҳо дар тадқиқотҳои худ истилоҳотеро чун «фарҳанги ҳуқуқии шахсият», «фарҳанги ҳуқуқӣ дар заминаи ҳуқуқи инсон», «фарҳанги ҳуқуқии фардӣ» ва ё «фарҳанги ҳуқуқӣ ҳангоми баамалбарории ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ» истифода карда, муаллифон фарҳанги ҳуқуқи инсонро дар назар доранд.

А.С. Мордовес дар асл фарҳанги ҳуқуқи инсонро «фарҳанги ҳуқуқии ҳуқуқи инсон» ном бурда, онро чун ҷузъ ва ё қисми таркибии фарҳанги ҳуқуқӣ арзёбӣ менамояд. Вай чунин қайд менамояд: «Новобаста аз оне, ки ҳуқуқшиносон дар самти фарҳанги ҳуқуқӣ ба дастовардҳои назаррасе ноил гардидаанд, аммо мавқеи он ба таври комил то ҳол муайян нашудааст» [7, 168].

А.Я. Азаров сатҳи истифода шудани истилоҳи «фарҳанги ҳуқуқи инсон»-ро дар Федератсияи Россия таҳқиқ намуда, чунин иброз менамояд: «Таҳлили маърӯзаҳои ваколатдорон оид ба ҳуқуқи инсон нишон медиҳад, ки ҳеҷ ваколатдоре дар маърӯзаи худ ягон маротиба истилоҳи «фарҳанги ҳуқуқи инсон»-ро истифода набурдааст. Ба истиснои Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Федератсияи Россия, доктори илмҳои ҳуқуқ О.О. Миронов (1998-2004), ки ба таври амиқ маърифати ҳуқуқӣ, таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсон ва функсияҳои онҳоро дар самти ҳуқуқи инсон дарк намуда буд» [11, 83-84].

Ба андешаи директори Институти олмонии ҳуқуқи инсон оид ба фаъолнокии шаҳрвандӣ ва ҳуқуқи инсон Беате Рудолф, фарҳанги ҳуқуқи инсон «мумкин аст танҳо дар

он ҷое пайдо шавад, ки он ҷо ҷомеаи шаҳрвандии ҳушёр мавҷуд бошад ва он диққати доимии худро ба вайронсозии ҳуқуқи инсон аз ҷониби шахсони масъули давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона намояд ва роҳи ҳалли проблемаҳоро пешниҳод созад» [3].

Қайд намудан лозим аст, ки дар ҳуҷҷатҳои расмии СММ истилоҳи «фарҳанги ҳуқуқи инсон» истифода бурда мешавад. Мисол, дар Алифбои омӯзиши ҳуқуқи инсон, ки аз тарафи СММ омода гардида буд, чунин навишта шудааст: «Фарҳанги ҳуқуқи инсон бояд ба тамоми барномаҳои таълимӣ ворид шавад (новобаста аз ин, дар амалия, махсусан дар мактабҳои миёна он одатан гоҳ-гоҳе чун қисми барномаҳои таълимии муқарраршуда ҳангоми омӯзиши илмҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фанҳои гуманитарӣ омӯзонида мешавад)» [25].

Муаллифони китоби дарсии «Ҳуқуқи инсон» ҷонибдори истилоҳи фарҳанги ҳуқуқи инсон мебошанд ва чунин мафҳумро пешниҳод менамоянд: «Фарҳанги ҳуқуқи инсон – ин маҷмӯи донишҳои инсонии илман ва амалан асоснокгашта оид ба ҳуқуқҳои инсон, қобилияту истеъдоди шахсии дарку ҳифзи ҳуқуқу озодиҳо ва арзишҳои ахлоқист, ки дар ҷараёни таълими ҳуқуқҳои инсон ташаккул меёбад» [24, 303].

Муаллифони Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи инсон низ истилоҳи фарҳанги ҳуқуқи инсонро истифода бурда, онро категорияи мустақил мешуморанд, ки дар баробари фарҳанги ҳуқуқӣ қисми таркибии фарҳанги маънавӣ ба ҳисоб меравад. Ба андешаи онҳо, фарҳанги ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқи инсон мафҳумҳои якхела набуда, вале чун қисми таркибии фарҳанги маънавии ҷомеа дар ягонагии мураккаби органикӣ қарор доранд [23, 229].

Мо истилоҳи «фарҳанги ҳуқуқи инсон»-ро, ки олимони номбаршуда истифода кардаанд, ҷонибдорӣ менамоем, аммо на ба сифати падидаи алоҳида ва мустақил, балки ҳамчун қисми таркибии фарҳанги умумӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ. Дар ин замина чунин мафҳуми онро пешниҳод месозем: фарҳанги ҳуқуқи инсон қисми таркибии фарҳанги умумӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ буда, аз низоми донишҳо, арзишҳо, нишондод, анъана, ҳиссиёт, ки оид ба ҳуқуқи инсон ташаккул меёбанд, иборат аст, ҳамзамон дарк, арзёбӣ, принсип, стандарт ва механизмҳои амалишавӣ ва инъикоси меъёрии онҳоро дар доираи пояҳои мавҷудаи фарҳангӣ ва тамаддунии ҷомеа фаро мегирад.

Дар илми ҳуқуқшиносии муосир истифода бурдани истилоҳи ягонаи «фарҳанги ҳуқуқи инсон» зарур ва ба мақсад мувофиқ аст. Он дар ҳуҷҷатҳои расмӣ мавриди корбурд қарор гирифтааст. Чунончи, 3 декабри соли 2012 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Барномаи таълим дар соҳаи ҳуқуқи инсонро барои солҳои 2013-2020 қабул намуд, ки мувофиқи зербанди «а» банди 1 қисми 2-и он мақсади асосиаш ташаккули маданияти ҳуқуқи инсон ба ҳисоб меравад. Яъне, дар Барномаи мазкур истилоҳи «маданияти ҳуқуқи инсон» истифода шудааст. Дар асоси гуфтаҳои боло ба чунин хулоса меоем:

1. Дар илми имрӯзаи ҳуқуқшиносӣ падидаи «фарҳанги ҳуқуқи инсон» ҳуқуқ ба мавҷудият дорад ва бояд мавриди омӯзиш ва пажӯҳиш қарор гирад.
2. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳоти гуногун истифода мешавад, аз қабили «маданияти ҳуқуқӣ», «маданияти ҳуқуқи инсон», «маърифати ҳуқуқӣ», «маърифати ҳуқуқи инсон», «фарҳанги ҳуқуқӣ», «фарҳанги ҳуқуқи инсон» ва ғ. Ба хотири корбасти истилоҳоти ягона ва аз байн бурдани духӯрагӣ пешниҳод менамоем, ки дар истилоҳоти ҳуқуқии забони тоҷикӣ барои ифодаи категорияҳои мазкур истилоҳоти «фарҳанги ҳуқуқӣ» ва «фарҳанги ҳуқуқи инсон» истифода бурда шаванд. Истифода гардидани истилоҳҳои якхела яке аз талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» буда, ҳамзамон дар илм низ гуногунфаҳмиро аз байн мебарад ва барои ташаккули консепсияи ягонаи илмӣ оид ба масъалаи мазкур мусоидат менамояд.
3. Дар назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ мушкилоти корбасти истилоҳоти гуногун ё хориҷӣ барои ифодаи як падидаи ҳуқуқӣ ҷой дорад. Ба монандӣ: ҳуқуқи граждани ё маданӣ [18, 5], конститутсия ё сарқонун, кодекс ё маҷмӯаи қонунҳо, преюдитсия ё истисно аз исботкунӣ, оперативӣ ё фаврӣ [12, 4-5]. ҳуқуқ ба ҳаёт ё ҳуқуқ ба зиндагӣ, суд ё додгоҳ, прокуратура ё дотситонӣ, судя ё додрас, прокурор ё додситон, адвокат ё додварз [14, 60-64], экстремизм ё ифротгароӣ, генотсид ё нажодкушӣ, экотсид ё табиаткушӣ ва ғ.
4. Забони қонунгузорӣ ва илми ҳуқуқро, пеш аз ҳама, олимон коркард месозанд ва такмил медиҳанд. Бинобар ин, навиштани рисолаҳои илмӣ бо забони давлатӣ бояд ҷоннок карда шавад. Тавре мегӯянд, миллати безабон миллати комил нест. Раиси Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам А. Розиқзода дар ҷавоби худ ба сӯитафоҳумҳо бобати навиштани рисолаҳо бо забони тоҷикӣ бисёр олимона ва ҳакимона баён намудаанд: «Дар шароити пурталотуми ҷаҳонишавӣ

забонҳои бисёр ақаллиятҳои миллӣ дар маърази хатари нобудӣ қарор доранд. Алҳол 40% забонҳои дунёро хатари нестшавӣ таҳдид мекунад. Агар соли 2001 тақрибан 900 номгӯй забонҳои дунёро хатари маҳвшавӣ таҳдид мекарда бошад, соли 2009 ин шумора ба 2500 адад расидааст. Танҳо дар кишвари Русия 131 забонро чунин сарнавишти талх интизор аст» [19].

5. Имрӯз қонунгузории кишвари мо дар самти корбасти истилоҳоти забони тоҷикӣ ниёз ба такмил дорад. Аз номи қонунҳо оғоз намуда, ҳамагӣ бо истилоҳоти хориҷӣ ё бегона оро дода шудаанд. Ба сифати мисол якчанд номгӯйи қонун, кодексҳо ва тарҷумаи номи санадҳои байналмилалиро пешкаш месозем: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (ба ғайр аз номи кишварамон дигар ҳамаи унсурҳои истифодагардид калимаҳои хориҷӣ, махсусан арабӣ ҳастанд); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи гаравхона (ломбард)» (номи яке аз минтақаҳои Италия – Ломбардияро дар номи қонун дар қавсайн овардан лозим буд?) [17, 4-5]; Эъломияи умумии ҳуқуқи башар ё Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон (диққат диҳед кадом вожаҳо дар ин ҷо аслии тоҷикиянд?!) ва монанди инҳо даҳҳо қонунҳо ва садҳо санадҳои меъёрии зерқонунӣ мавҷуд аст, ки дар номи онҳо ҳиссаи калимаҳои арабӣ ё хориҷӣ аз тоҷикӣ дида зиёдтар аст.

Ба андешаи мо, ҳалли ин мушкилот ҳамкории зичи намояндагони соҳаҳои мазкури илм бо забоншиносону этимологҳоро талаб мекунад. Танҳо дар натиҷаи ҳамкорӣ ва истифода аз донишҳои забоншиносону мутахассисони таърихи забон мо метавонем забони илми ҳуқуқшиносиро боз ҳам такмил диҳем ва онро бо забони тоҷикӣ ба роҳ монем.

АДАБИЁТ

1. Авасто. Китоби I. – Душанбе: Бухоро, 2014.
2. Арабизм – калима ё иборае, ки аз забони арабӣ гирифта шудааст; беҳуда, бемаврид ва аз ҳад зиёд ба кор бурдани калимаҳо ва истилоҳоти арабӣ.
3. Беате Рудольф о культуре прав человека. [Электронный ресурс]. https://www.deutschland.de/ru/topic/obshchestvo/obshchestvo-integraciya/zashchita-prav-cheloveka (санаи мурољиат: 20.01.2015 с.).
4. Ғиёс-ул-луғот: Иборат аз се ҷилд. – Душанбе: Адиб, 1988. –Ҷ. 2. -Сод – Ё.
5. Егоров С.Н. Правовая культура избирателя // Правовые культуры. Жидковские чтения / С.Н. Егоров //Материалы Всероссийской научной конференции. Москва, 25 марта 2011 г./ под ред. Г.И. Муромцева, М.В. Немытиной. – М.: РУДН, 2012. – С. 256-263.
6. Загородский В.В. Правовая культура в контексте прав человека: дисс. … канд. юрид. наук / В.В. Загородский. - Краснодар, 2010.
7. Мордовец А.С. Забота и уважение как форма проявления правовой культуры прав человека / А.С. Мордовец // Правовая культура. -2011. -№ 2 (11). – С. 167-175
8. Насриддинзода Э.С. Фарҳанги ҳуқуқӣ / Э.С. Насриддинзода. – Душанбе: Эр-граф, 2016.
9. Насурдинов Э.С. Правовая культура: монография / Э. С. Насурдинов; отв. ред. Ф.Т. Тахиров. – М.: Норма, 2014. – С. 176; Насурдинов Э.С. Правовая политика в сфере прав человека и ее роль в совершенствовании правовой культуры граждан / Э.С. Насурдинов // Вестник Таджикского национального университета. Серия гуманитарных наук. – Душанбе, 2014. – №3/3 (136). – С. 82-86.
10. Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане / Э.С. Насурдинов. – Душанбе: Истеъдод, 2010.
11. Образование в области прав человека в России, включая образование в области профилактики ВИЧ/СПИДа: аналитический отчет / под ред. А. Я.Азарова. – М.: Московская школа прав человека, 2008.
12. Оид ба истилоҳоти мурофиавӣ ниг.: Авзалов А. Забони кодекси мурофиавии ҷиноятӣ // Минбари ҳуқуқшинос (Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). Аз 27.10.2014. -№5 (12) – С. 4-5.
13. Сафронов А.А. Правовая культура личности в механизме устойчивого развития российского государства: Теоретико-методологический анализ: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / А.А. Сафронов. – М., 2005. – 181 с.; Шашин П.А. Правовая культура в правовой системе общества: дисс. … канд. юрид. наук: 12.00.01 / П.А. Шашин. – Санкт-Петербург, 2006. -191 с.; Тапчанян Н.М. Правосознание и правовая культура личности в условиях обновления России: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Н.М. Тапчанян. – М., 2002. - 151 с.
14. Саъдизода Ҷ. Фарҳанги ҳуқуқи инсон: шарҳи истилоҳот // Форуми ҳуқуқшиносони ҷавон бахшида ба Соли ҷавонон дар доираи Форуми миллӣ оид ба волоияти қонун дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: маводи форум (Душанбе, 3 ноябри соли 2017) / Ҷ. Саъдизода. – Душанбе: Контраст, 2017. – С. 60-64.
15. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат: китоби дарсӣ барои донишҷӯёни факултаи ҳуқуқшиносӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе, 2005.
16. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. – Душанбе: Империал-Групп, 2014.
17. Соҳибов М. Танзими ҳуқуқии фаъолияти ташкилотҳои ломбардӣ / М. Соҳибов // Минбари ҳуқуқшинос (Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). - 7.11.2014. -№6 (13). – С. 4-5.
18. Сулаймонов Ф. Ивази номи кодекси граждани ба кодекси маданӣ ва оқибатҳои эҳтимолии он / Ф. Сулаймонов // Минбари ҳуқуқшинос (Нашрияи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ). -24.11.2016. -№18-19 (51-52). – С. 5.
19. “Таъсиси Комиссияи олии аттестатсионӣ яке аз талаботҳои Истиқлолияти давлатист”. Раиси ин Комиссия Абдулҳаким Розиқзода ба аҳли шаку шубҳа посух мегӯяд. – [Захираи электронӣ].

http://khovar.tj/2017/11/tasisi-komissiyai-olii-attestatsion-yake-az-talabot-oi-isti-loliyati-davlatist-raisi-in-komissi-abdul-akim-rozi-zoda-ba-a-li-shaku-shub-a-posuh-meg-yad/ (санаи муроҷиат: 07.12.2017 с.).
20. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Иборат аз ду ҷилд. Тақрибан 45 000 калима ва ибора бо иловаи мифтоҳи арабӣ; зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. Ҷилди I, А-О. – М.: Сов. Энсиклопедия, 1969.
21. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ). Иборат аз ду ҷилд. Тақрибан 45 000 калима ва ибора бо иловаи мифтоҳи арабӣ. Дар зери таҳрири М.Ш. Шукуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Маъсумӣ. Ҷилди II, П-Ҷ. – М.: Сов. Энсиклопедия, 1969.
22. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ / зери таҳрири академики Академияи илмҳои ҶТ, д.и.ҳ., профессор, Маҳмудов М.А. – Душанбе: Эр-граф, 2009.
23. Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқи инсон / зери таҳрири н.и.ҳ., дотсент Насурдинов Э.С. – Душанбе: Эр-граф, 2013.
24. Ҳуқуқи инсон. Китоби дарсӣ барои синфи 11. – Душанбе: Мавлавӣ, 2009.
25. [Электронный ресурс]. http://www.un.org/ru/rights/abc/ch1_4.shtml (санаи муроҷиат: 27.04.2013 с.); Азбука преподавания прав человека. Практическая деятельность в начальной и средней школе. -Женева, 2003. – С. 11. [Захираи электронӣ]. http://www.un.org/ru/rights/abc/abc_ru.pdf (санаи муроҷиат: 27.04.2013 с.)

МУШКИЛОТИ КОРБАСТИ ИСТИЛОҲОТ АЗ ДИДГОҲИ ФАРҲАНГИ МИЛЛИИ ҲУҚУҚИ ИНСОН

Дар мақолаи мазкур муаллифон оид ба яке аз падидаҳои муҳимми илми ҳуқуқи инсон – фарҳанги ҳуқуқи инсон ва шарҳи истилоҳоти гуногуни он ибрози назар намудаанд. Дарвоқеъ, назария ва амалияи ҳуқуқшиносӣ талаб менамояд, ки дар ин соҳа вожаҳои ягона, якхела истифода гарданд, зеро истифода аз истилоҳот ва ифодаҳои гуногун ё духӯра дар илми ҳуқуқшиносӣ писандида нест. Муаллифон дар доираи ченаки фарҳанги миллии ҳуқуқи инсон оид ба баъзе истилоҳоти соҳавӣ андешаашонро баён сохта, корбурди вожаҳои тоҷикиро дар қонунгузорӣ пазироӣ намудаанд.

Калидвожаҳо: фарҳанг, фарҳанги ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқи инсон, маданияти ҳуқуқӣ, маданияти ҳуқуқи инсон, маърифати ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқи инсон.

ПРОБЛЕМЫ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ТЕРМИНОЛОГИИ В КОНТЕКСТЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ КУЛЬТУРЫ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

В данной статье авторы рассматривают одну из важных категорий науки прав человека – культуры прав человека и анализируют ее терминологические обозначения. Действительно, теория и практика юриспруденции требует, чтобы в этой сфере использовались единые и одинаковые термины, так как использование разных, противоречивых и двусмысленных терминов и формулировок в юридической науке и практике неприемлемо. Авторы с точки зрения национальной культуры прав человека предлагают свои выводы по поводу некоторых отраслевых терминов и считают целесообразным использование терминологии таджикского языка в законодательстве.

Ключевые слова: культура, правовая культура, культура прав человека, юридическая культура, правовое просвещение, знание в области прав человека.

THE ASSISTANT OF THE DEPARTMENT OF HUMAN RIGHTS AND COMPARATIVE LAW, TAJIK NATIONAL

In this article, the authors commented on one of the important scientific facts of the human rights - the human rights of the human being and the interpretation of various terminologies. The theory and practice of law requires that the same words be used in the same way, because the use of different terms and texts is not valid in the science of law. The author expresses his views on the concept of human rights in some aspects of the sector.

Key words: cultura, legal cultura, culture of human rights, legal education, human rights education.

Сведения об авторе: ***Рахмон Д.С.*** **-** кандидат юридических наук, доцент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 918-67-52-82.** E-mail: **s_dilshod85@mail.ru**

Саъдизода Джахонгир **-** ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета., Телефон: **(+992) 985-38-38-67.** E-mail: **jahon_1967@mail.ru**

ТАСНИФИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Динаршоев А.М., Исозода П.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба сифати яке аз унсурҳои муҳимтарини механизми амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд баромад менамояд. Он дар шакли ихтисороти истисноӣ аз вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд, ки бо тартиби ҳуқуқӣ-конститутсионӣ муқаррар карда мешавад, ифода меёбад.

Маҳдуднамоии ҳуқуқ ва озодиҳо ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ дар худ як қатор унсурҳои сохториро фаро мегирад, ки аз ҷумлаи онҳо инҳо мебошанд: мустаҳкамнамоии ҳуқуқӣ, ки хусусият ва мазмуни маҳдудиятҳоро муайян менамояд, мақсади маҳдудсозӣ, субъектони чораҳои маҳдудсозӣ ва шартҳои татбиқи маҳдудиятҳо.

Масъалаҳои мустаҳкамнамоии ҳуқуқии маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва дар

конститутсияҳои давлатҳо муқаррар шудаанд. Чунончи, масъалаҳои маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳо дар моддаи 29 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар, инчунин дар моддаи 19 Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ мустаҳкам шудаанд. Дар Тоҷикистон масъалаҳои маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд. Дар меъёрҳои ишорашуда мақсадҳои маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ба онҳо, бахусус таъмини эътироф ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандони дигар, қонеъгардонии талаботҳои одилонаи ахлоқӣ (маънавӣ), тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии умумӣ дар ҷомеаи демократӣ мансуб мебошад.

Бо назардошти муқаррароти зикршуда, метавон аломатҳои асосии мақсадҳои маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро муайян намуд:

1) онҳо дар иртибот бо манфиатҳои субъектони мухталиф муқаррар карда мешаванд ва таъмини танзими одилонаи муносибатҳои байниҳамдигарии шахсият ва давлатро талаб менамоянд;

2) мақсадҳои дар Конститутсия ва шартномаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мустаҳкамшуда, барои иштирокчиён ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мутақобиларо ба вуҷуд меоваранд;

3) мақсадҳо барои ҷараёни меъёрэҷодкунӣ омилҳои пешбаранда ба ҳисоб мераванд;

4) мақсадҳо таъйиноти маҳдудиятҳоро тавзеҳ медиҳанд ва мавҷудияти онҳоро асоснок менамоянд;

5) ба сифати мақсади маҳдудиятҳо масъалаҳои таъмини амнияти шахсият, ҷамъият ва давлат баромад менамоянд [1].

Муқаррароти санадҳои ишорагардидаи байналмилалӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқи инсон ва Конститутсия ҳамчунин дар қонунгузории ҷорӣ кушода шуда, доираи субъектонеро мустаҳкам менамояд, ки нисбати онҳо маҳдудиятҳои ҳуқуқ ва озодиҳои инсон паҳн мешаванд. Бешубҳа, ба сифати иштирокчии ин муносибатҳо давлат дар симои мақомоти ваколатдори худ баромад менамояд, ки барои таъмини риояи чорабиниҳои зикршудаи маҳдуднамоӣ мувазаф шудаанд. Ҳамзамон бо ин, бояд қайд намуд, ки дар иртибот ба чорабиниҳои маҳдудсозӣ дар нисбати афрод, ҳамчун субъектони чунин намуди муносибатҳо дар қонунгузорӣ онҳо метавонанд чи хусусияти умумӣ дошта, ба доираи васеи субъектон паҳн гарданд (масалан, муқаррароти моддаи 14 Конститутсияи ҶТ) ва чи хусусияти маҳдуд гирифта, ба доираи мушаххаси субъектон паҳн гарданд (масалан, мутобиқи қонунгузории интихоботӣ маҳкумшудагон ҳуқуқи дар интихобот иштирок карданро надоранд).

Ҷанбаи дигари барои таҳкими ҳуқуқии маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳо аҳамияти муҳимдошта, муайян намудани шартҳои маҳдудсозӣ мебошад. Таҳлили санадҳои меъёрии зикршуда имкон медиҳад се шарте ҷудо карда шавад, ки ҳангоми ҷой доштани онҳо маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳо имконпазир дониста мешавад:

1. Маҳдудиятҳо бояд дар қонун пешбинӣ шуда бошанд.
2. Маҳдудиятҳо бояд мақсадҳои қонуниро пайгирӣ намоянд.
3. Ин маҳдудиятҳо дар ҷамъияти демократӣ зарур бошанд.

Ба ибораи дигар, ҳама гуна маҳдудиятҳое, ки дар давлат ворид карда мешаванд, бояд ба меъёрҳои қонун асос ёфта бошанд, на ин ки ба санадҳои меъёрии зерқонунӣ, бояд мақсадҳои қонуниро, ки дар боло зикр шуда буданд, пайгирӣ намоянд ва пояҳои (асосҳои) демократии давлатро, ба монанди давлати ҳуқуқбунёд, таҷзияи ҳокимият, интихоботи озод ва ғ. вайрон насозанд.

Ҳамин тариқ, маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳо дар худ падидаи мураккаби ҳуқуқиро таҷассум менамояд, ки дарки амиқро талаб менамояд. Яке аз масъалаҳои муҳим дар самти мазкур масъалаи таснифи маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ба ҳисоб меравад. Тасниф дар худ низоми мантиқан мукаммалшударо бо мақсади омӯзиши муфассали падидаи таҳқиқшаванда ифода менамояд. Масъалаи маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд низ истисно намебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ назарияву муносибати гуногун дар масъалаи таснифи маҳдудиятҳо дар ҳуқуқ ҷой доранд.

Чунончи, Немсов М.В. асосҳои зерини таснифи маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро пешбинӣ менамояд:

1. Вобаста ба маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳо – маҳдудсозии ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ ва маҳдудсозии ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ.
2. Вобаста ба вақти амал – ба доимӣ ва муваққатӣ.
3. Вобаста ба соҳаи амал – ба умумӣ (ба тамоми ҳуқуқ ва озодиҳо паҳн мегарданд) ва инфиродӣ (танҳо ба ҳуқуқ ва озодиҳои алоҳида паҳн мегарданд).

4. Бо назардошти ҳудуди истифодабарӣ – ба давлатӣ (федеролӣ, субъектони Федератсия) ва мунитсипалӣ.

5. Вобаста ба мазмун – ба иқтисодӣ-молиявӣ (манъи фаъолияти муайяни иқтисодӣ), шахсӣ (ҳабс) ва ташкилӣ-сиёсӣ (истеъфо ва ғ.) [2].

Дар асоси дарки васеи ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ, Долинский В.В. асосҳои зерини маҳдудсозиро ишора менамояд: 1) аз рӯйи мақсад; 2) аз рӯйи субъект; 3) аз рӯйи объект; 4) аз рӯйи асосҳои бавуҷудоӣ ва қатъгардӣ; 5) аз рӯйи салоҳият; 6) соҳавӣ ва ғ. [3, 5].

Зайсев А.А. асосҳои маҳдуднамоиро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки онҳо метавонанд аз рӯйи асосҳои зерин таснифбандӣ карда шаванд: аз рӯйи ҳайати субъективӣ ашхосе, ки нисбати онҳо ҳаракатҳои (меъёрҳои) маҳдудсозанда татбиқ карда мешавад, - маҳдудсозии ҳуқуқҳои ашхоси ҷисмонӣ, хориҷиён, хизматчиён, ашхоси мансабдор ва ғ., маҳдудиятҳое, ки ба андозаи баробар нисбати тамоми ашхос амал менамоянд ва маҳдудиятҳое, ки танҳо нисбати ашхоси мушаххас нигаронида шудаанд.

Маҳдудиятҳое, ки аз шакли (сарчашмаи) ҳуқуқ бармеоянд, метавонанд бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, принсипҳои умумиэътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, Конститутсияи ФР, қонунҳои федеролӣ пешбинӣ гарданд ва тавассути дигар санадҳои ҳуқуқӣ, инчунин қарорҳои судӣ ба амал бароварда шаванд.

Ӯ ҳамчунин қайд менамояд, ки намудҳои зерини маҳдудиятҳо фарқ карда мешаванд – маҳдудиятҳои ҳуқуқӣ-конситутсионӣ (маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионӣ), соҳавӣ ва маҳдудиятҳои байнисоҳавии ҳуқуқҳо [4].

Омӯзиши нуқтаҳои назари мухталиф, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва қонунгузории ҷории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мо имкон медиҳад, ки таснифоти зерини маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пешбинӣ намоем:

1. Вобаста ба шартҳои эълон ва татбиқ намудани маҳдудиятҳо: ба маҳдудиятҳо дар замони осоишта ва дар шароити вазъияти фавқулода.
2. Вобаста ба мустаҳкамнамоии ҳуқуқии маҳдудиятҳо – маҳдудиятҳоро метавон ба ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, конститутсионӣ ва соҳавӣ ҷудо намуд.
3. Вобаста ба субъектони чорабиниҳои маҳдудсозӣ маҳдудиятҳоро метавон ба чорабиниҳои маҳдудсозии умумӣ ва чорабиниҳои маҳдудсозии махсусгардонидашуда тақсим кард.
4. Вобаста ба доираи татбиқи марзиву маъмурӣ: умумимиллӣ (умумиҷумҳуриявӣ) ва маҳаллӣ.
5. Вобаста ба фосилаи вақт маҳдудиятҳо ба маҳдудиятҳои доимӣ ва муваққатӣ тақсим мешаванд.

Дар атрофи таснифоти овардашуда муфассалтар истода мегузарем.

Вобаста ба шартҳои эълон ва татбиқи маҳдудиятҳо он шартҳоеро мефаҳмонад, ки ҳамчун асос барои ҷорӣ намудани чорабиниҳои маҳдудсозӣ хизмат намудаанд. Мутобиқи муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чунин шароитҳо ду намуд мешаванд – ҳолатҳои умумии маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ба таври объективӣ дар шароитҳои муътадил ба вуҷуд омадаанд ва дар доираи қонунгузории давлатӣ ва байналмилалӣ муқаррар гардидаанд ва инчунин маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар шароити вазъияти фавқулода, ки ба он шартҳои истисноӣ хос мебошад.

Чӣ тавре ки дар боло қайд карда гузаштем, маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар шароитҳои муътадил тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқии мухталиф амалӣ карда мешавад. Асосҳои умумии онҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ, Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар шудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро дар шароитҳои муайян, ҳамчун воситаҳои асосии нигоҳдории тартибот, ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои одамон ва дигар арзишҳои Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки аз мақсаду мароми умумии халқи тоҷик бармеояд, эътироф намуд. Қисми 3 моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд, ки дар замони осоишта маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад.

Шарти дуюм маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳангоми вазъияти фавқулода мебошад. Вазъияти фавқулодда тадбири муваққатӣ мебошад, ки он мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуда, низоми махсуси ҳуқуқии фаъолияти

мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо муассисаҳо ва ташкилотҳоро пешбинӣ менамояд ва муваққатан ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, инчунин ҳуқуқи шахсони ҳуқуқиро маҳдуд намуда, ба зиммаи онҳо вазифаҳои иловагӣ мегузорад, ки тавассути қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

Мутобиқи моддаи 46 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода” аз 3 ноябри соли 1995, танҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқи эълон намудани вазъияти фавқулодаро дорад.

Дар баробари ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ки ҳангоми вазъияти фавқулода маҳдуд карда мешаванд, инчунин ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванде ҷой доранд, ки дар ягон ҳолат маҳдуд карда намешаванд. Ба қатори онҳо баробарҳуқуқии мардон ва занон (моддаи 17 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҳуқуқ ба ҳаёт, сукунат, дахлнопазирии шахсӣ (моддаи 18 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), кафолати ҳифзи судӣ, ҳуқуқ ба суди беғараз, мустақил ва адолатнок, ҳуқуқ ба ҳимоя (моддаи 19 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), эҳтимолияти бегуноҳӣ (моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҳуқуқ ба дахлнопазирии манзил (моддаи 22 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон), ҳуқуқи шинос шудан бо ҳуҷҷатҳое, ки ба манфиатҳои шахсият дахл доранд (моддаи 25 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва ҳуқуқи муттаҳидшавӣ ва иштирок кардан дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ (моддаи 28 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Асоси дуюм барои тасниф - мустаҳкамнамоии ҳуқуқии маҳдудиятҳо мебошад. Мутобиқи асоси мазкур маҳдудиятҳоро метавон ба ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, конститутсионӣ ва соҳавӣ тақсим намуд. Ба асосҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ метавон маҳдудиятҳоеро мансуб донист, ки дар санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, бахусус дар Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои сиёсӣ ва шаҳрвандӣ, Паймони байналхалқӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва дигар санадҳои байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои инсон пешбинӣ шудаанд. Ба асосҳои конститутсионӣ маҳдудиятҳое дохил мешаванд, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудаанд. Чунончи, дар Конститутсияи Тоҷикистон дар баробари маҳдудиятҳои умумии ҳуқуқҳо, ки дар моддаи 14 мустаҳкам шудааст, инчунин як қатор меъёрҳои дигаре пешбинӣ шудаанд, ки маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои инсонро дар бар мегиранд. Масалан, дар моддаи 50 Конститутсияи ҶТ пешбинӣ карда мешавад, ки аъзои Ҳукумат, судяҳо, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, хизматчиёни ҳарбӣ ва шахсони дигаре, ки қонуни конститутсионӣ муайян кардааст, наметавонанд узви Маҷлиси миллӣ бошанд. Ба таври фарогир маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳо дар қонунгузории соҳавӣ танзим карда мешаванд. Бахусус, мутобиқи муқаррароти Кодекси оила шаҳрвандони хориҷӣ ҳуқуқи фарзандхонд кардани шаҳрвандони ҶТ надоранд ва ё мутобиқи моддаи 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи муборизa бар зидди коррупсия» маҳдудиятҳое муқаррар карда мешаванд, ки бо иҷрои вазифаи (мансаби) давлатӣ ё мансаби ба он баробар алоқаманд мебошад.

Асоси дигар барои таснифи маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳо маҳдудсозии ҳуқуқҳо вобаста ба субъектони чорабиниҳои маҳдудсозӣ, ки онҳоро метавон ба чорабиниҳои маҳдудсозии умумӣ ва чорабиниҳои маҳдудсозии махсусгардонидашуда ҷудо намуд. Чорабиниҳои маҳдудсозии умумӣ ба доираи васеи субъектон паҳн мегарданд ва дар моддаҳои 14 ва 47 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкам шудаанд. Ба чорабиниҳои маҳдудсозии махсусгардонидашуда бояд он намуди маҳдудиятҳое мансуб дониста шаванд, ки нисбати доираи муайяни субъектон татбиқ карда мешаванд. Чунончи, дар асоси муқаррароти моддаи 50 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вакили Маҷлиси намояндагон наметавонад вакили дигар мақомоти намояндагӣ бошад, вазифаи дигареро иҷро кунад, фаъолияти соҳибкорӣ намояд, ба истиснои фаъолияти илмиву эҷодӣ ва омӯзгорӣ.

Ду асоси дигар бо масъалаҳои маҳдудсозии ҳуқуқҳои инсон дар шароити вазъияти фавқулода зич алоқаманд мебошанд. Ба онҳо маҳдудсозии ҳуқуқҳои инсон вобаста ба доираи татбиқи марзӣ, ки онро метавон ба умумимиллӣ (умумиҷумҳуриявӣ) ва маҳаллӣ ва вобаста ба фосилаи вақт ба маҳдудиятҳои доимӣ ва муваққатӣ тақсим намуд.

Мутобиқи моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» Вазъияти фавқулода дар саросари Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон карда мешавад ва Фармон фавран ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод карда

шуда, ба Созмони Милали Муттаҳид хабар дода мешавад. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷори намудани вазъияти фавқулода дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мӯҳлати на дертар аз се рӯз аз лаҳзаи мавриди амал қарор гирифтанаш тасдиқ карда мешавад. Поёнтар дар моддаи мазкур қайд карда мешавад, ки вазъияти фавқулоддаро дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ ба мӯҳлати то се моҳ ҷорӣ кардан мумкин аст. Дар ҳолатҳои зарурӣ ин мӯҳлат метавонад аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дароз карда шавад. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки маҳдудиятҳои ҳуқуқҳои инсон дар Тоҷикистон метавонад чӣ дар тамоми қаламрави ҶТ ва чи дар воҳидҳои алоҳидаи марзиву маъмурӣ ҷой дошта бошад. Ҳамчунин, маҳдудсозии ҳуқуқҳои инсон дар шароити вазъияти фавқулода дар фарқият аз маҳдудиятҳо дар замони осоишта хусусияти муваққатӣ дорад.

Гуфтаҳои болоро ҷамъбаст намуда, бояд тазаккур дод, ки ҳангоми муайян намудани мафҳуми маҳдудсозии конститутсионии ҳуқуқ ва озодиҳо бояд таснифи он ба инобат гирифта шавад, то ин ки аз гуногунфаҳмии истилоҳи ҳуқуқии мазкур ҷилвагирӣ карда шавад. [5.] Таснифот имконият медиҳад, ки ҳудуд ва тарзҳои баамалбарории маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон то андозае ба таври дақиқ муайян шавад ва дар ин замина ба амалигардонии дақиқи онҳо мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Права человека: учебник для Вузов / под ред. Холиков А.Г. Диноршоев А.М. –Душанбе, 2008.
2. Немцев М. В. Классификация конституционных ограничений прав и свобод / М. В. Немцев. [Электронный ресурс]. jurnal.org/articles/2008/uri40.html
3. Долинская В.В. Ограничения права собственности: понятие и виды / В.В. Долинская // Закон. -2003. -№ 11. -С. 5.
4. Зайцев А. А. Ограничения прав и свобод человека в конституционной теории и практике.
5. Гомьен Д. Европейская Конвенция о правах человека и Европейская Социальная Хартия: право и практика / Д. Гомьен, Д. Харрис, Л. Зваак. - М.: МНИМП, 1998.

ТАСНИФИ ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ ИНСОН ТИБқИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Маҳдуднамоии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин муайян намудани ҳудуди озодии инсон дар давлат яке аз ҷанбаҳои муҳимтарини муносибатҳои мутақобилаи инсон ва давлат ба ҳисоб меравад. Он ба сифати унсури муҳим ҳангоми амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон баромад намуда, коркарди ҷузъӣ, бахусус муайян намудани аломатҳои таснифотро талаб менамояд. Дар доираи мақола кӯшиши таснифи намудани маҳдуднамоии ҳуқуқҳои инсон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Калидвожаҳо: Ҳуқуқи инсон, маҳдудият, тасниф, вазъияти фавқулода.

ХАРАКТЕРИСТИКА ПРАВ И СВОБОД ГРАЖДАН ПО ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Ограничение прав и свобод человека и гражданина, т.е. определение пределов свободы человека в государстве, один из важнейших аспектов взаимоотношений человека и государства. Будучи важным элементом при реализации прав и свобод человека, она требует детальной разработки, в частности определения классифицирующих признаков. В статье предпринята попытка классифицировать ограничения прав человека в соответствии с законодательством Республики Таджикистан.

Ключевые слова: Права человека, ограничение, классификация, чрезвычайное положение.

CHARACTERISTIC OF THE RIGHTS AND FREEDOMS OF CITIZENS UNDER THE LAW OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Restriction of rights and freedoms of a person and citizen, i.e. the definition of the limits of human freedom in the state, one of the most important aspects of the relationship between man and the state. Being an important element in the realization of human rights and freedoms, it requires detailed development, in particular the definition of classifying traits. The article attempts to classify human rights restrictions in accordance with the legislation of the Republic of Tajikistan.

Key words: Human rights, restriction, classification, state of emergency.

Сведения об авторах: ***Диноршоев А.М.*** - доктор юридических наук, профессор, заведующий кафедрой конституционного права юридического факультета Таджикского национального университета.
Исозода П.А. - ассистент кафедры прав человека и сравнительного правоведения юридического факультета Таджикского национального университета. E-mail**:isozoda_9393@mail.ru**

ВОЗНИКНОВЕНИЕ И ПРЕКРАЩЕНИЕ ПРАВОСПОСОБНОСТИ ФИЗИЧЕСКИХ ЛИЦ: НОВЫЕ АСПЕКТЫ

Курбонализода Нурулло Шамсулло
Таджикский национальный университет

В рамках научной правовой науки на современном этапе развития вопросу касательно юридической категории, именуемой правоспособностью, существует обширный круг споров и разногласий, поскольку каждый ученый-правовед по своему рассматривает данный юридический элемент, выдвигая свои суждения и теории, беря за основу различные аргументы. Правоспособность, будучи стержневым элементом гражданской науки, играет важную роль в формировании правосубъектности лица. Данная категория находится в тесной взаимосвязи с другими правовыми элементами, тем самым устанавливает объем прав человека и определяет пути их реализации.

Гражданский кодекс Республики Таджикистан в статье 18 устанавливает «1.Способность иметь гражданские права и нести обязанности (гражданская правоспособность) признается в равной мере за всеми гражданами. 2. Правоспособность гражданина возникает в момент его рождения и прекращается смертью». Анализируя данную статью, мы можем сделать вывод о том, что процесс определения и установления начальных и исходных моментов гражданской правоспособности в рамках действующего законодательства не претерпело особых изменений. Многие ученые задаются вопросом, который вызывает большой научный и практический интерес за последние годы. Данный вопрос связан с тем, оправдан ли установленный консерватизм в отношении времени возникновения правоспособности или нет. Итак, например, В Российской Федерации ряд депутатов Государственной Думы задумываются над разработкой законопроекта, который предусматривает принципиально отличающееся определение именно момента, с которого берет свое начало возникновение правоспособности гражданина, который ими устанавливается не с момента рождения, а с момента зачатия. Данное принятое решение они аргументируют и обосновывают тем, что признают «наличие фактической и частичной правоспособности у зачатых, но не рожденных лиц путем признания за ними права на жизнь и права на наследство». В качестве косвенного подтверждения правоспособности зачатого ребенка рассматривается также право беременной женщины на «определенную финансовую и социальную поддержку, такие как отпуск и пособие» [1]. Таким образом, на современном этапе развития правовой науки другой новой проблемой возникновения правоспособности, тесно взаимосвязанной с проблемой начала жизни, является проблема, с какого момента еще не рожденное лицо становится обладателем прав.

Анализируя вопросы, касаемые взаимосвязи субъективных прав и правоспособности, в научной правовой литературе можно встретить мнения свидетельствующие о том, что правоспособность можно рассматривать как субъективное право лица. Кроме того, право на жизнь, будучи субъективным правом является одним из аргументов, на которые ссылается группа разработчиков указанного законопроекта. В этой связи, М.Н. Раджабов отмечает, что признавать правоспособность как «субъективное право» является недопустимым, аргументируя данный вывод тем, что, «во-первых, правоспособность - это общая способность быть носителем прав и обязанностей, а субъективные права и обязанности являются следствием реализации правоспособности; во-вторых, человек правоспособностью обладает всегда, а субъективные права и обязанности могут и не быть; в-третьих, возникновение субъективного права зависит от воли самого субъекта, а правоспособность признается законом, независимо от воли субъекта права».[2] Рассматривая данную позицию, мы имеем солидарное мнение с автором. Вышеизложенное мы можем аргументировать и обосновать тем, что институт правопреемства распространяется на субъективные права, но не на правоспособность, кроме того, правоспособность не зависит от таких критериев как возраст, пол, национальность, профессия, имущественное положение, место жительства и в равной мере признается за всеми членами общества.

Таким образом, упомянутое предложение законодательства затрагивает такие немаловажные вопросы, поэтому его значение и обоснование нуждаются в глубоком и детальном изучении, анализе и всестороннем обсуждении. Существуют такие источники, которые свидетельствуют о том, что еще в Законах XII Таблиц было установлено положение о признании некоторых субъективных прав за зачатым, но еще неродившимся ребенком [3]. Данный подход всецело сохранился в течение последующего времени и получил свое дальнейшее развитие, а также закрепление в Дигестах Юстиниана [4]. Свидетельством

сказанному выступает положение, в соответствии с которым «ребенок, родившийся после смерти отца, считается родившимся до его смерти» [5], которое было установлено исключительно в интересах детей, но все же в качестве субъекта права, т.е. правообладателя ребёнок мог выступать только после своего рождения. В таком случае, вопрос о том, что правоспособность возникает только с момента рождения, в научной литературе не оспаривался, так как существующие споры велись только касательно вопроса установления конкретного момента начала жизни, которая начинается с момента, когда ребенок издал свой первый крик, или с момента, когда он подал любые другие признаки жизни.

В рамках отечественной науки положение о том, что правоспособность возникает с момента рождения также считалось общепризнанным и общеутвержденным. Учёные цивилисты придавали наиболее важное значение решению вопроса о том, что началом физической жизни должен быть признан момент рождения ребенка или же его зачатие. В этой связи, правоведы единогласно утверждали, что «актом рождения человек вступает в общество людей; этот же акт следует считать и началом его правоспособности», так как человек самостоятельно начинает существовать с момента своего рождения, поэтому с этого же момента он приобретает свою правоспособность» [6]. Такого рода положение предусмотрено на законодательном уровне большинства стран мира, исключением из которых выступают некоторые нормативно-правовые акты, как, например, положение установленное в Американской конвенции о правах человека, в соответствии с которым право на уважение жизни человека сформировывается с момента его зачатия.

Предложенные изменения в данную статью, которые были выдвинуты зарубежными, а именно российскими правоведами, были также обоснованы тем, что данные поправки в первую очередь, ограничат право матери на уничтожение зачатого ребенка. Проблематика касательно произведения абортов является достаточно сложным и спорным вопросом, что и обуславливает ее всесторонний анализ и обсуждение с учетом не только юридических факторов, но в том числе демографических, медицинских, экономических, социальных, моральных и этических. Но, при этом, данное предложение, которое признает наличие правоспособности за зачатым, но еще не родившимся ребенком на законодательном уровне не может выступать в качестве гарантией защиты его прав и интересов, а также не является способом решения других вопросов, которые связаны с неестественным, т.е., искусственным прерыванием беременности, поскольку вызывает целый ряд сомнений, которые связаны со способом реализации данного предложения, т.е., механизм реализации данной идеи будет осуществлен путем контролирования каждой беременной женщиной, или же установления ответственности (то, необходимо указать на конкретный вид ответственности: уголовная, гражданская, административная) за прерывание беременности? Кроме того, также не понятным является момент, с которым связано возникновение правоспособности, поскольку в большинстве случаев точный момент зачатия невозможно определить.

Таким образом, анализируя данное предложение, мы приходим к такому выводу, что данное предложение, во-первых, не имеет своего механизма реализации, во-вторых, норма, которая ограничивает право матери на уничтожение зачатого ребенка уже предусмотрена законодательством, которое предусматривает, что произведение аборта возможно до четырехмесячного срока. Данный вопрос уже непосредственно регулируется такими законами, как Закон Республики Таджикистан «О репродуктивном здоровье и репродуктивных правах» от 19.06.2002, и Закон Республики Таджикистан «Об охране здоровья населения» от 15.05.1997г. Итак, если такое ограничение уже предусмотрено, то предложенная идея теряет свой смысл. Кроме того, необходимо уточнить, данное предложение всего лишь ограничивает, или целиком лишает мать права производить аборт, поскольку если целиком наложить запрет на осуществление аборта на том основании, что эмбрион считается правоспособным уже с момента зачатия, то данный процесс может повлечь еще более серьезные проблемы, поскольку, например, зачатие ребенка не всегда происходит по воле и желанию. Как быть, если зачатие произошло в процессе изнасилования, или когда она, будучи несовершеннолетней, не готова воспитывать и содержать ребенка? Кроме того, необходимо указать о том факте, что внесение такого рода изменений в статью Гражданского кодекса приведет к тому, что граждан будут регистрировать в качестве правоспособных субъектов, в то время когда они еще находятся в утробе на разных стадиях развития беременности, что неизбежно приведет к появлению массы проблем [7]. Помимо этого, данное предложение также затрагивает еще одну важную научную проблематику, которая связана с проблемами признания начала жизни. По данному вопросу существует огромное количество споров и идей, в рамках которых некоторые учёные считают, что плод становится человеком с того момента как начинает шевелиться в утробе матери,

другие же учёные за основу берут момент полного формирования нервной системы плода и со стартом его мозговой функциональности, другие же считают, что основой является именно момент его рождения [8]. А.М.Диноршоев, рассматривая данную проблематику, отмечает, что проблема признания начала жизни является структурным элементом содержания права на жизнь, а также анализируя международную базу нормативно-правовых источников, утверждает, что «международно-правовые и межрегиональные акты не освещают вопрос временных критериев появления права того или иного субъекта на жизнь. Исключение составляет лишь Американская конвенция о правах человека, которая провозглашает право на уважение жизни человека с момента зачатия»[9]. Статья 18 Конституции Республики Таджикистан гласит, что «каждый имеет право на жизнь», и, рассматривая данную норму, автор добавляет: «каждый имеет право на жизнь, которая возникает с момента рождения и продолжается до смерти, объем содержания которого вызывает бурные дискуссии в научных кругах» [9]. Кроме того, указанное предложение затрагивает еще одну проблему, которая связана с тем, что если регистрировать момент зачатия ребенка в качестве акта гражданского состояния, то становится неизбежным регистрация и его гибели в утробе матери, что, на наш взгляд, не является целесообразным.

На основе сделанного анализа, мы приходим к такому выводу, что законодательное признание правоспособными субъектами зачатых, но еще не рожденных детей не является гарантией того, что норма такого рода сможет эффективно охранять и защищать их права и интересы, поскольку практика свидетельствует совсем о другом положении дел.

Для гражданского законодательства и гражданского права важно найти ответы касательно проблемы признания начала жизни, поскольку от этого зависит выбор того момента, с которого законодатель признает лицо правоспособным субъектом гражданских правоотношений.

В приведенных нормах речь идет об имуществе, приобретенном преступным путем. Именно поэтому, и вероятнее всего, законодатель в данных случаях назначает конфискацию. С юридической точки зрения, конечно, речь идет о конфискации имущества осужденных, как о наказании этими мерами. Практически же – о законном имуществе, которое основано на преступном деле. И в этом случае такая сокрытая социальная причина указывает на социальную справедливость данных мер наказания. Нужно упомянуть, что конфискация имущества должна осуществляться не после завершения основного наказания, а одновременно с основным наказанием. В таком случае можно отрицать другие мнения, касающиеся цели конфискации, как дополнительного наказания по окончанию основного наказания [2, 65].

ЛИТЕРАТУРА

1. Дикаев С.У. Цели уголовного наказания и проблемы социальной адаптации лиц, отбывших и отбывающих наказание в виде лишения свободы / С.У. Дикаев //Вестник экономики, права и социологи. - Санкт-Петербург, 2007. -№2. – С.70-75.
2. Зокиров З.Х. конфискации имущества: прошлое и настоящее. (на тадж. яз.): монография / З.Х. Зокиров. – Душанбе: Сухан, 2016. -96 с.
3. Зокиров З.Х. Учебник Основы государства и права (на тадж. яз.) / З.Х. Зокиров. – Душанбе: Ашуриён, 2016. -156 с.
4. Коментарии к уголовному кодекс РТ / отв. ред. Х.Х. Шарипов. Душанбе, 2015. -1109 с.
5. Красильникова Е.В. Воспрепятствование законной профессиональной деятельности журналистов (ст. 144 УК РФ): вопросы законодательной техники и дифференциации ответственности: автореф. дис... канд. юрид. наук / Е.В. Красильникова. - Казань, 2007. -204 с.
6. Малышев А.Н. Конфискация имущества в уголовном праве: дис…юрид. наук / А.Н. Малышев. -М., 2010. -189 с.
7. Новейший энциклопедический словарь / отв. ред. Е.А. Вашавская. -М., 2004. -1055 с.
8. Ной И. Учебник Вопросы теории наказания в советском уголовном праве / И. Ной. - Саратов. Изд. Саратовск. Ун-та, 1962. -156 с.
9. Гоибов Р.Д. Уголовное право. Общая часть: учебное пособия / Р.Д. Гоибов. – Хучанд: Ношир, 2001. -180 с.
10. Тихонова С.С. Юридическая техника в уголовном праве: курс лекций / С.С. Тихонова. - Нижний Новгород, 2008. - 244 с.
11. Тулиев И.Р. Общие начала назначения наказания по уголовному праву Таджикистана / И.Р Тулиев //Вестник РУДН, серия Юридические науки, 2010. -№4. –С.118-129.
12. Уголовное право (общая часть). Учебное пасобие / под. ред. Гаффорова Н.А., Салимов Х.С. -Душанбе: Зинат, 2011. -344 с.
13. Уголовный кодекс Республики Таджикистан // Национальный центр законодательства при Президенте РТ. [Электронный ресурс]. URL: http://mmk.tj.
14. Хачак Р.А. Конфискация имущества: исторические, сравнительно- правовые и уголовно- правовые аспекты: дисс… канд. юрид. наук / Р.А. Хачак. - Краснодар, 2011. -208 с.
15. Шарипов Т.Ш. Уголовное право (общая часть): краткий курс лекций / Т.Ш. Шарипов, Н.Б. Азимов, З.А. Камолов, М. Н. Насриддинов. - Душанбе, 2010. -256 с.
16. Юридическая энциклопедия / отв. ред. АН РТ доктор юрид. наук. профессор Махмудов М. – Душанбе: ЭР-граф, 2009. -620 с.

МАҚСАДИ МУСОДИРАИ МОЛИКИЯТ

Дар мақола мақсадҳои мусодираи моликият ҳамчун ҷазои ҷиноӣ дида баромада шудааст. Дар он мақсади мусодираи моликиятдар манбаъҳои гуногун таҳлил шудааст. Муаллиф хулосаи илмии худро оиди мақсади мусодираи моликият пешниҳод намудааст.

Калидвожаҳо: мусодираи моликият; аз истеъмол баровардан, даромад аз ҷиноятқорӣ, ҷазо, моликият.

ЦЕЛЬ КОНФИСКАЦИИ ИМУЩЕСТВА

В статье рассматриваются цели конфискации имущества, как уголовного наказания. В ней анализируется цель конфискации имущества в разных источниках. Автор предлагает свой научний вывод о целе конфискации имущества.

Ключевые слова: конфискация имущества; изъятие; доходы от преступления; наказание; собственность.

PURPOSE OF CONFISCATION OF PROPERTY

The article considers the purposes of property confiscation as a criminal punishment. It analyzes the purpose of confiscating property in different literatures. The author offers his scientific conclusion about the purpose of property confiscation.

Key words: confiscation of property; Seizure; Proceeds of crime; Punishment; own.

Сведения об авторе: ***Зокиров Зафар Хайруллоевич*** **-** аспирант кафедры уголовного права Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 918-53-59-14**. E-mail: **Zafar.khayrullozoda@mail.ru**

МАФҲУМИ ДАЪВОИ ГРАЖДАНӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Шоқулова С.И.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мафҳуми даъвои граждани дар меъёрҳои мухталифи Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] (масалан, моддаҳои 44, 54, 126, 127 ва ғайра) истифода мешавад. Мафҳуми мазкур дар Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Тоҷикистон [2], ки дар Тоҷикистон қаблан амал карда, то 1 апрели соли 2010 эътибори қонунӣ дошт, низ васеъ истифода мешуд (масалан, моддаҳои 55-57 ва ғайра). Аммо на қонуни мурофиавии ҷиноятии амалкунанда ва на қонуни қаблии болозикри мурофиавии ҷиноятӣ, таърифи мафҳуми даъвои гражданиро дар мурофиаи ҷиноятӣ пешбинӣ намекунад ва пешбинӣ намекард.

Аз ин рӯ, аз ҷониби матахассисони соҳаи илми ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ кӯшишҳо карда мешаванд, то ин ки бо муайян намудани нишонаҳои хосси мафҳуми даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ таърифи он коркард гардад.

Мафҳуми даъво ҳанӯз аз ҷониби олимони ҳуқуқшиноси Рими бостон муайян карда шуда буд. Таҳти мафҳуми даъво онҳо амали мустақилро мефаҳмиданд, ки бо мақсади ҳимояи ҳуқуқи поймолшуда ба суд мурочиат карданро ифода менамояд [3].

Бояд зикр намуд, ки бори аввал мафҳуми даъвои граждани дар Устави мурофиаи судии ҷиноятии Империяи Россия [4] дарҷ шудааст (масалан, моддаҳои 6, 7, 122, 123, 145, 151, 187, 188, 189 ва ғайра), ки он дар ҳудуди Тоҷикистони таърихӣ амал кардааст [5]. Дар м. 6 Устави мурофиавии судии ҷиноятии Империяи Россия мафҳуми даъвои граждани ба тариқи зерин муайян карда мешуд: “талаб оид ба подош барои зарар ва зиёни бо ҷиноят расонидашуда”.

Чунин муқаррароти қонун таъсири муайяни худро ба назарияи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятии тоинқилобӣ расонид. Зеро як қатор олимон маҳз ба нишонаи дар боло зикршудаи даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ, яъне “талаб оид ба рӯёнидани зарар ва зиёни бо ҷиноят расонидашуда” такя карда, таърифи мафҳуми даъвои гражданиро дар мурофиаи ҷиноятӣ медоданд. Масалан, Н.С. Тагансев [6] ва С.В. Познишев [7] ба он ақида буданд, ки даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ талаб дар бораи рӯёнидани зарар ва зиёни бо амали ҷиноятӣ расонидашуда мебошад. Таърифи мазкур дар адабиёти ҳуқуқӣ мавриди танқид қарор дода шудааст [8], ки онро мо низ дастгирӣ менамоем. Воқеан ҳам, таърифи мазкур танҳо ҷанбаи моддии даъворо фаро гирифта, ба ҷанбаи мурофиавии он ишора намекунад. Бинобар ин, моҳияти даъвои гражданиро дар мурофиаи ҷиноятӣ мукаммал ифода карда наметавонад.

Дар навбати худ О.В. Александрова кӯшиши коркарди таърифи даъвои гражданиро дар мурофиаи ҷиноятӣ карда, зуҳуроти мазкурро бо падидаи ҳуқуқӣ иваз менамояд. Ба чунин хулоса дар асоси таҳлили таърифи пешниҳоднамудаи О.В. Александрова омадан мумкин аст. “Зери даъвои граждани дар мурофии граждани, – менависад муаллиф, – таклиф менамоем, ки низоми меъёрҳои мурофиавии ҷиноятӣ, ки тартиби барқарор намудани ҳуқуқи ҷабрдидаро аз ҷиноят бо роҳи аз ҷониби ӯ ба суд зимни истеҳсолот аз рӯйи парвандаи ҷиноятӣ пешниҳод гардидан ва якҷоя бо он ҳал намудани талабро оид ба рӯёнидани зарар ва зиёни бо ҷиноят расонидашуда танзим мекунанд, фаҳмида шавад”. Ба назари мо, дар ин таъриф низ ба иштибоҳ роҳ дода мешавад. Чунки дар он ҷанбаи мурофиавии даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ нишон дода шуда бошад ҳам, зарурати аз ҷониби суд баррасӣ кардани он зикр намешавад. Илова ба ин, дар таърифи муаллифи мазкур унсурҳои даъвои граждани ҳам ишора намешаванд.

А.Г. Мазалов ба хулосае меояд, ки даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ даъвои анъанавии иҷборӣ маҳсуб меёбад, бинобар он ки мазмуни он талаб оид ба маҷбур намудани ҷавобгар барои анҷом додани амалҳои муайян ба фоидаи даъвогари граждани, ҷиҳати ба ҷавобгар ҷуброн намудани товони зарари молумулкии бо ҷиноят расонидашуда мебошад [9]. Ба андешаи мо, таърифи зикршуда аз камбудӣ орӣ нест. Зеро танҳо яке аз нишонаҳои муҳимми мафҳуми даъвои гражданиро дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки мавзӯи он ба ҳисоб меравад, фаро гирифта, нишонаҳои дигари муҳимми онро ба инобат намегирад. Инчунин, дар он сухан дар бораи ҷуброни танҳо зарари молумулкии бо ҷиноят ба шахс расонидашуда меравад, ки хосси таърифҳои мафҳуми даъвои граждани, ки дар адабиёти ҳуқуқии даврони шӯравӣ маъмул буд, маҳсуб меёбад.

Аз нуқтаи назари С.Л. Емелянов, даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ, ин талаби тавассути суд бо тартиби мурофиаи судии ҷиноятӣ пешниҳодшудаи даъвогари граждани нисбат ба айбдоршаванда ё ҷавобгари граждани дар бораи рӯёнидани зарари ҷисмонӣ,

молумулкӣ ё маънавии мустақиман бо ҷиноят, инчунин кирдори барои ҷамъият хавфноки шахси номукаллаф расонидашуда ба ҳисоб меравад [10].

Дар таърифи мазкур низ ба сифати нишонаи калидии мафҳуми даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ талаб дар бораи рӯёнидани зарари бо ҷиноят расонидашуда ишора мешавад. Аммо С. Л. Емелянов қонуни амалкунандаи мурофиавии чиноятии Ҷумҳурии Белорусро ба инобат гирифта, истилоҳи зарарро васеътар дарҷ менамояд, яъне зарари ҷисмонӣ, молумулкӣ ё маънавӣ. Чунки Кодекси амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус (қ. 1 м. 148) [11], дар тафовут аз Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Шӯравии Сотсиалистии Белорус (соли 1961) рӯёнидани на танҳо зарари моддӣ, балки маънавиро низ пешбинӣ менамояд. Бояд зикр намуд, ки Кодекси амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тафовут аз КМҶ ҶШСТ соли 1961 низ, муқаррароти шабеҳро пешбинӣ менамояд (қ. 1 м. 44 КМҶ ҶТ).

Инчунин С.Л. Емелянов дар таърифи худ ба унвони кадом субъектҳои мурофиаи ҷиноятӣ пешниҳод шудани даъвои гражданиро муайян кардааст. Ӯ дуруст қайд менамояд, ки даъвои граждани ба унвони айбдоршаванда ё ҷавобгари граждани пешниҳод мешавад. Инчунин, дар таърифи зикршуда навгонии дигари қонуни амалкунандаи мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Белорус, ки имконияти рӯёнидани зарари бо кирдори барои ҷамъият хавфноки шахси номукаллаф расонидашуда мебошад, нишон дода шудааст.

Тавре ки аз таҳлили мо маълум мегардад, таърифи мафҳуми даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз ҷониби С. Л. Емельянов асоснок карда шудааст, нисбатан мукаммал буда, бештари нишонаҳои ин мафҳумро фаро мегирад. Вале дар ин таъриф таъкид карда мешавад, ки даъвои граждани тавассути суд пешниҳод мешавад. Мувофиқан муаллиф ба инобат намегирад, ки даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ на фақат мавриди пешниҳод қарор мегирад, балки дастгирӣ ёфта, баррасӣ ва ҳал карда мешавад, яъне метавонад рукни муҳимми тамоми давраҳои мурофиаи ҷиноятӣ бошад.

Дар асоси таҳлили таърифҳои мафҳуми даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ, ки аз ҷониби мутахассисони соҳаи назарияи мурофиавии ҷиноятӣ пешниҳод шудааст, инчунин муқаррароти меъёрҳои ҷудогонаи қонуни мурофиавии ҷиноятӣ, аз ҷумла м. 127 КМҶ, ки ҳуқуқи шахси аз ҷиноят зарардидаро ҷиҳати пешниҳоди даъвои граждани пешбинӣ менамояд, сархатҳои 3 ва 8 қ. 1 м.2 КМҶ ҶТ, ки мутобиқи онхо вазифаҳои муҳим ва асосии мурофиаи судии ҷиноятӣ ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, манфиати ҷамъият, давлат ва ташкилотҳо, ки аз ҷиноят зарар дидаанд, кафолати ҳимояи манфиатҳои қонунии иштирокчиёни мурофиаи судии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад ва м. 12 КМҶ ҶТ, ки вазифаи аз ҷониби суд, судя, прокурор, муфаттиш, таҳқиқбаранда ҳифз намудани ҳуқуқу озодиҳои шахсонеро, ки дар мурофиаи судии ҷиноятӣ иштирок мекунанд, ба ҳайси принсипи мурофиаи ҷиноятӣ эътироф менамояд. Ҳамзамон, бе вайрон кардани ҳуқуқҳои субъективӣ ба шахс бо ҷиноят расонидани зарар ғайриимкон буданашро ба инобат гирифта, ба хулосае омадем, ки таърифи зерини мафҳуми болозикрро пешниҳод намоем.

Ҳамин тариқ, даъвои граждани дар мурофиаи чиноятӣ талаби шахс оид ба ҳимояи ҳуқуқи субъективӣ ва манфиати қонунӣ бо роҳи рӯёнидани товони зарари бо ҷиноят расонидашуда мебошад, ки ба фактҳои ҳуқуқӣ асос ёфта, аз ҷониби мақомоти ваколатдор эътироф, баррасӣ ва ҳал карда мешавад.

Қобили зикр аст, ки таърифи мазкур на танҳо даъвои граждании шахсеро, ки ба вай бевосита аз ҷиноят зарар расонида шудааст, балки даъвои граждании прокурор ва мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсияро, ки тибқи қ. 1 м. 126 КМҶ ҶТ метавонанд ба суд даъвои граждани пешниҳод намоянд, низ фаро мегирад.

АДАБИЁТ

1. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2009. -№12. -Мод. 815; -Мод. 816; - 2010. -№7. -Мод. 551; - 2011. - №3. -Мод. 159; -№7-8. -Мод. 609; - 2012. -№4. -Мод. 259; -№7. -Мод. 714; -№8. -Мод. 815; -№12. -Қ. 1. -Мод. 1020; -Мод. 1025; - 2013. -№7. -Мод. 510; -Мод. 511; - 2014. -№3. -Мод. 142; -№11. -Мод. 643; - 2015. -№11. -Мод. 950; - 2016. -№3. -Мод. 128; -№5. -Мод. 357. -№7. -Мод. 610. -Мод. 611; Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., №1381.Минбаъд – КМҶ ҶТ.
2. Ведомостҳои Совети Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -1961. -№24. -Мод.126; - 1962. -№1. -Мод.7; -1964. -№1. -Мод. 9; -1967. -№1. -Мод.8,9; -1968. -№24. -Мод.204; - 1970. -№12. -Мод.67 (сархатҳои 1 ва 3); -1973. -№1. -мод.9 (сархати 3). -№12. -Мод.114; -1975. - №13. -Мод.14; -1977. -№11. -Мод.90; -1978. - №14. -Мод, 142; -1981. -№24. -Мод. 225; -1984. -№2. -Мод. 15 (сархатҳои 3 ва 5). -№4. -Мод.36 (сархати 3). -№23. -Мод.222; -1985. -№7. -Мод.9 (сархати 1). -№23. -Мод.233; -1987. -№5. -Мод.74. -№24. -Мод.333; -1988. - №5. -Мод.55. -№21. -Мод.167. -№24. -Мод.225; -1990. -№7. -Мод.56. -№16. -Мод.268. -№24. -Мод.410; -1991. -№14. -Мод.237. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -1992. -№23. -Мод.333; -1993. -№9-10 -Мод.137. -№19-20. -Мод.438. -№21-22. -Мод.455; -1995. -№23-24. -Мод.358; -1996. -№4. -Мод.62; -1997. -№9. -Мод.117; -1998. - №10. - Мод.72; -1999. - №12. -Мод.305; -2000. -№11. -Мод.523; -2002. -№4. -Қ.1. -Мод.281; -2004. -№7. -Мод.461; -2005. -№7. -Мод.644; -2007. -№5. -Мод.359; -2008. -№3. -Мод.287. -№6. -Мод.445; -2009. -№3. -Мод.79.

3. Маҳмудов М.А. Ҳуқуқи хусусии римӣ / М.А. Маҳмудов, Ш.М. Менглиев. – Душанбе: Эр-граф, 2013.
4. Устав уголовного судопроизводства с позднейшими узаконениями, законодательными мотивами, разъяснениями Прав. Сената и циркулярами Министра Юстиции / под. ред. Шрамченко М., Ширикова В. – СПб.: Изд-во юрид. кн. маг. Н.К. Мартынова, 1902.
5. Устави мурофиаи судии ҷиноятии Империяи Россия дар ҳудуди шимолии Тоҷикистони имрӯза, ки ба ҳайати генерал-губернатории Туркистон дохил мешуд, амал кардааст. Нигаред, масалан: Тахиров Ф.Т. Становление советского права в Таджикистане/ Ф.Т. Тахиров. – Душанбе: Дониш, 1987.
6. Таганцев Н.С. Вознаграждение за вред и убытки, причиненные преступным деянием / Н.С. Таганцев // Уголовное право (Общая част). – Спб., 1902. - Часть 2.
7. Познышев С.В. Элементарный учебник русского уголовного процесса / С.В. Познышев. – М., 1913.
8. Александрова О.В. Понятие гражданского иска в уголовном процессе: проблемы определения и толкования в юридической литературе конца XIX / О.В. Александрова // Юридическая мысль. – Кострома. - № 6 (92).
9. Мазалов А.Г. Гражданский иск в советском уголовном процессе: автореф. дис. …канд. юрид. наук / А.Г. Мазалов. – М., 1967.
10. Емельянов С.Л. Понятие и провавая природа гражданского иска в уголовном процессе / С.Л. Емельянов // Веснік Вщебскага дзяржаўнаго універсітэта. – Витебск. Изд-во: Витебский государственный университет им. П.М. Машерова, 2004. -№ 1 (31).
11. Уголовно-процессуальный кодекс Республики Беларусь / [Захираи электронӣ]. http://kodeksy.by/ugolovno-processualnyy-kodeks/ (санаи мурољиат: 30. 06. 2017).

МАФҲУМИ ДАЪВОИ ГРАЖДАНӢ ДАР МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ

Мавзӯи таҳқиқи мақолаи мазкур мафҳуми даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ мебошад. Муаллиф дар пояи таҳлили қонуни мурофиавии ҷиноятии қаблӣ ва амалкунанда, таҷрибаи баъзе мамлакатҳои хориҷӣ, ҳамзамон, назарияи ҳуқуқи мурофиавии ҷиноятӣ бо дарназардошти нишонаҳои муайянгардидаи даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ, кӯшиш кардааст таърифи онро пешниҳод намояд.

Калидвожаҳо: мурофиаи ҷиноятӣ, даъвои граждани, даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ, зарари бо ҷиноят ба шахс расонидашуда, ҷанбаи моддии даъвои граждани, ҷанбаи мурофиавии даъвои граждани

ПОНЯТИЕ ГРАЖДАНСКОГО ИСКА В УГОЛОВНОМ ПРОЦЕССЕ

Предметом исследования данной статьи является понятие гражданского иска в уголовном процессе. Автор на основании изучения предыдущего и действующего уголовного процессуального закона, опыта некоторых зарубежных стран, а также теории уголовного процессуального права с учетом признаков, присущих гражданскому иску в уголовном процессе попыталась сформулировать определение его понятия.

Ключевые слова: уголовный процесс, гражданский иск, гражданский иск в уголовном процессе, вред, причиненный лицу преступлением, материальный аспект гражданского иска, процессуальный аспект гражданского иска

THE CONCEPT OF CIVIL LAW IN THE CRIMINAL PROCESS

The subject of this article is the concept of a civil suit in criminal proceedings. The author tried to formulate the definition of his concept on the basis of studying the previous and existing criminal procedural law, the experience of some foreign countries, as well as the theory of criminal procedural law, taking into account the characteristics inherent in a civil suit in a criminal trial.

Key words: criminal trial, civil action, civil action in criminal proceedings, harm caused to a person by a crime, material aspect of a civil claim, procedural aspect of a civil claim

Сведения об авторе: ***Шокулова С.И.*** – Таджикский национальный университет, соитскатель юридического факультета. Телефон: **900-72-00-89**

К ВОПРОСУ О ПРИМЕНЕНИИ КОЛЛИЗИОННОГО ПРИНЦИПА ЗАКОНА МЕСТА РАБОТЫ В РЕГУЛИРОВАНИИ ТРАНСГРАНИЧНЫХ ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ

Кодиркулов Х.Р.
Таджикский национальный университет

Как известно, коллизионная норма - это норма, устанавливающая право какого государства регулирует отношения с иностранным участием. То есть коллизионная норма - это норма, которая указывает на применимое национальное право к частноправовому отношению, осложненному иностранным элементом [1].

Важно отметить, что в принципе коллизионная норма является разновидностью отсылочной нормы, так как отечественный законодатель выражает свою волю на применение нормы иностранного права посредством коллизионной нормы. По существу, коллизионная норма как таковая санкционирует применение иностранного права в пределах конкретной национальной юрисдикции. В результате в норме иностранного права происходит заимствование ее рационального элемента, т.е. самого правила поведения [2]. Это говорит о том, что на правовое положение сторон влияют коллизионные нормы.

При этом механизм и границы обращения к нормам иностранного права определяются отечественным правом. Представляется, что главное отличие коллизионной нормы от других

юридических предписаний – преодоление коллизионной проблемы путем определения применимого права, т.е. права, подлежащего применению в силу указания коллизионной нормы [3]. Это имеет весьма важно значение, ведь государственные суды при рассмотрении частноправовых споров с иностранным участием должны руководствоваться коллизионными нормами, которые содержатся в соответствующем национальном законодательстве либо в международных правовых актах, признанных государством. Важно при этом учитывать, что коллизия не является «столкновением» международно-правового порядка, которое разрешалось бы путем переговоров между органами тех государств, чьи законы «сталкиваются». Справедливо отмечается, что коллизия закона возникает перед органами государств, которые должны разрешить вопрос, связанный с возможным применением одного из нескольких законодательств [4].

Изложенное свидетельствует о том, что в современных условиях проблема выбора права, подлежащего применению к отношениям с иностранным участием, решается при помощи коллизионных норм, по существу содержащих принципы рассмотрения спорных правовых ситуаций и критериев выбора норм для их регулирования.

В свете сказанного возникает вопрос, могут ли стороны при возникновении спора ссылаться на коллизионную норму для своей защиты, поскольку в самой коллизионной норме нет никаких положений, касающихся конкретных прав и обязанностей сторон. Отвечая отрицательно на поставленный вопрос, следует отметить, что по существу целью и основным назначением коллизионной нормы является нахождение правопорядка, при помощи которого соответствующее правоотношение было бы урегулировано наиболее справедливо и эффективно. Эта цель, конечно же, публично-правовая [5].[*] Однако обоснованную позицию по этому вопросу занимает Г. Кегель, утверждая о наличии особой «коллизионно-правовой справедливости» [6]. Далее он отмечает, что под коллизионной справедливостью понимается такое решение коллизионной проблемы, при котором с помощью специальных коллизионных норм будет найден правопорядок, в котором с пространственной точки зрения локализовано правоотношение с иностранным элементом. С этой точки зрения коллизионно-правовая справедливость предшествует материально-правовой. Поэтому было бы неправильно рассуждать о том, что коллизионная норма лишь указывает, право какого государства должно быть применено, как имеющее те же функции, что выполняет справочное бюро на вокзале, сообщающее пассажирам о том, с кого пути отправляется их поезд. В связи с этим в юридической литературе справедливо указывалось на то, что «коллизионная норма вместе с материально-правовой нормой, к которой она отсылает, образует настоящее правило поведения для участников гражданского оборота» [7]. Следует, однако, заметить, что нельзя свести функции коллизионного права только к организации связи между субъектами трансграничных отношений. Организующая и регулирующая функции коллизионных норм взаимодействуют и проявляются воедино, вместе, оказывая необходимое воздействие и на субъекты права - граждан и юридических лиц разных стран, и на отношения, осложненные иностранным элементом [8].

При этом представляется важным отметить тот факт, что при выборе законодателем коллизионной привязки принципиальное значение должно приобретать уже сложившееся или же имеющееся коллизионно-правовое регулирование в странах, являющихся ключевыми международными партнерами данных государств, с целью сближения правовых норм. Ибо государство в процессе правотворчества должно не только исходить из интересов внутреннего оборота, но и учитывать объективные социально-экономические отношения, складывающиеся между государствами. В этом смысле для Таджикистана особое значение имеют интеграция и сотрудничество, особенно в рамках СНГ.

Суть в том, что вопросы трудового права в Республике Таджикистан, как и в ряде других стран СНГ, рассматриваются, как правило, изолированно от общих вопросов международного частного права[*]. Это связано с тем, что отрасль трудового права содержит явно выраженный элемент публичности, и, как следствие, национальные источники практически не включают специальных коллизионных норм, посвященных регулированию трудовых отношений. Что касается современной доктрины и практики государств, то общие категории коллизионного

[*] В законах иностранных государств в сфере международного частного права, как правило, отсутствует определение коллизионной нормы. Исключение составляет Кодекс международного частного права Туниса 1998 г., определяющий коллизионную норму как норму публичного порядка.

[*] Далее по тексту МЧП.

права применяются (с существенными оговорками) к трудовым отношениям с иностранным элементом [9].

Следует отметить, что отрасль МЧП отличается от трудового права не только спецификой существующих общественных отношений, составляющих предмет правового регулирования, но и наличием коллизионно-правового метода регулирования, который, в отличие от материально-правового, подчеркивает уникальность этой отрасли. Если часть трудовых отношений, осложненных иностранным элементом, относится к предмету регулирования МЧП, то, очевидно, нужно признать и действие коллизионного метода применительно к трудовым отношениям. Как уже было отмечено, в трудовом законодательстве Республики Таджикистан нет решения коллизионных проблем, т.е. ситуаций, когда должен быть прояснен вопрос, законы какого государства следует применить к трудовому правоотношению, которое вызвало конфликт трудовых законов разных стран. Кроме того, следует иметь в виду, что процесс применения коллизионных норм связан с выяснением ряда существенных попутных вопросов, таких правовых категорий и средств МЧП, как взаимность, квалификация, публичный порядок, которые также отсутствуют в Трудовом кодексе РТ. Это очень важно, ибо, по существу, от их решения зависит не только применение иностранного права вообще, но и пределы его применения.

В связи с этим возникает вопрос, имеющий практическое значение: можно ли подчинять регулирование трансграничных трудовых отношений, иностранному праву? Ответ на этот вопрос в настоящее время зависит от той позиции, которая будет выработана отечественной судебной практикой. Что же касается теоретической позиции, то, по нашему мнению, включение трудовых отношений международного характера в предмет МЧП должно быть поддержано учеными независимо от их научных «пристрастий», учитывая опыт законодательства большинства зарубежных стран, так как решение коллизии трудовых законов разных стран в пользу применения того или иного права во многом зависит от того, суд какой страны рассматривает и разрешает возникший трудовой спор. Все это говорит о том, что законодательство Республики Таджикистан в интересующей нас сфере, развиваясь, не может остаться в стороне от мировых процессов, т.е. не должно отставать от потребностей международной жизни. А такая позиция, в свою очередь, влияет и на однозначный ответ о возможности регулирования исследуемых отношений коллизионными принципами.

Так, в правовом регулировании трудовых отношений, имеющих международный характер, основной коллизионной привязкой является закон места выполнения работы. По существу, данная привязка занимает ключевое место в системе коллизионных норм, принятых в области трансграничных трудовых отношений. В этой связи в литературе справедливо отмечается, что в сфере международных трудовых отношений наиболее «популярным» является закон государства места работы - lex loci laboris [10].

Коллизионная норма применения закона страны места работы закреплена в Римской Конвенции о праве, применимом к договорным обязательствам от 1980 г., а также в качестве основного критерия предусмотрена в законодательстве о международном частном праве таких стран, как Австрия, Венгрия, Испания, Албания и Швейцария [11].

Вместе с тем, поскольку коллизионные нормы гражданских кодексов Аргентины и Уругвая распространяются и на трудовые контракты, а основная коллизионная привязка для этих контрактов - это место их исполнения, то здесь, очевидно, следует признать, что и в этих странах закон места выполнения работы является главной формулой прикрепления для трудовых отношений с иностранным элементом.

В связи с этим возникает вопрос, что понимается под законом места выполнения работы. Так, по мнению М.М. Богуславского, под законом места работы (lex loci laboris) понимается закон страны местонахождения предприятия, где работает трудящийся [12].

Однако в нормативных правовых актах разных стран коллизионная привязка места осуществления работы сформулирована по-разному.

Так, в законодательстве некоторых стран, таких как Венгрия, Австрия, Чехия, указанная коллизионная формула наиболее рельефно детализирована. К примеру, в §51(1) закона о МЧП Венгрии от 1979 г. указывается, что к трудовым отношениям, если нормативный акт «не предусматривает иного, применяется закон того государства, на территории которого следует выполнять работу» [13]. Это означает, что к трудовым отношениям применяется закон того государства, на территории которого выполняется работа. Далее в §52(2) закона указывается, что временное или длительное (но не окончательное) изменение места работы не влечет изменения в применимом праве. При этом венгерский закон устанавливает, что в случае множественности мест, в которых выполняется работа, будет применяться закон работодателя

(lex personalis) физического лица – нанимателя работника или юридического лица (lex societatis).

Своеобразную норму содержит §51 Чешского закона о международном частном праве и процессе, согласно которому отношения, вытекающие из трудового договора, регулируются правом места выполнения работы, если стороны не договорились об ином. В то же время, в условиях, когда работник выполняет работу на основании трудового соглашения с организацией, находящейся в другом государстве, решающим является право места нахождения организации, если речь не идет о лице, которое живет в государстве, где выполнялись работы [14]. Из этого явствует, что в подобных случаях применяется закон страны, в которой выполняется работа, а не закон страны местонахождения предприятия или организации.

В то же время, принцип закона места работы в австрийском законе о международном частном праве сформулирован как право страны, в которой работник обычно выполняет работу в силу договора (контракта) найма труда. При этом главное коллизионное правило дополнено следующим положением: закон обычного места работы продолжает применяться и в случае направления работника на работу в другое государство.

Как видится, по сути, данное положение не учитывает особенности отдельных разновидностей трансграничных трудовых отношений. Это обусловлено тем, что направление на работу за границей - это более широкое понятие, и, исходя из характера и цели, а также сроков пребывания работников, их можно разделить на различные категории, каждая из которых имеет свои особенности. Это могут быть: а) работники, направленные для работы в представительства государственных учреждений за рубежом - посольства, консульства; б) работники, направленные за границу для оказания технического содействия и других услуг; в) служебные командировки за границу и т.д.

Такая нечёткость порождает ряд проблем или же конфликт законов в трансграничных трудовых отношениях, связанных с коллизией норм национального законодательства и закона страны иностранного государства, где работник обычно выполняет работу.

По сути, формула закона страны, в которой работник обычно выполняет работу (или же трудовые обязанности), предусмотрена в ст. 10 ГК Испании и пункте 1 ст. 121 ФЗ о МЧП Швейцарии [15].

Важно отметить, что в области трудовых отношений принцип закона места работы наиболее часто применяется при отсутствии соглашения о выборе права. Так, Регламент ЕС «Рим I» детально регламентирует вопросы выбора права, применимого к индивидуальному трудовому договору. Так, ч. 2 статьи 8 Регламента гласит: «При отсутствии выбора, осуществляемого сторонами, индивидуальный трудовой договор регулируется правом страны, в которой – или, при отсутствии таковой, - страны, из которой работник во исполнение договора обычно выполняет свою работу. Страна, в которой обычно выполняется работа, не считается изменившейся, когда работник временно выполняет свою работу в другой стране» [16].

Данное коллизионное правило предусматривается аналогичным образом и в законодательстве ФРГ. Так, согласно ст. 30(2) Вводного закона к Германскому Гражданскому уложению при отсутствии выбора права трудовые договоры и трудовые отношения подлежат в принципе регулированию правом страны места обычного выполнения работником. При этом закон особо упоминает два случая: работник трудится преимущественно за границей (например, на поставках оборудования), или же его трудовая деятельность осуществляется в нескольких государствах:

- в первом случае компетентно право государства, являющегося обычным местом осуществления трудовой деятельности работника. В большинстве случаев это право страны местонахождения предприятия, командировавшегося работника (ст. 30(2), № 1). Речь идет о временной работе, сроки которой заранее установлены и не превышают двух-трех лет;

- во втором случае действует право страны местонахождения предприятия, на котором работник трудится (ст. 30(2), № 2) [17].

В этом смысле, по мнению специалистов-юристов, занимающихся данной областью МЧП, например, финского автора Тимо Эско, прежняя презумпция привязки к месту выполнения работы сохраняет свои позиции в рамках либеральной теории «центра тяжести», которая рассматривается, однако, как общее правило, допускающее исключения в пользу специальных привязок (например, к праву страны общего гражданства или местонахождения) [18].

Поэтому в отдельных специальных случаях под lex loci laboris понимается закон страны места нахождения правления предприятия, закон флага судна и др. Иногда в случае командирования работника в другую страну для выполнения тех или иных трудовых заданий

применяется и принцип закона страны учреждения, командировавшего работника (lex loci delegationis) [12].

Известно, что в разработанном в 1990 году ВНИИ законодательства и советского строительства проекте закона о международном частном праве предлагались следующие коллизионные привязки, относящиеся к трудовым отношениям:

- к трудовым отношениям применяется право той страны, в которой (полностью или преимущественно) осуществляется работа, если в трудовом договоре не установлено иное;
- трудовые отношения на водном и воздушном транспорте подчинены праву страны, под флагом которой используется транспортное средство;
- если работа выполняется лицом, командированным за границу соответствующей российской организацией, к трудовым отношениям этого лица с данной организацией применяется право Российской Федерации.

При этом законодательство большинства стран, особенно в рамках СНГ, трудовые отношения с иностранным участием регламентирует правом места осуществления трудовой деятельности, либо вообще не содержит каких-либо коллизионных норм, касающихся регулирования трудовых отношений. Так, из закона места выполнения работы исходит и трудовое законодательство России [18].

Проблемы правового регулирования трудовых отношений международного характера возникли в Республике Таджикистан не так давно, то есть с обретением Республикой Таджикистан независимости. В связи с этим возникает вопрос, как регулируются трудовые отношения, осложненные иностранным элементом, согласно законодательству РТ. Следует отметить, что в ст. 12 старого (прежнего) Трудового кодекса РТ от 15 мая 1997 года было сформулировано положение о том, что законодательство о труде РТ распространяется на лиц, не являющихся гражданами РТ, но работающих по трудовому договору (контракту) на предприятиях, расположенных на территории РТ, если иное не установлено законом РТ или международным договором с участием РТ. По существу, в этом положении можно было увидеть одностороннюю коллизионную норму закона страны места выполнения работы, позволяющую регулировать труд иностранцев в РТ нормами трудового законодательства РТ, если иное не было предусмотрено иными законами или международным договором РТ. К сожалению, действующий Трудовой кодекс РТ от 23 июля 2016 года, в отличие от предыдущего ТК РТ, не содержит каких-либо норм, посвященных регулированию трудовой деятельности иностранных граждан и лиц без гражданства. В настоящее время такое положение, на наш взгляд, требует серьезного осмысления, и, может быть, уже пора подумать о включении специальной главы в ТК РТ, регламентирующей особенности трудовых отношений, осложненных иностранным элементом. В связи с этим предлагаем в трудовом законодательстве РТ предусмотреть закон места работы как закон страны постоянного места труда (работы), за исключением случаев, предусмотренных международными правовыми актами, признанными РТ. Серьезным основанием для этого служит массовая миграция населения из одного государства в другое, которая выдвигает, наряду с решением других проблем, на первый план и решение проблем коллизионно-правового регулирования трудовых отношений. Ведь развитие общественных отношений в этой сфере и продвижение вперед открывает новые горизонты, выдвигает очередные задачи, требующие не только теоретического, но и законодательного осмысления.

Анализируя, мы пришли к выводу, что поскольку большинство государств привязывают трудовые отношения к праву государства места осуществления трудовой функции, постольку многие проблемы коллизионно-правового регулирования, связанные с применением иностранного права при регулировании трансграничных трудовых отношений (это такие категории и институты МЧП, как публичный порядок, обратная отсылка и т.д.), не возникают. Однако, несмотря на то, что принцип закон места работы (lex loci laboris) признается как наиболее подходящая привязка для определения права, регулирующего трудовые отношения, тем не менее, стоит отметить, что одна только эта привязка не может быть использована для всех возможных случаев. Поэтому отсутствие единого кодифицированного акта по вопросам международного частного права оказывает отрицательное влияние на применение законов в данной сфере, создаёт условия для противоречий и пробелов в правовом регулировании, дублирования аналогичных правил, то есть наносит ущерб статусу самостоятельной отрасли права. Стремление государств иметь единый кодифицированный акт, регулирующий данные отношения, является современной тенденцией.

ЛИТЕРАТУРА

1. Канашевский В.А. Международное частное право: учебник / В.А. Канашевский. – М., Международные

отношения, 2009. -С. 88.
2. Ерпылева Н.Ю. Международное частное право: учебник / Н.Ю. Ерпылева. – М.: Юрайт, 2011. - С. 114.
3. Международное частное право: учебник для вузов / под ред. Н.И. Марышевой. - М.: ИНФРА-М, 2000. - С. 57.
4. Петерский И.С. Международное частное право / И.С. Петерский, С.Б. Крылов. - М.: Госюриздат, 1959. - С. 43.
5. Международное частное право. Иностранное законодательство / сост. А.Н. Жильцов, А.И. Муранов. - М., 2001. - С. 565.
6. Основные проблемы частного права: сб. ст. к юбилею доктора юридических наук, профессора Александра Львовича Маковского / отв. ред. В.В. Витрянский и Е.А. Суханов. - М.: Статут, 2010. - С. 474.
7. Лунц Л.А. Курс международного частного права. Общая часть / Л.А. Лунц. – М.: Юрид. лит., 1973. – С. 188.
8. Менглиев Ш.М. Международное частное право / Ш.М. Менглиев. - Душанбе: Типография Таджикского национального университета, 2013. – С. 36.
9. Андрианова М.А. Аспект трудовых отношений в международном частном праве. О некоторых вопросах коллизионного метода регулирования трудовых отношений с участием иностранцев / М.А. Андрианова // Актуальные проблемы международного частного права. К 80-летию В.А. Кабатова: сб. ст. / под ред. С.Н. Лебедева. - М.: Статут, 2006. - С. 10.
10. Федосеева Г. Международное частное право: учебник / Г. Федосеева. – М.: Профобразование, 2000. - С. 222.
11. Богуславский М.М. Международное частное право / М.М. Богуславский. – М.: Юристъ, 2001. – С. 375.
12. Богуславский М.М. Международное частное право: учебник / М.М. Богуславский. - 7-е изд., перераб. и доп. – М., Норма: ИНФРА-М., 2016. - С. 525, 524-525.
13. Дмитриева Г.К. Международное частное право. (Действующие нормативные акты) / Г.К. Дмитриева, М.В. Филимонова. - М.: Изд-во «Триада ЛТД», 1999. - С. 454.
14. Ануфриева Л.П. Международное частное право. Особенная часть / Л.П. Ануфриева. – М.: БЕК, 2000. - С. 615-616.
15. Международное частное право, иностранное законодательство. - М.: Статут, 2000. - С. 208, 652.
16. Кох Х., Магнус У., Винклер фон Моренфельс П. Международное частное право и сравнительное правоведение / пер. с нем. Ю.М. Юмашева. - М.: Международные отношения, 2001. - С. 236-237.
17. Ануфриева Л.П. Международное частное право: в 3-х т. Т. 2: Особенная часть / Л.П. Ануфриева. – М.: Изд-во БЕК, 2000. - С. 624.
18. Канашевский В.А. Международное частное право: учебник. - Изд. 2-е, доп./ В.А. Канашевский. - М.: Международные отношения, 2009. - С. 598.

ОИД БА МАСЪАЛАИ ТАТБИҚИ ПРИНСИПИ КОЛЛИЗИОНИИ ҚОНУНИ МАҲАЛЛИ ИҶРОИ КОР ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ МЕҲНАТИИ ФАРОМАРЗӢ

Дар мақолаи мазкур масоили марбута ба татбиқи принсипи коллизионӣ дар танзими муносибатҳои меҳнатии бо унсури хориҷӣ мавриди баррасӣ мегардад. Тавре ки мусаллам аст ҳадафи меъёри коллизионӣ дар тафовут аз дигар нишондодҳои ҳуқуқи ин бартараф кардани масоили коллизионӣ бо роҳи муайян намудани ҳуқуқи татбиқшаванда мебошад. Вобаста ба ин дар асоси омӯзиши маъхазҳои таълимӣ ва илмӣ хусусиятҳои меъёрҳои коллизионӣ ва дар ин асно таъсири онро ба вазъи хукукии тарафхои муносибатхои хусуси-хукукии бо унсури хоричидошта тахлил гаштааст. Ҳамзамон зикр шудааст, ки коллизия ин “бархурӣ”-и тартиботи ҳуқуқи байналмилалие, ки бо роҳи музокирот байни макомоти он кишварҳо ба вуҷуд меояд. Дар ин замина қайд мегардад, ки коллизияи конун байни макомоти кишваре ба миён меояд, ки бояд масъалаи вобаста ба татбиқи меъёри ҳуқуқиро нисбати муносибатҳои хусуси ҳуқуқии бо унсури хориҷӣ муқаррар намояд. Дар мақола қайд мешавад, ки дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои меҳнатии дорои хусуси байналмилалӣ яке аз пайвандҳои маъмули коллизионӣ қонуни кишвари маҳалли иҷрои кор(lex loci laboris) мебошад.

Калидвожаҳо: меъёрҳои коллизионӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, қонунгузории меҳнатӣ, муносибатҳои меҳнатӣ бо унсури хориҷӣ, принсипи қонуни маҳалли иҷрои кор, хусусиятҳои фаъолияти меҳнатӣ, шартномаи меҳнатӣ.

К ВОПРОСУ О ПРИМЕНЕНИИ КОЛЛИЗИОННОГО ПРИНЦИПА ЗАКОНА МЕСТА РАБОТЫ В РЕГУЛИРОВАНИИ ТРАНСГРАНИЧНЫХ ТРУДОВЫХ ОТНОШЕНИЙ

В данной статье рассматривается вопрос о применении коллизионного принципа в регулировании трудовых отношений с иностранным участием. Как известно, целью коллизионной нормы, в отличие от других юридических предписаний, является преодоление коллизионной проблемы путем определения применимого права. В связи с этим на основе изучения научной и учебной литературы анализируются отличительные особенности коллизионной нормы, её влияние на правовое положение сторон. При этом отмечается, что коллизия не является «столкновением» международно-правового порядка, которое разрешалось бы путем переговоров между органами тех государств, чьи законы «сталкиваются». Так как коллизия закона возникает перед органами государств, которые должны разрешить вопрос, связанный с возможным применением одного из нескольких законодательств. Отмечается, что в правовом регулировании трудовых отношений, имеющих международный характер, основной коллизионной привязкой является право страны места работы (lex loci laboris).

Ключевые слова: коллизионная норма, международное частное право, трудовое законодательство, трудовые отношения с иностранным элементом, принцип закона места выполнения работы, особенности трудовой деятельности, трудовой договор.

TO THE QUESTION OF USE OF THE CONFLICT PRINCIPLE OF THE LAW OF THE PLACE OF WORK IN REGULATION OF THE CROSS-BORDER LABOUR RELATIONS

It is considered the question of use of the conflict principle in regulation of the labor relations with foreign participation in this article. It is noted that the purpose of conflict norm unlike other legal instructions is overcoming a conflict problem by definition of applicable law. In this regard on the basis of studying of scientific and educational literature distinctive features of conflict norm her influence on a legal status of the parties are analyzed. At the same time it

is noted that the collision isn't "collision" of an international legal order which would be allowed by negotiations between bodies of those states whose laws "face". As the collision of the law arises before bodies of the states which have to resolve the question connected with possible application of one of several legislations. It is noted that in legal regulation of the labor relations having the international character, the main conflict binding is the right of the country of the place of work (lex loci laboris). In this sense the key role of the principle of the law of the place of performance of work in the system of conflict-of-laws rules in the field of the international labor relations reveals, experience of the legislation and law-enforcement practice of the majority of the different countries in the field of the labor relations are analyzed

Key words: conflict norm, private international law, labor legislation, labor relations with a foreign element, principle of the law of the place of performance of work, lex loci laboris, employment contract.

Сведения об авторе: ***Кодиркулов Хуршед Рахмонович*** – кандидат юридических наук, доцент кафедры международного права, Таджикский национальный Университет. E-mail: **kodirkulov.khurshed@mail.ru**

ҲУҚУҚИ ИНСОН БА ТАҲСИЛ ДАР НИЗОМИ ҲУҚУҚИ ЗАРДУШТӢ

Файзализода Бахтиёр Файзалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Тоҷикон ва гузаштагони онҳо дар масири таърих як халқи эҷодкор, донишманд ва созанда буда, навоварии фарҳанги худро дар ҳамаи марҳилаҳо бо дастовардҳои таърихии худ муаррифӣ менамуданд. Б. Ғафуров дар китоби худ “Тоҷикон” менависад: “Номи Зардушт (шакли аврупоиаш Зороастр) бо эҳтимоли куллӣ маънои “Шутурбон” – ро дорад”. Зардушт ба табақаи мубадон мансуб буд. [5].

Моҳияти таълимоти зардуштӣ дар он ифода меёбад, ки Зардушт дини ҷаҳонбинии қадимаи ниёгони тоҷиконро ислоҳот намуда, таълимоти худро дар асоси мубориза байни неруҳои некӣ ва бадӣ дар симои Аҳура Маздо ва Аҳриман масъалагузорӣ намуд, ки бо меъёрҳои динӣ ва ахлоқӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқии худ дар “Авасто” се қоидаи асосиро “ҳумата – пиндори нек, хухта – гуфтори нек ва ҳваршата –рафтори нек” муқаррар кард. Чунин андешаи ҷаҳонсозӣ хатти марказии рушди низоми ҳуқуқии зардуштияро муайян менамояд.

Ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ мақеи муайянро дошта, дар бештари меъёрҳои ҳуқуқии Авасто мустаҳкам карда шудааст. Маърифату дониш ва хирад яке аз унсурҳои асосии низоми зардуштӣ дар ҷамъият ба ҳисоб мерафт, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи авастоӣ ба танзим дароварда мешуд.

Масалан, дар қисмати Вандидод, ки бештари он ба масъалаҳои ҳуқуқӣ бахшида шудааст, дар фаргарди ҳафтум дар банди 36 то 44 роҷеъ ба таҳсили илми пизишкӣ ва гузаронидани давраи тахассусии ҷарроҳӣ сухан меравад [12]. Ҳамчунин, фаргарди 4 бахши дуюм шахси донишмандро водор месозад, ки ҳангоми аз тарафи шахси дигар хостани донишомӯзӣ ӯро дониш биомузад, то ки у тавонад дар анҷумане нишинад ва сипосу ниёиш пешкаши эзидон кунад ва дониши хешро пайваста биафзояд.

Дар фасли чаҳоруми Вандидод дар банди 44 омадааст, ки “Агар марди ҳамдин ё барда ё дӯсте, ки ба шумо барои илмомузӣ хоҳиши ёрӣ намуд, хоҳиши ӯро иҷро намоед, ки хушнудии Худовандро ба ҷо оварда бошед.”

Дар қисмати «Яштҳо» меъёри алоҳидае ба масъалаи донишомӯзӣ ва мавқеи донишмандону омӯзгорон бахшида шудааст. Масалан, дар Яшти 16 бо номи Дин Яшт омадааст, Росттарин дониши маздоофаридаи ашаванро меситоем, ки моро ба роҳи нек раҳнамун шавад ва ба гузаргоҳи нек барад ва он чи моро орзуст, ба мо бахшад [12].

Қайд кардан бамаврид аст, ки профессор Холиқзода А.Г. таҳлили меъёрҳои ҳуқуқии “Авесто”-ро ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқӣ ба роҳ монда, дар такя бо дастовардҳои илмӣ дар ин соҳа чунин қайд мекунад, ки низоми ҳуқуқии зардуштия ва сарчашмаи асосии он “Авасто” аз маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқие иборат мебошад, ки онҳоро шартан бо назардошти дастовардҳои нави илми ҳуқуқшиносӣ ба гурӯҳҳо ва соҳаҳои зерини ҳуқуқ тақсим менамояд [1]:

1. Меъёрҳои ҳуқуқии сиёсии хусусияти давлатӣ – ҳуқуқӣ дошта;
2. Меъёрҳои ҳуқуқии мансуби ҳуқуқи граждани;

3. Меъёрҳои ҳуқуқи оилавӣ;
4. Меъёрҳои ҳуқуқи экологӣ;
5. Меъёрҳои ҳуқуқии ба ҷиноят ва ҷазо бахшидашуда;
6. Меъёрҳои ҳуқуқии ба ҳифзи табиат нигаронидашуда;
7. Меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муносибати инсон бо ҳайвонот;

Дар таълимоти зардуштия ҳуқуқ ба ҳаёт, ҳуқуқи бастани ақди никоҳ, ҳуқуқ ба меҳнат ва ҳуқуқ барои шароити беҳтари ҳаёт барои зиндагӣ инъикос ёфтааст [6].

Ҳамчунин, дар "Авасто" номгӯйи зиёди гуноҳҳо зикр шудаанд, ки аз ҷумлаи онҳо беиффатӣ, бахилӣ, худписандӣ, тамаъ ва исёнкорӣ, беадолатӣ, бутпарастӣ, бисёрзанӣ, худкушӣ, гиряву зорӣ барои мурда ва аз ҳама муҳимаш, дониста ва қасдан аз гирифтани дониш рӯй тофтан мебошад [7]. Аз ин нуқтаи назар дониста ва қасдан аз гирифтани дониш рӯй тофтан маълум мегардад, ки ҳуқуқ ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ хуқуқи ҳатмӣ буда, ба зумраи ҳуқуқҳои шахсӣ – зардуштӣ дохил мешавад.

Дар китоби муқаддаси «Авесто» омадааст: «Агар туро фарзанди хурдсол аст, ӯро ба дабистон бифирист, зеро ки фурӯғи дониш, чашми равшан ва биност».

Зардуштиён дониш ва хирадро хеле ситоиш мекарданд. Илму хирад Худои ба худ хос бо номи Чисто дошт. Онҳо аз Худо илтиҷо мекарданд, ки барои онҳо фарзандони донишвар ва хирадманд ато фармояд. Аҳурамаздо сарчашмаи фазлу дониш, Аҳриман сарчашмаи ҷаҳлу нодонӣ буд. Ҳамин тавр, тарафдорони Аҳурамаздо тарафдори илму дониш буданд. Аз ин рӯ, тарафдорони Аҳурамаздо вазифадор буданд, ки ба ҳар касе, ки дар ҷустуҷӯи донишанд, ёрӣ расонанд. Дониш мувофиқи нишондоди «Авесто» ду навъ буд, яке ирсӣ, дигаре иқтибосӣ.

Мақсади асосии фалсафаи тарбия ин буд, ки бачагонро ҳамчун узви ҳақиқӣ ва муфиди ҷамъият тарбия намуда, ба воя расонанд. Дар ин бора дар Ясно- яке аз қисматҳои «Авесто» омадааст: «Эй Аҳурамаздо, ба ман фарзанде ато фармо, ки аз уҳдаи анҷоми вазифа нисбат ба хонаи ман, шаҳри ман ва мамлакати ман барояд ва подшоҳи додгари маро ёрӣ кунад». Ё ки дар «Авесто» чунин зикр ёфтааст: «... Эй, Аҳурамаздо ба ман фарзанд ато фармо, ки бохирад ва доно буда, дар ҳайати ҷомеа дохил шуда, ба вазифаи худ масъулона рафтор намояд, фарзанди рашид ва муҳтараме, ки ҳоҷати дигаронро барорад, фарзанде, ки битавонад дар пешрафт ва саодати хонавода, шаҳр ва кишвари худ бикӯшад». Дар ҷойи дигари «Авесто» ба зардуштиён муроҷиат шудааст, ки нисбат ба омӯзиши илм, анҷоми вазифа ҳисси масъулият нишон дода, аз кори беҷо ва нобаҳангом худдорӣ намоянд, ба некукорӣ, дастгирии бечорагон ва бенавоён саъй намоянд.

Дар маҷмӯъ, мақсади асосии тарбия аз он иборат буд, ки ҳар як зардуштӣ дар рӯҳи покдоманӣ, фалсафаи накукорӣ, ростқавлӣ, ростгӯӣ, далерию ҷасурӣ, ватандӯстӣ ва ғайра тарибия карда шавад [13]. То давраи саршавии ҳокимияти Сосониён таҳсил барои ҳама дастрас буд ва он дар хонаи устодон, хонаҳои махсуси тарбиявӣ, дар оташкадаҳо ва дарбори шоҳон сурат мегирифт. Мактабҳои дарборӣ барои аъёну ашроф буд ва дар онҳо барои давлат мутахассисон ва хизматчиён тайёр менамуданд. Мактабҳо дар қаср ташкил ва ба чаҳор қисм: барои кӯдакон, ҷавонон, мардон ва солхӯрдагон тақсим мешуд.

Конституционные гарантии судебной защиты прав и свобод человека выражены через процессуальные условия – беспристрастность суда; гласность, открытость (публичность) судебного разбирательства; оперативность правосудия и др. Методика и результаты исследования проблемы беспристрастности суда вполне применимы и к уголовному, и к гражданскому процессам, тем более что в гражданско-процессуальном законодательстве предусмотрен институт отвода судей. В статье 17 ГПК КР говорится, что судья не может рассматривать дело и подлежит отводу: 1) если он является родственником кого-либо из лиц, участвующих в деле, или их представителей; 2) если он лично, прямо или косвенно заинтересован в исходе дела или имеются иные обстоятельства, вызывающие сомнение в его беспристрастности; 3) если он при предыдущем рассмотрении данного дела участвовал в качестве прокурора, эксперта, специалиста, переводчика, представителя, секретаря судебного заседания. Также в состав суда, рассматривающего дело, не могут входить лица, состоящие в родстве между собой.

Такой принципиальный подход совпадает с подходом Европейского суда по правам человека к этой проблеме, Европейский суд по правам человека отметил, что гласность и открытость судебного разбирательства направлены на защиту сторон от тайного правосудия, не

подпадающего под контроль общественности, и что они являются одним из средств сохранения доверия в судах всех уровней [10, ст. 6]. В решениях Суда дается развернутая характеристика этих понятий.

Гласность в судебной деятельности невозможна без соблюдения порядка во время судебного разбирательства. Присутствующие в зале суда обязаны уважительно относиться к суду, соблюдать принятые в суде правила и процедуры, подчиняться распоряжениям председательствующего. К нарушителям могут быть применены меры ответственности, являющиеся организационными гарантиями принципа гласности. Слушание дела в закрытом заседании допускается лишь в случаях, предусмотренных законодательством Кыргызской Республики. Эта конституционная гарантия гласности судопроизводства соответствует общепризнанным принципам и нормам международного права. Разбирательство в закрытых судебных заседаниях осуществляется только по определенным категориям дел (составляющим государственную тайну, тайну усыновления (удочерения) ребенка и др.). Так, дело, в котором содержатся сведения, составляющие государственную тайну, должно быть назначено судьей к рассмотрению в закрытом судебном заседании вне зависимости от мнения по этому вопросу участвующих в деле лиц. Сведения, составляющие государственную тайну, и их перечень установлены законом Кыргызской Республики «О защите государственных секретов Кыргызской Республики» [11].

В целях охраны тайны личной переписки, телеграфных или иных сообщений их оглашение и исследование в открытом судебном заседании допускаются лишь с согласия лиц, между которыми переписка и сообщения происходили. При проведении закрытого судебного заседания в зале заседания остаются только стороны, их представители и другие, указанные в соответствующем Законодательстве участники процесса. В судебной практике встречаются случаи, когда судебное заседание закрывается по причине, что свидетели испытывают страх при даче показаний в присутствии публики. В этих случаях судьи прямо ссылались на ст. 14 Международного пакта о гражданских и политических правах [12] и ст. 6 Европейской конвенции о защите прав человека и основных свобод, в которых предусмотрена возможность закрытого слушания, «когда публичность нарушала бы интересы правосудия».

Согласно ч. 1 ст.6 Европейской конвенции по правам человека, «судебное решение объявляется публично, однако пресса и публика могут не допускаться на все судебное заседание или часть его по соображениям морали, общественного порядка или государственной безопасности в демократическом обществе, если это требуется в интересах несовершеннолетних или для защиты частной жизни сторон, или – в той мере, в какой это, по мнению суда, строго необходимо – при особых обстоятельствах, когда публичность нарушала бы интересы правосудия. Аналогичное положение содержится в ст. 14 Международного пакта о гражданских и политических правах, за исключением того, что Пакт, в отличие от Конвенции, разрешает не оглашать решение по гражданскому делу, «когда интересы несовершеннолетних требуют другого или когда дело касается матримониальных споров или опеки над детьми».

В соответствии с п. 1 ст. 6 Европейской конвенции прав и основных свобод человека, «каждый имеет право при определении его гражданских прав и обязанностей... на справедливое публичное разбирательство в разумный срок». Статья 14 Международного пакта о гражданских и политических правах также указывает на право быть судимым без неоправданной задержки. Однако Европейский суд установил, что если в гражданском судопроизводстве «заявитель не проявил заботливости, которой можно ожидать от стороны в подобном споре» и тем самым «способствовал продлению разбирательства», нарушения сроков рассмотрения дела не выявляются. Хотя «заявителей нельзя винить в неполном использовании средств правовой защиты, достигнутой ими по внутригосударственному праву», их поведение представляет собой объективный факт, ответственность за который нельзя возложить на государство.

Защищать права человека, оберегать общество от разрушительных социальных конфликтов способна лишь независимая судебная власть, для этого ей необходима возможность эффективно влиять на другие ветви власти, сдерживать и уравновешивать их, поэтому судебную власть нельзя сводить лишь к рассмотрению конкретных гражданских или уголовных дел. Судебная власть, получив право контроля за правовым содержанием всех нормативных актов, издаваемых органами законодательной и исполнительной власти, может усилить свою роль в государственно-правовом механизме властвования, но для этого ей нужны дополнительные полномочия, о которых мы уже говорили. Контроль за правовым содержанием нормативных актов лишь тогда будет действенным, когда в нем будут задействованы все средства и методы выявления фактов нарушений в сфере нормотворчества, в том числе и

инициативной помощи граждан, лишь в данном виде может проявляться принцип сдержек и противовесов всем другим ветвям государственной власти [4, 47].

Судебный контроль за законами и иными нормативными актами реализуется в двух формах: 1) при разрешении конкретных дел, когда суд, придя к выводу, что подлежащий применению закон или иной конкретный нормативный акт не соответствует Конституции Кыргызской Республики или общепризнанным принципам и нормам международного права, либо конкретный нормативный акт не соответствует нормативному акту более высокого уровня, принимает решение по данному делу на основании установленной Конституцией Кыргызской Республики иерархической соподчиненности нормативных актов (опосредованный контроль); 2) при оспаривании нормативных актов «в чистом виде» на предмет несоответствия их Конституции Кыргызской Республики, общепризнанным принципам и нормам международного права, либо несоответствия нормативного акта иному нормативному акту, обладающему большей юридической силой, имеет место непосредственный нормо-контроль.

Результатом такого оспаривания нормативных актов в случае удовлетворения судом выдвинутых претензий является лишение оспариваемого акта юридической силы или признание его не подлежащим применению. Практика судебной защиты прав и охраняемых законом интересов и практика судебного контроля за правовым содержанием всех видов нормативных актов сталкивается с трудностями, возникающими в разграничении компетенции между судами в связи с осуществлением судебной власти в формах конституционного, гражданского, административного и уголовного судопроизводства, а также образования в связи с этим трех видов судебной власти: 1) Конституционной Палаты Верховного Суда Кыргызской Республики; 2) системы судов общей юрисдикции, возглавляемой Верховным Судом Кыргызской Республики.

Указанные сложности возникли в связи с тем, что конституционно-контрольная деятельность возложена на всю судебную систему и при этом создан специальный судебный орган конституционного контроля – Конституционная Палата Верховного Суда Кыргызской Республики. Опосредованный нормо-контроль существует при рассмотрении конкретных гражданских, уголовных или административных дел. Если судья (суд) придет к выводу, что Закон, регулирующий соответствующие правовые отношения, не соответствует Конституции Кыргызской Республики, а потому не подлежит применению в данном деле, то суд должен разрешить дело на основе Конституции Кыргызской Республики. Если при рассмотрении дела в любой судебной инстанции возник вопрос о конституционности закона или иного нормативного правового акта, от которого зависит решение дела, суд направляет запрос в Конституционную Палату Верховного Суда Кыргызской Республики [2, п. 2, ст. 101].

При этом не соответствующий Конституции Кыргызской Республики закон не отменяется, а не применяется для данного случая. Такая практика основана на том, что Конституция Кыргызской Республики имеет высшую юридическую силу, прямое действие и применяется на всей территории Кыргызской Республики. Законы и иные правовые акты, применяемые в Кыргызской Республики, не должны противоречить Конституции Кыргызской Республики.

ЛИТЕРАТУРА

1. Всеобщая декларация прав человека. Принята резолюцией 217 А (III) Генеральной Ассамблеи ООН от 10 декабря 1948 года: сб. док. // Сборник международных актов по правам человека в Кыргызской Республике. – Бишкек, 2002. – С. 7–14.
2. Конституция Кыргызской Республики: принята референдумом (всенарод. голосованием) 27 июня 2010 г. // Информационно-правовая система «ТОКТОМ мамлекет Про». [Электронный ресурс]. http://www.toktom.kg/?comp=main&m_t=1.
3. Закон Кыргызской Республики «О Верховном суде Кыргызской Республики и местных судах» (в редакции Законов КР от 13 июня 2011 года N 39) // Информационно-правовая система «ТОКТОМ мамлекет Про». [Электронный ресурс]. http://www.toktom.kg/?comp=main&m_t=1.
4. Цмай В. В. Механизм обеспечения реализации и защиты прав и свобод граждан органами судебной власти / В. В. Цмай, П. П. Глущенко //Бизнес в законе. Экономико-юридический журнал. -2012. -№ 3. - С. 48.
5. Электронный источник [Электронный ресурс]. http://jogorku.sot.kg/ru/bulleten
6. Гражданский процессуальный кодекс Кыргызской Республики от 29 декабря 1999 года № 146 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 23.12.2016 г.) // Информационно-правовая система «ТОКТОМ мамлекет Про». [Электронный ресурс]. http://www.toktom.kg/?comp=main&m_t=1.
7. Ермошин Г.Т. Развитие в законодательстве о судебной власти конституционного права на судебную защиту в экономической сфере / Г.Т. Ермошин, Е.А. Адзинова //Законодательство и экономика. -2004. -№11.
8. Трудовой кодекс Кыргызской Республики от 4 августа 2004 года № 106 (с изменениями и дополнениями по состоянию на 25.01.2017 г.) // Информационно-правовая система «ТОКТОМ мамлекет Про». [Электронный ресурс]. http://www.toktom.kg/?comp=main&m_t=1.

9. Закон Кыргызской Республики Об охране окружающей среды от 16 июня 1999 года N 53 (В редакции Законов КР от 6 августа 2005 года N 124) // Информационно-правовая система «ТОКТОМ мамлекет Про». [Электронный ресурс]. http://www.toktom.kg/?comp=main&m_t=1.
10. Европейская конвенция «О защите прав человека и основных свобод» от 4 ноября 1950 года Рим. С изменениями от 21 сентября 1970 г., 20 декабря 1971 г., 1 января 1990 г., 6 ноября 1990 г., 11 мая 1994 г. [Электронный ресурс]. http://www.echr.coe.int/Documents/Convention_RUS.pdf
11. Закон Кыргызской Республики «О защите государственных секретов Кыргызской Республики» от 14 апреля 1994 года № 1476-XII (В редакции Закона КР 21 января 2014 года № 15) // Информационно-правовая система «ТОКТОМ мамлекет Про». [Электронный ресурс]. http://www.toktom.kg/?comp=main&m_t=1.
12. Международный пакт о гражданских и политических правах. Принят резолюцией 2200 А (XXI) Генеральной Ассамблеи от 16 декабря 1966 года [Электронный ресурс]. http://www.un.org/ru/documents/decl_conv/conventions/pactpol.shtml

МЕХАНИЗМҲОИ ҲИМОЯИ СУДИИ ҲУҚУҚҲОИ ИНСОН

Мақолаи мазкур ба нишондоди моҳият, мазмуни мундариҷаи механизми таъмини татбиқ ва ҳифзи ҳуқуқҳои иҷтимоӣ – иқтисодӣ, моликиятӣ ва ғайримоликиятӣ ва озодиҳои шаҳрванд аз ҷониби мақомоти ҳокимияти судӣ дар раванди амаликунии истеҳсолоти судии граждани бахшида шудааст. Ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд махсусияти низоми ҳуқуқии ҳар як давлат маҳсуб меёбад, ки дар он ташкили демократӣ ва ҳуқуқии ҳокимияти оммавӣ кафолат дода мешавад. Дар Ҷумҳурии Қирғизистон шароитҳои муайян барои танзим, ҳимоя ва таъмини мавқеи ҳуқуқии шахсият фароҳам оварда шудааст, як қатор институтҳои муҳимми ҳифзи ҳуқуқ амал мекунанд. Ҳамаи ин бечунучаро дар бораи тамоюлоти устувор ва бебозгашти ҳаракати Ҷумҳурии Қирғизистон ба сӯи шаклҳои мутараққии муносибатҳои мутақобила байни ҷомеа ва шаҳрванд шаҳодат медиҳад.

Калидвожаҳо: ҳуқуқҳои инсон, озодиҳо, манфиатҳои қонунӣ, шаҳрванд, истеҳсолоти судӣ, ҳокимияти судӣ, даъво, ҳуқуқҳои моликиятӣ, қарор, таъинот, қарор, аризаи норизоӣ, ҷавобгарӣ, қонуният, салоҳият, суди байналмилалӣ.

МЕХАНИЗМЫ СУДЕБНОЙ ЗАЩИТЫ ПРАВ ЧЕЛОВЕКА

Данная научная статья посвящена показу сущности, содержания механизма обеспечения реализации и защиты социально-экономических, имущественных и неимущественных прав и свобод граждан органами судебной власти в процессе осуществления гражданского судопроизводства. Права и свободы человека и гражданина являются атрибутом правовой системы любого государства, где гарантируется демократическая и правовая организация публичной власти. В Кыргызской Республике созданы определенные условия для регулирования, охраны и обеспечения правового статуса личности, функционирует ряд важных правозащитных институтов. Все это неоспоримо свидетельствует об устойчивой и необратимой тенденции движения Кыргызской Республики к цивилизованным формам взаимоотношений между государством, обществом и гражданами.

Ключевые слова: права человека, свободы, законные интересы, гражданин, судопроизводство, судебная власть, иск, имущественные права, решение, определение, постановление, обжалование, ответственность, законность, компетенция, международный суд.

MECHANISMS OF JUDICIAL PROTECTION OF HUMAN RIGHTS

This scientific article is devoted to demonstrating the essence, content of the mechanism for ensuring the implementation and protection of socio-economic, property rights and freedoms of citizens by bodies of the judiciary in the process of civil proceedings. Human rights and freedoms are an attribute of the legal system of any state, where democratic and legal organization of public authority is guaranteed. Certain conditions exist for the regulation, protection and maintenance of the legal status of the individual in the Kyrgyz Republic, and a number of important human rights institutions function. All this undoubtedly testifies to the stable and irreversible tendency of the Kyrgyz Republic's movement towards civilized forms of relations between the state, society and citizens.

Key words: human rights, freedoms, legal interests, proceedings, citizen, the judiciary, claim, property rights, decision, determination, judgment, appeal, liability, legality, competence, international court.

Сведения об авторах: ***Абдыбеков Азисбек Анарбекович*** **–** кандидат юридических наук, и.о. доцента Кыргызской государственной юридической академии при Правительстве КР
Исаматов Эрнис Казыбекович **-** кандидат юридических наук, и.о. доцента Кыргызской государственной юридической академии при Правительстве КР
Найманбаев Азамат Багдатович **-** кандидат юридических наук, и.о. доцента Кыргызской государственной юридической академии при Правительстве КР

АСОСҲОИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАХШИ СОҲИБКОРИИ ХУРД

Шарифов И.М.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таъсис ва ба амал баровардани фаъолияти гуногунҷабҳаи соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси обективии ташаккулёбии иқтисодиёти бозорӣ ба ҳисоб рафта, баҳри бавуҷудоии рақобати озод дар байни молистеҳсолкунандагон заминаҳои заруриро фароҳам меоварад. Ташаккулёбии

муносибатҳои бозорӣ дар асоси ташкили соҳибкории хурд на танҳо таъминкунандаи рушди рақобат ба ҳисоб меравад, балки баҳри таъминнамоии бозор бо молу кору хизматҳо ва ба таври оқилӣ таъмин намудани эҳтиёҷоти харидорон аз ҳисоби истеҳсолоти инфиродии худ мусоидат мекунад.

Корхонаҳои хурд метавонанд шароити зарурии техникӣ-иқтисодӣ ва фароҳамоварии муҳити хуби аграрӣ-саноатиро рӯйи кор оваранд ва самаранокии онро ба таври таъсирбахш баланд бардоранд. Дар ин маврид бояд зикр намуд, ки раванди ташкил ва инкишофи соҳибкории хурд дар давраи гузариш мушкил буда, дар ин самт корҳои илмии назаррас ҷиҳати таҳқиқи мушкилотҳои мавҷудаи фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода нашудааст.

Аҳамиятнок будани рушди соҳибкории хурд дар раванди азсаргузаронии бухрони молиявӣ аён гардид, ки дар он замон дар Нақшаи зиддибухронии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз масъалаҳои асосии пешгирии буҳрон ва бекормонии аҳолӣ, ин дар муҳлати кӯтоҳтарин дастгирӣ ва рушди соҳибкорӣ, аз он ҷумла соҳибкории хурд пешбинӣ гардида буд.

Марҳилаҳои бавуҷудоӣ ва ташаккулёбии қонунгузорӣ дар бахши соҳибкории хурдро метавон ба давраҳои зерин ҷудо намуд:

1) Давраи тоинқилобӣ, то соли 1917 (асосан охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX);

2) Давраи ҳукмронии Иттиҳоди Шуравӣ (солҳои 1920 то аввалҳои 1991);

3) Миёнаҳои соли 1991 то замони имрӯз (асосан замони истиқлолият)

Бо назар кардан ба таърихи соҳибкории хурд ба мо аён мегардад, ки соҳибкории хурд ҳамчун қувваи пешбаранда ва машғулшавандаи халқ дар тамоми давраҳои ҷамъиятию сиёсӣ мавҷудият доштааст. Мардуми тоҷик аз қадимулайём ба ҳар касбу ҳунар даст мезаданд ва рӯзгори хешро бо меҳнати ҳалол таъмин менамуданд. Ҳунарҳое, ки аз қадимулайём тоҷикон ба он машғул мегардиданд, ҳунарҳо ин кулолгарӣ, заргарӣ, косибӣ, бофандагӣ, кандакорӣ, оҳангарӣ ва дигар пешаҳои мардумӣ ба ҳисоб мерафтанд. Агар ба муҳтавои ин ҳунарҳо назар намоем, ин бевосита ба тамоми унсурҳои соҳибкории хурд ҷавобгӯй ва дохил мегарданд. Ҷиҳати исботи чунин гуфтаҳо намуна оварда метавонем: фаъолияти соҳибкории маҳаллӣ, ки дар давраҳои таърихӣ бо ному мустақилияти хубе ба монанди устогӣ, ҳунармандии хурд, косибӣ, заргарӣ, кулолгарӣ, табақтарошӣ, бофандагӣ, оҳангарӣ, оҳангудозӣ ва ғайраҳо мавҷуд буданд. Дар байни тоҷикон шахсони ба ин соҳа машғул буда низ, ҳама вақт соҳиби обрӯю эътибори баланд буданд, ки имрӯзҳо низ чунин аст. Масалан, бахши оҳангариро гирем, дар деҳот 1-2 оҳангар талаботи мардумро қонеъ менамуд, пас шумораи корхонаҳои онҳо дар шаҳрҳо ба 6-7 адад мерасид. Устоҳои рехтагар, мисгар, челонгар ва наългар, агар дар шаҳрҳо дӯкони алоҳида дошта бошанд, пас иҷрои ҳамаи ин корҳо дар деҳот ба уҳдаи як нафар-устои оҳангар вогузор шуда буд [1], ки онҳо фулуз-оҳани ҳосилшударо асосан барои савдо омода мекарданд. Мавҷудияти маҳалла ё гузарҳои ҳунарҳои Чармгарон, Бофандагон, Кулолгарон, Нонвой ва ғайра ба мавҷудияти касбҳои мухталиф шоҳидӣ дода, имрӯзҳо номи деҳаи Оҳангарони манотиқи Дашти Ҷум ва Чармгарони шаҳри бостонии Кӯлоб [2] гувоҳӣ медиҳанд, ки дар ин мавзеъ ин ҳунарҳо мақоми хос доштанд. Ташкаккулёбии фаъолияти соҳибкории хурд дар охирҳои асри XIX ва аввалҳои асри XX дар ҳудуди Осиёи Марказӣ хусусиятҳои хосси худро дошт, ки бо институтҳои нави соҳибкорӣ алоқаманд мегардад. Ба ақидаи Ҳотамов Н.Б. аллакай “...дар аввали асри XX дар ҳудуди Тоҷикистони муосир мафҳуми “соҳибкор” аён гардида буд, ки айнан бо маънои “соҳиби кор” (бо забони русӣ - предприниматель), ки бо мафҳумҳои “мардикор”, “бой” ва “ҷаноб” монанд мебошад [3].

Дар Тоҷикистони муосир низ соҳибкории хурд ҳамчун падидаи иқтисодӣ-иҷтимоӣ нақши бузургро дар ҳаёти кишвар ишғол менамояд. Аз тамоми давраҳои таърихӣ давраи бештар ташаккулёфта ва созгор ин замони Истиқлолият мебошад. Дар ин давра қонунгузории бахши фаъолияти соҳибкорӣ ба як низоми нав даромадааст.

Вобаста ба ташаккулёбии қонунгузории бахши фаъолияти соҳибкорӣ олимони ватанӣ д.и.ҳ., профессор Раҳимзода М.З., д.и.и., профессор Ҳотамов Н.Б. ва бахши

соҳибкории инфиродӣ н.и.ҳ. Маҳмадшоев Ф.А. андешаҳои худро баён намудаанд. Тавре профессор Раҳимов М.З. (Раҳимзода М.З.) қайд менамояд: “Маҷмӯи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқие (на танҳо қонунҳо, балки дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), ки ба воситаи онҳо муносибатҳои соҳибкорӣ ба танзим дароварда мешаванд, қонунгузории соҳибкориро ташкил медиҳанд. Қонунгузории соҳибкорӣ дар нимаи солҳои ҳаштодум рӯ ба барқароршавӣ ниҳода, давраҳои зерини инкишофро аз сар гузаронид:

1.Нимаи солҳои 80-уми асри XX то соли 1991.

2.Соли 1991 то 1994.

3. Солҳои 1994 то 2000.

4. Соли 2000-ум то ба имрӯз [4].

Новобаста ба ҳамаи ин, то ҳол дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ даврабандии ташаккулёбии қонунгузории бахши фаъолияти соҳибкорӣ дар умум оварда шуда бошад ҳам, аммо даврабандии соҳибкории хурд аз солҳои 90-ум то айни замон мавҷуд нест. Акнун мо метавонем ташаккулёбии қонунгузории бахши фаъолияти соҳибкории хурдро дар замони Истиқлолият бо ба инобат гирифтани рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва такя ба андешаҳои профессор Раҳимов М.З. (Раҳимзода М.З.) ба якчанд марҳилаҳои ба ҳам алоқаманд ҷудо намоем:

1) солҳои 1991 то 1994;
2) солҳои 1994 то 2000;
3) аз соли 2000-ум то айни ҳол [5];

Миёни санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ аз оғози солҳои 90-ум аҳамияти муҳимро Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23-уми декабри соли 1991 [6], “Дар бораи биржаи молӣ ва савдои биржавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 23-юми декабри соли 1991 [6]. “Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ)” аз 5-уми марти соли 1992 [6], “Дар бораи корхонаҳо” аз 25-уми июни соли 1993 [6] касб намудаанд.

Ин санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ бо мавҷудияти худ асоси ташаккулёбии соҳибкориро дар давраҳои мураккаби сиёсӣ-иқтисодӣ побарҷо нигоҳ дошта, воқеан заминагузори ислоҳоти минбаъдаи озодиии қтисодӣ гардиданд. Акнун дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти соҳибкорӣ” аввалин маротиба на танҳо барои шаҳрвандон шароити ҳуқуқии машғул шудан ба фаъолияти мусақилонаро фароҳам оварданд, яъне дар асоси принсипи “ҳар он чи ки қонун манъ накардааст, иҷозат аст”, балки баробарҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, истифода намудани он ва озодона интихоб намудани самти фаъолият мустаҳкам гардид.

Дар барқарор ва ташаккулёбии қонунгузории бахши соҳибкории хурд нақши калидиро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ишғол менамояд, ки 6-уми ноябри соли 1994 қабул гардида буд. Ин санади олӣ бо фарогирии танзими тамоми муносибатҳои ҷамъиятии кишвар бевосита шаклҳои гуногуни моликиятро ҳамчун асоси иқтисодиёти кишвар эътироф намуда, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат дод (моддаи 12). Қайд кардан бамаврид аст, ки дар заминаи мустаҳкам намудани ин меъёрҳо ҳамчунин давлатро уҳдадор сохт, ки рақобати озоди бовиҷдононаро дастгирӣ намуда, фаъолияти инҳисориро пешгирӣ намояд, ки ин яке аз шартҳои дигари рушди намудҳои соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории хурд мебошад.

Баъдан, баҳри танзими ҳамаҷонибаи фазои муносибатҳои соҳибкорӣ дар мутобиқат бо меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои кодификатсионӣ: Кодекси мурофиавӣ-хоҷагӣ (2.11.1995), Кодекси андоз (12.11.1998; 3.12.2004; 01.01.2013), Кодекси граждани қ.1, 2 ва 3 (1999, 2000, 2005с), аз ҷумла Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сертификатсияи маҳсулот ва хизмат” (12.12.1996); “Дар бораи хариди давлатии мол, кор ва хизмат” (12.12.1997); “Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатӣ” (16.05.1997); “Дар бораи ҷамъиятҳои дорои масъулияташ маҳдуд (10.05.2002);

“Дар бораи хоҷагиҳои деҳқонӣ” (10.05.2002); “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон” (9.12.2004); “Дар бораи корхонаҳои давлатӣ” (28.02.2004); “Дар бораи ташкилотҳои маблағгузории хурд” (17.05.2004); “Дар бораи бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ” (19.05.2009); “Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (26.03.2009); “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” (10.05.2002, 26.07.2014) қабул гардиданд.

Тибқи Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” (10.05.2002) ба субъектҳои соҳибкории хурд соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғуле дохил мешуданд, ки дар сармояи оинномавии онҳо ҳиссаи иштироки давлат аз 25% зиёд намегардид ва андозаи даромади умумии онҳо дар аввали соли андоз бе назардошти андоз аз арзиши иловашуда ва андоз аз савдои чакана аз ҳадди секаратаи муқаррарнамудаи моддаи 202 Кодекси андози ҶТ зиёд намегардид, шумораи миёнаи кормандон дар давраи соли тақвимӣ на зиёдтар аз 30 нафар, барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ то 50 нафарро бояд ташкил мекард (моддаи 7[1]). Акнун навгоние, ки дар танзими ҳуқуқии соҳибкории хурд ворид гардид, ин тибқи муқаррароти қонуни мазкур ба субъектони соҳибкории хурд ду шакли фаъолият: соҳибкорони инфиродӣ ва шахси ҳуқуқии ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбуда дохил гардиданд, ки ба талаботи дар моддаи мазкури қонуни овардашуда бояд ҷавобгӯй мебуданд.

Баъдан қадами бузургеро, ки дар рушд ва пешравии фаъолияти минбаъдаи на танҳо субъектҳои соҳибкории хурд, инчунин миёна гузошт, ин қабули Қонуни ҶТ “Дар бораи мораторияи санҷишҳои фаъолияти соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [7]” ба ҳисоб меравад. Мақсад аз қабули қонуни мазкур тақвият бахшидан ба рушди соҳибкории хурду миёна буд.

26-уми июли соли 2014 Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 10.05.2002 аз эътибор соқит карда шуд ва Қонуни ҶТ “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкорӣ” дар тарҳи нав қабул ва мавриди амал қарор дода шуд. Тибқи қонуни нав навгонии дигаре, ки дар самти соҳибкории хурд рӯйи кор омад, ин миқдори гардиши маблағҳои ин субъекти соҳибкорӣ дар як сол муайян карда шуд ва он набояд аз 500 000 (панҷсад ҳазор) сомонӣ зиёд бошад (қ.3 моддаи 5).

Хулоса ҷамъияти ислоҳотхоҳонаи имрӯза бо мушкилотҳои гузаришии худ чунон пурпечутоб мебошад, ки бо татбиқи назарияҳои анъанавӣ на ҳамеша тамоми ислоҳотҳои гузариширо ба таври пурра ошкор месозад. Тавре таҷриба нишон медиҳад, қариб тамоми кишварҳои рӯ ба инкишоф кӯшиши онро менамоянд, ки сатҳи иқтисодиашонро баланд намоянд. Мутаассифона, дар бисёр ҳолатҳо бо ин роҳ на ин ки сатҳи некуаҳволии мардумашонро дар сатҳи зарурӣ беҳтар намесозанд, балки онро ба ҳолати аввалааш барқарор сохта наметавонанд, ки ин аз рӯйи баъзе аз нуқтаҳои назар паёмаки муҳимеро дар ҷараёни дигаргунсозиҳо мемонад. Зиёдшавии муҳоҷирати меҳнатӣ, авҷгирии сатҳи бекорӣ ва камбизоатшавии аҳолии кишварҳои рӯ ба инкишоф аз вазъи ноустувори иқтисодӣ шаҳодат медиҳад, ки наметавонанд аҳолиро бо ҷойи кори мувофиқ таъмин намоянд. Дар ин мавриди моро зарур меояд, ки диққатамонро бештар ба рушди соҳибкории хурд равона созем.

АДАБИЁТ

1. Мирзоалиев И. Оҳангарӣ дар Хатлон: охири асри XIX ва ибтидои асри XX / И.Мирзоалиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). –Душанбе, 2017. -№ 3/6 (176). –С.32
2. Розиқзода А.Ш. Саноати косибию ҳунармандӣ ва кӯҳӣ дар Бухорои Шарқӣ. (охири асри XIX-аввали асри XX) / А.Ш. Розиқзода, А. Иброҳимов. -Душанбе, 2006. –С.135
3. Ҳотамов Н.Б. Оид ба таърихи соҳибкорӣ дар Осиёи Марказӣ ва нақши он дар рушди иқтисодиёт / Н.Б.Ҳотамов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. -2002. - №7. –С.36
4. Раҳимов М.З. Қонунгузории соҳибкорӣ: инкишоф ва проблемаҳо / М.З. Раҳимов (РаҳимзодаМ.З.) // Маводи семинари ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзӯи “Мушкилоти рушди соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назариява амалия”. -Душанбе, 2014. –С.17.

5. Махмадшоев Ф.А. Правовое обеспечение индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан: автореферат, дисс. … канд. юрид. наук / Ф.А. Махмадшоев. - Душанбе, 2012. –С.63.
6. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 1992. -№4. -М. 37; -1992. -№3. –М.31; -1993. -№8. –М.112; -1993. -№14. –М.279.
7. Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -2009. -№3. -Мод.98.

АСОСҲОИ ТАШАККУЛЁБӢ ВА ИНКИШОФИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР БАХШИ СОҲИБКОРИИ ХУРД

Дар мақола асосҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши соҳибкории хурд таҳлил гардидааст. Қайд мегардад, ки таъсис ва ба амал баровардани фаъолияти гуногунҷабҳаи соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси объективии ташаккулёбии иқтисодиёти бозорӣ ба ҳисоб рафта, баҳри бавуҷудоии рақобати озод дар байни молистеҳсолкунандагон заминаҳои заруриро фароҳам меоварад. Ташаккулёбии муносибатҳои бозорӣ дар асоси ташкили соҳибкории хурд на танҳо таъминкунандаи рушди рақобат ба ҳисоб меравад, балки баҳри таъминнамоии бозор бо молу кору хизматҳо ва ба таври оҷилӣ таъмин намудани эҳтиёҷоти харидорон аз ҳисоби истеҳсолоти инфиродии худ мусоидат мекунад.

Калидвожаҳо: соҳибкории хурд, рақобат, бозор, молу кор, хизматрасонӣ, эҳтиёҷоти харидорон, истеҳсолоти инфиродӣ.

СТАНОВЛЕНИЕ И РАЗВИТИЕ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН О МАЛОМ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВЕ

В данноой статье рассматривается становление и развитие законодательства Республика Таджикистан о малом предпринимательстве, создание осуществления различных форм предпринимательской деятельности, и в том числе малого предпринимательства в Республике Таджикистан, которое является объективной предпосылкой формирования рыночной экономики и создает предпосылки для свободной конкуренции среди производителей товаров. Обосновывается положение о том, что развитие рыночных отношений базирующеся на малом предпринимательстве выступает не только как средство развития конкуренции, но и как средство обеспечения рынка товарами и услугами собственного производства.

Ключевые слова: малое предпринимательство, конкуренция, рынок, имущество и работа, услуга, потребительские нужды, индивидуальное производство.

FORMATION AND DEVELOPMENT OF LEGISLATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN ON SMALL BISINESS

In this articlt consider the formationand development ofthe legislation of republic of Tajikistan on small bisiness, the creation implementation of vavrious forms of entrepreneurial activity, including small entreprneurship in the Republic of Tajikistan which is an objective precondition for the formation of a market economy and creates prerequisites for free competition among producers of gaods.It is justified that the development of market reletionsbasid on smollbasiness is not only a means of developing competition, but also as a means of providing the market with gaods and services of own production.

Key words: small business, competition, market, property and work, service, consumer needs, individual production.

Сведения об авторе: ***Шарифов И.М.*** - аспирант кафедры предпринимательского и коммерческого права юридического факультеты Таджикского национального университета. Телефон: **918-63-00-11**

ТАҲДИДҲО БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ: МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ОНҲО

Сафарализода Х.Қ.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар шароити соҳибистиқлолии мамлакат масъалаи таъмини амнияти миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор меравад. Таҳлили пешбурди сиёсати давлатӣ нишон медиҳад, ки таъмини амнияти миллӣ бо ду навъи фаъолият ва бо амалӣ намудани ду мақсади стратегӣ ба роҳ монда мешавад. Якум, дар сатҳи зарурӣ ба роҳ мондани ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва дуюм, истодагарӣ намудан дар муқобили таҳдидҳо ва бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда безарар гардонидани онҳо мебошанд. Зеро манфиатҳои миллӣ арзишҳое ҳастанд, ки дар сатҳи зарурӣ ҳимоя гардидани онҳо рушду инкишофи ҷомеа, давлат ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро таъмин менамояд. Аммо таҳдидҳо шарту шароит ва омилҳое мебошанд, ки дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ монеа эҷод намуда, рушди ояндаи мамлакатро ғайриимкон мегардонанд ва амнияти миллии мамлакатро зери хавфу хатар қарор медиҳанд. Бинобар ин, манфиатҳои миллӣ доимо ниёз ба пуштибонӣ доранд ва дар ҳама гуна шароит бояд аз таҳдидҳои гуногун ҳимоя карда шаванд. Моҳияти амнияти миллӣ низ дар ҳамин гуфтаҳо ифода меёбад. Зеро амнияти миллӣ «ҳолати муҳофизатии манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии дохилию берунӣ мебошад».[7] Бинобар ин, таъмини амнияти миллӣ дар ҳама гуна шароит бо роҳи ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва безарар гардонидани таҳдидҳо амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиш ва баррасии моҳият, хусусият, мазмуну мундариҷаи таҳдидҳо яке аз масъалаҳои хеле муҳимми ҳаёти сиёсию ҷамъиятии ҳар як мамлакат ба шумор рафта, дарки онҳо ва шинохти табиати онҳо имкон медиҳад, ки амнияти миллии кишвар дар сатҳи зарурӣ таъмин карда шавад. Гузашта аз ин, дар таркиби назарияи амнияти миллӣ дар баробари мафҳумҳои «манфиатҳои миллӣ» ва «манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат», инчунин мафҳуми «таҳдидҳо» низ мавқеи мушаххасро ишғол намудааст. Зеро ҳар боре ки таҳдид ба амнияти миллӣ гуфта мешавад, таҳдид ба манфиатҳои миллӣ бояд дар назар дошта шавад. Зеро амнияти миллӣ бо роҳи ҳимояи манфиатҳои миллӣ таъмин карда мешавад ва манфиатҳо бошанд, аз таҳдидҳо ҳимоя мегарданд. Бинобар ин, барои хубтару беҳтар ҳимоя намудани манфиатҳои миллӣ ва дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани амнияти миллӣ, бояд паҳлуҳои гуногуни таҳдидҳо ва ҷанбаҳои назариявию методологии онҳо мавриди омӯзиш, баррасӣ ва таҳлилу таҳқиқ қарор дода шаванд.

Дар замони муосир ба омӯзиши масъалаи мазкур доираи васеи олимону муҳаққиқон машғул гардида, ҳар яки онҳо бо назардошти хусусиятҳои методологии соҳаи илми худ мазмуну мундариҷаи таҳдидҳоро баррасӣ намудаанд. Аз ҷумла, дар адабиёти илмӣ ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст, ки ба омӯзиши масъалаи мазкур, пеш аз ҳама, олимону муҳаққиқони соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ, фаласафа, сиёсатшиносӣ, сотсиология, иқтисодиёт ва ҷанде дигарон таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Аммо аз ҳама бештар масъалаи мазкурро сиёсатшиносон ба таври мукаммал баррасӣ кардаанд. Зеро масъалаи таҳдидҳо ба амнияти миллӣ дар аксар маврид характери сиёсӣ дошта, бо фаъолияти тахрибкоронаи давлатҳои алоҳида ва неруҳои гуногуни сиёсӣ алоқаманд мебошад. Инчунин, мубориза бо таҳдиду хатарҳо низ бевосита бо ташаббуси давлату ҳукумат амалӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаи мазкур дар илмҳои сиёсӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд.

Ҳар як мамлакат бо мақсади дар сатҳи зарурӣ таъмин намудани амнияти миллии худ дар ин самт ҳуҷҷатҳои сиёсӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии гуногунро ба тасвиб мерасонад. Бинобар ин, дар шароити дилхоҳ мамлакат моҳияти таҳдидҳо дар ҳуҷҷатҳои мазкур нишон дода шудааст. Масалан, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» табиати таҳдидҳоеро, ки ба амнияти миллӣ халал мерасонанд, ба таври зерин муайян намудааст: «Таҳдидҳо ба амният маҷмӯи шароит, раванд ва омилҳое мебошанд, ки барои амалишавии манфиатҳои миллӣ монеа мешаванд ё ба онҳо хатар ба вуҷуд меоранд» [7]. Дар ҳуҷҷатҳои меъёрию сиёсии давлатҳои дигар низ, таҳдидҳо ба таври мушаххас нишон дода шудаанд. Масалан, дар Стратегияи амнияти миллии Федератсияи Россия «таҳдид ба амнияти миллӣ – дилхоҳ имконияти расонидани зарар ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, ба сатҳу сифати зиндагии арзандаи онҳо, ба истиқлолият ва

тамомияти арзӣ, ба рушду инкишофи Федератсияи Россия, ба мудофиа ва бехатарии давлат» муаррифӣ гардидааст [10].

Аммо таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки таҳдидҳо зуҳуроти хеле мураккаб ва гуногунпаҳлу буда, омӯзиш ва баррасии онҳо низ бояд аз мавқеъҳои гуногун амалӣ карда шавад. Ин аст, ки дар самти омӯзиши таҳдидҳо олимону муҳаққиқон роҳу усулҳои мухталифи илмию методологиро истифода намуда, хусусиятҳои бевоситаи онҳоро то дараҷае нишон додаанд. Муҳаққиқони рус Ю.Г.Крат ва И.Г.Шрамкова барои хубтару бехтар нишон додани табиати таҳдидҳо онро дар занҷираи падидаҳои бо ҳам алоқаманд (сарчашмаи таҳдид – осебпазирӣ – таҳдид – оқибати таҳдид) мавриди баррасӣ қарор додаанд. Ба андешаи онҳо, «таҳдидҳо маҷмӯи воқеаҳо, амалҳо, равандҳо ва ё зуҳуроти пуриқтидори имконпазире мебошанд, ки ба ин ё он манфиати мамлакат таъсири манфӣ ва зарари калон мерасонанд» [6, с.71].

Сиёсатшиноси рус Р.Г.Мумладзе табиати таҳдидҳоро бо имкониятҳои воқеии субъекти таҳдид алоқаманд намуда, бевосита ва ё бавосита расонидани зарар ба ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, ба сатҳу сифати зиндагии онҳо, ба истиқлолият ва тамомияти арзии мамлакат, ба рушди бомароми кишвар, ба соҳаи мудофиа ва нияти расонидани зарар ба амнияти давлатиро хусусиятҳои таҳдид муаррифӣ намудааст [9, с.264].

Як қатор муҳаққиқон барои хубтару бехтар нишон додани хусусиятҳои «таҳдид», онро дар муқоиса бо «хатар» мавриди омӯзиш қарор додаанд. Масалан, ба ақидаи олими рус М.Ф.Гатско, «таҳдид дараҷаи ниҳоии хатар (хатари бевосита) мебошад. Аммо хатар бошад, таҳдиди имконпазир ва ё эҳтимолӣ ба шумор меравад. Таҳдидҳо дар худ ду унсури муҳимро нигоҳ медоранд: мақсади расонидани зарар ва имконияти дар амал татбиқ намудани ин мақсад. Аммо хатар яке аз ин унсурҳоро соҳиб нест. Яъне, агар мақсади расонидани зарар дида шаваду, имконияти амалӣ намудани он не, пас ин хатар аст. Баръакс, агар имконияти амалӣ намудани мақсад бошаду, мақсади расонидани зарар мавҷуд набошад, дар чунин шароит низ танҳо хатар эҳсос мегардаду бас. Аз ин рӯ, таҳдид марҳилаи ниҳоии хатар мебошад, ки дар худ ду унсури номбаршударо нигоҳ медорад ва ба ҷониби субъекти мушаххас равона гардидааст» [4, с.23].

Аммо сиёсатшиноси шинохта С.В.Кортунов моҳияти таҳдидҳоро ба таври дигар шарҳ додааст, ки дар мулоҳизарониҳои ӯ таҳдид ва хатар ҳаммаъно эҳсос мегарданд. Зеро худи С.В.Кортунов таҳдидро дараҷаи ниҳоии хатар муаррифӣ намудааст. Ба андешаи ӯ, хатарҳо дар се дараҷа зоҳир мешаванд ва дар раванди ташаккулёбии худ аз як зина ба зинаи дигар мегузаранд. Яъне, аввал хатар дар шакли хавф зоҳир гардида, сипас ба изтироб табдил меёбад ва баъдан дар дараҷаи ниҳоии худ дар шакли таҳдид зоҳир мегардад. Аз ин рӯ, хавф дараҷаи аввали хатар, изтироб дараҷаи дуюми хатар ва таҳдид бошад, дараҷаи ниҳоии хатар мебошад. Чунин навъи мулоҳизаронӣ метавонад дар муносибат бо дилхоҳ масъалаи амнияти миллӣ ва ё амнияти байналхалқӣ мавриди истифода қарор дода шавад» [5, с. 63].

Як қатор муҳаққиқон хусусияти таҳдидҳо ва табиати онҳоро аз табиати манфиатҳои миллӣ вобаста медонанд ва пайдоиши онҳоро бо рафтори субъектҳои сиёсат алоқаманд менамоянд. Масалан, ба ақидаи яке аз донишмандони соҳаи амният А.Б.Логунов, ҳар як давлат кӯшиш менамояд, ки бо ҳар роҳу воситаи имконпазир манфиатҳои миллии худро ҳимоя намояд. Дар раванди ҳимояи манфиатҳои миллӣ бархӯрди манфиатҳо ба амал меояд, ки барои ин ё он ҷониб таҳдидҳои мушаххасро ба вуҷуд меоварад. Таҳдидҳо ба аманияти миллӣ хатарҳое мебошанд, ки пайдоиши онҳо аз фаъолияти ҳадафмандонаи субъектҳои алоҳида ва аз эҷод намудани монеа дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ вобаста мебошанд. Сӯйиқасд ба манфиатҳои миллӣ ва ё мақсади расонидани зарар доимо бо фаъолияти ҳадафмандонаи гурӯҳҳои иҷтимоии ҷониби муқобил алоқаманд мебошад. Ба ибораи дигар, таҳдидҳо ба амнияти миллӣ бо ин ё он манфиати миллӣ алоқамандии зич доранд. Агар манфиати миллӣ вуҷуд надошта бошад, таҳдид низ вуҷуд дошта наметавонад. Таҳдиде, ки берун аз системаи манфиатҳои миллӣ муаррифӣ мегардад, он танҳо хатаре мебошад, ки ба манфиатҳои миллӣ ҳеҷ рабт надорад. Гузашта аз ин, таҳдидҳо доимо бо фаъолияти субъектҳои мушаххасе алоқаманд мебошанд, ки онҳо барои ҳимояи манфиатҳои худ саъю талош варзида истодаанд. Маҳз чунин манфиатҷӯӣ сарчашмаи асосии пайдоиши таҳдидҳо ба шумор меравад [8, с.22].

Чунин навъи мулоҳизаронӣ хосси тафаккури А.В.Шободаева мебошад. Ӯ низ ба монанди А.Б.Логунов таҳдидҳоро бо фаъолияти мақсадноки неруҳои ҷониби муқобил алоқаманд намуда, пайдоиши таҳдидҳоро аз манфиатҷӯии онҳо вобаста медонад. Ба андешаи А.В.Шободаева, таҳдид инъикоси имкониятҳои воқеии як объект ва аз ҷониби ӯ зоҳир гардидани майлу хоҳиши расонидани зарар ба объекти дигар мебошад [12, с.41].

Аз чунин мулоҳизаронӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки сабаби пайдоиши таҳдидҳо раванди ҳимояи манфиатҳои миллӣ мебошад. Зикр кардан бамаврид аст, ки давлатҳои дорои иқтидори баланди иқтисодӣ, ҳарбию сиёсӣ дар самти ҳимояи манфиатҳои миллии хеш чи дар сиёсати дохилӣ ва чи дар сиёсати хориҷӣ муваффақиятҳои калон ба даст меоранд. Аз ин рӯ, гуфтан мумкин аст, ки манфиатҷӯии давлатҳои пуриқтидор барои давлатҳои рӯ ба тараққӣ таҳдиди воқеӣ мебошад.

Бархӯрди манфиатҳои миллӣ инъикоси афзалияти як давлат нисбат ба давлати дигар мебошад, ки чунин ҳолат тавлидгари таҳдидҳо ба шумор меравад. Доимо таҳдидҳои берунӣ ва баъзан таҳдидҳои дохилӣ дар натиҷаи ҳимояи манфиатҳои миллии давлатҳои дигар ба вуҷуд меоянд. Сиёсатшиноси амрикоӣ Ганс Моргентау (1904-1980) роҷеъ ба ин масъала хеле бамаврид қайд намуда буд, ки давлатҳо дӯстон ва душманони доимӣ надоранд, балки онҳо манфиатҳои доимӣ доранд.

Таҳдидҳое, ки берун аз низоми манфиатҳои миллӣ зоҳир мегарданд, танҳо хатарҳое мебошанд, ки дар кӯтоҳтарин муддат бартараф карда мешаванд. Зеро таҳдидҳо доимо бо фаъолияти субъектҳое, ки манфиатҳои худро пайгирӣ менамоянд, алоқаманд мебошанд. Дар чунин шароит давлатҳои алоҳидае, ки дар сиёсати хориҷии худ доимо ҳимояи манфиатҳои миллии худро дар мадди аввал мегузоранд, ба амнияти миллии давлатҳои дигар таҳдид менамоянд.

Гузашта аз ин, баъзе аз шаҳрвандони мамлакат низ метавонанд ба амнияти миллии мамлакати худ таҳдид намоянд. Он шаҳрвандоне, ки ҳимояи манфиатҳои шахсии худро аз ҳимояи манфиатҳои миллӣ боло мегузоранд, ё ин ки даст ба ифроти ақлӣ зада, ба ватани худ ва манфиатҳои миллии худ хиёнат мекунанд, бешакку шубҳа амнияти миллӣ ва манфиатҳои миллиро зери таҳдиду хатар қарор медиҳанд. Сиёсатшиноси шинохтаи тоҷик Ятимов С.С. дар робита бо ин масъала андешаҳои хеле ҷолиб иброз намудааст. Ба ақидаи ӯ, «... ҳар як давлат системаи ягонаи таъмини амнияти миллии худро дорад. ... Ашхосе, ки дар роҳи хиёнат ба манфиатҳои миллии хеш ворид мегарданд, аз системаи таъмини амнияти миллии Ватани худ берун гашта, дар системаи таъмини амнияти миллии давлати бегона ворид мегарданд ва фаъолият мекунанд» [14, с.278]. Дар чунин шароит шуур ва рафтори ин гуна ашхос дар зери таъсири сиёсати давлатҳои дигар ва неруҳои носозгор қарор гирифта, дар муқобили манфиатҳои миллии худ равона карда мешавад ва амнияти миллии кишвари худро зери таҳдиду хатар қарор медиҳанд. Ҳамин тариқ, манфиатҳои субъектони алоҳида сарчашмаи асосии таҳдидҳо ба шумор мераванд.

Таҳдидҳо ба амнияти миллӣ ба шаҳрвандони мамлакат ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ имкон намедиҳанд, ки ба таври озод самти рушду инкишофи худро интихоб намоянд. Аммо барои давлат бошанд, имконият намедиҳанд, ки дар соҳаҳои алоҳида ба таври озод фаъолият намояд ва рушду инкишофи соҳаҳои мазкурро таъмин созанд. Махсусан, таҳдидҳо дар самти амалишавии ҳадафҳои миллӣ ва стратегияҳои давлатӣ таъсири манфӣ расонида, манбаъҳо ва воситаҳои мавҷударо корношоям мегардонанд. Инчунин, таҳдидҳо ба раванди қабули қарорҳои сиёсӣ ва идоракунии давлатӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар натиҷа хавфи қисман ва ё пурра дар амал татбиқ нагардидани ҳадафҳои миллӣ ба вуҷуд меояд.

Таҳдидҳо ба амнияти миллӣ фаъолиятҳое мебошанд, ки бояд дар муқобили онҳо як қатор чорабиниҳои ҷавобӣ амалӣ карда шаванд. Ҷомеашиноси англис Арнолд Тойнби консепсияи «Хатар – посух ба хатар»-ро ташаккул додааст, ки ба воситаи он дарки моҳияти манфиатҳои миллӣ ва таҳдиду хатарҳо то андозае имконпазир мегардад. Консепсияи мазкур аз ҷониби сиёсатшиносони амрикоӣ П.Бергер, С.Хантингтон, П.Бюкенен, З.Бжезинский [1, 2, 3, 13] ва дигарон ташаккул дода шудааст. Олимони мазкур аз анъанаҳои А.Тойнби пайравӣ намуда, бо истифода аз консепсияи мазкур мушкилоти тамаддунҳои алоҳида ва роҳҳои ҳалли онҳоро баррасӣ намудаанд. А.Тойнби бошад, кӯшиш менамуд, ки ба саволи чӣ гуна рушду инкишоф ёфтани тамаддунҳо ва фарҳангҳо посух гардонад. Дар натиҷа ӯ консепсияи «Хатар – посух ба хатар»-ро ба вуҷуд овард. Ба ақидаи ӯ, пайдоиши тамаддунҳо ва рушду инкишофи минбаъдаи онҳо ба воситаи қобилияти намояндагони он тамаддун, ки ба хатару таҳдидҳои муҳити худ чӣ гуна посух додаанд, муайян карда мешавад. Зеро рушду инкишофи тамаддун раванде мебошад, ки дар он ивазшавии пай дар пайи таҳдиду хатарҳо ва аз ҷониби одамон ба вуҷуд овардани посух ба ин хатарҳо мушоҳида мегардад. Ба ақидаи А.Тойнби, қисме аз хатарҳо табиӣ ва қисми дигарашон иҷтимоию сиёсӣ мебошанд. Ӯ муътақид аст, ки таъсири таҳдиду хатарҳо ба тамаддун дар се дараҷа зоҳир мегардад: паст, баланд ва миёна. Хатарҳое, ки таъсирашон дар дараҷаи миёна зоҳир мегарданд, сабаби ба тағйирот ва сипас ба рушду инкишоф рӯ ба рӯ гардидани тамаддунҳо мешаванд. Зеро хатарҳое, ки таъсири кам доранд, наметавонанд ҷомеаро ба марҳилаи сифатан нав ворид созанд. Баръакс, хатарҳои

дорои таъсири баланд системаи ҷамъиятиро вайрон месозанд. Рушди иҷтимоию сиёсии ҷомеа бо роҳи посух гардонидан ба хатарҳо таъмин карда мешавад. Посухҳо ва шаклҳои гуногуни он аз ҷониби намояндагони эҷодкори ҷомеа ба вуҷуд оварда мешаванд. Сабаби ба вуҷуд омадани хатарҳо бошанд, табиат, ҷомеа ва намояндагони худи ҷомеа мебошанд. Бояд гуфт, ки доимо роҳу воситаҳои гуногуни рушду инкишоф мавҷуданд, зеро ба хатарҳои мавҷуда низ посухҳои гуногун гардонидан имконпазир аст [11]. Ҳамзамон, А.Тойнби қайд менамояд, ки дарки хатарҳо ва посух гардонидан ба онҳо, пеш аз ҳама, вазифаи ақаллияти эҷодкори ҷомеа мебошад. Зеро онҳо бояд андешаҳои нав ва роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷомеаро ба вуҷуд оварда, онҳоро дар амал татбиқ намуда, дигаронро барои иҷроиши онҳо сафарбар намоянд.

Бояд гуфт, ки рушди бемайлони илму техника ва ба вуҷуд омадани инқилобҳои технологӣ бевосита ба раванди ҳимояи манфиатҳои миллӣ таъсири амиқ расонида истодаанд. Зеро дар зери таъсири ин гуна дигаргуниҳои сифатӣ, ки инъикосгари афзалияти як давлат нисбат ба давлати дигар мебошанд, хусусиятҳои таҳдиду хатарҳо низ марҳила ба марҳила тағйир меёбанд. Аз ин рӯ, дар шароити муосир яке аз роҳҳои хубтару беҳтари шинохти таҳдидҳо муайян намудани иқтидори онҳо мебошад. Чунин омӯзиш имкон медиҳад, ки пеш аз ҳама, таҳдидҳои пуриқтидор ва камиқтидорро муайян намоем. Ҳар яке аз онҳо хусусиятҳои ба худ хосеро доро мебошанд. Масалан, бо таҳдидҳои камиқтидор мубориза мебаранд ва дар муқобили таҳдидҳои пуриқтидор муқовимат нишон медиҳанд. Бинобар ин, пеш аз оне ки мафҳумҳои «мубориза» ва ё «муқовимат» дар муносибат бо ин ё он таҳдид истифода бурда шавад, хуб мебуд агар дар аввал иқтидори таҳдидро муайян менамуданд. Зеро айни замон кам нестанд ҳолатҳое, ки чи аз ҷониби олимону муҳаққиқон ва чи аз ҷониби хабарнигорон мафҳумҳои мазкур бемавқеъ истифода бурда мешаванд. Масалан, ибораҳои «мубориза бо коррупсия» ва «муқовимат бо коррупсия» хеле зиёд ба кор бурда мешаванд. Аммо, агар мақсад нест намудани коррупсия бошад, пас дар муносибат бо ин зуҳуроти номатлуб истифодаи мафҳуми «мубориза» хубтар аст. Зеро доимо ба хотири ба даст овардани ғолибият ва ё несту нобуд намудани ин ва ё он падидаи манфию зараровар мубориза мебаранд. Агар падидаи манфӣ пуриқтидор бошад, пас дар муқобили он танҳо муқовимат нишон медиҳанду бас. Зеро иқтидори он то ҳадде мебошад, ки несту нобуд кардани он ғайриимкон аст. Бинобар ин, таҳдидҳои пуриқтидорро низ муайян бояд кард ва дар муқобили онҳо муқовимат бояд нишон дод. Масалан, терроризму экстремизмро таҳдидҳои пуриқтидор номидан мумкин аст. Зеро дар шароити муосир ҳеҷ як давлат дар танҳоӣ наметавонад онро пурра несту нобуд созад ва ё аз таъсири он дар амон бошад. Бинобар ин, доимо дар муқобили падидаҳои мазкур муқовимат нишон дода мешавад. Зеро мубориза бар зидди онҳо бефоида аст.

Бо такя ба консепсияи А.Тойнбӣ қайд намудан бамаврид аст, ки дар аксар маврид таҳдидҳои камиқтидор дар натиҷаи бепарвоӣ ва беэътиноии намояндагони ҷомеа метавонанд ба таҳдидҳои пуриқтидор табдил ёбанд. Дар чунин шароит намояндагони як миллатро зарур меояд, ки даҳсолаҳо заҳмат кашанд, то ки оқибатҳои ногувори таҳдидҳои мазкурро бартараф созанд. Масалан, маҳалгароӣ, порахӯрию порагирӣ, дилетантизм (бе омодагии касбӣ оғоз намудани фаъолият), паст гардидани қадри илм, қоҳиш ёфтани обрӯи олимон ва омӯзгорон, беқурбшавии асъори миллӣ, фирори мағзҳо, таваҷҷуҳи лозима надоштан ба таълиму тарбияи насли наврас, дур шудани ҷавонон аз китобхониву илмомӯзӣ ва монанди инҳо дар натиҷаи бепарвоӣ ва беэътиноии намояндагони ҷомеа метавонанд ба таҳдидҳои пуриқтидор мубаддал гарданд, ки аз байн бурдани онҳо метавонад даҳсолаҳо идома ёбад ва шояд дигар мубориза бо онҳо ғайриимкон гардад. Баррасӣ ва муайян намудани оқибатҳои таҳдидҳои мазкур баҳси дигар аст, ки мо дар мақолаҳои илмию таҳқиқотии минбаъдаи худ ҳатман онҳоро дар алоҳидагӣ матраҳ хоҳем кард.

Ҳамин тариқ, таҳдидҳо дар ҳама гуна шароит ва дар ҳама ҳолат ҳамчун падидаи манфӣ муаррифӣ гардида, нияти расонидани зарар, имконияти расонидани таъсири манфӣ, тахрибкорӣ, вайронсозии системаҳои иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии ҷомеа хусусиятҳои муҳимми онҳоро ташкил медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Бергер П. Многоликая глобализация. Культурное разнообразие в современном мире / Под ред. П.Бергера, С.Хантингтона // Пер. с англ. В.В.Сапова. – М.: Аспект Пресс, 2004. – 379 с.
2. Бжезинский З. Великая шахматная доска. Господство Америки и его геостратегические императивы / Пер. с англ. О.Ю. Уральской. – М.: Международные отношения, 1998. – 330 с.
3. Бьюкенен П.Дж. Смерть Запада. – М.: Издательство АСТ, 2003. – 444 с.
4. Гацко М.Ф. Основы национальной безопасности. Учебное пособие / М.Ф. Гацко. –Ногинск, 2014. –130 с.

5. Кортунов С.В. Концептуальные основы национальной и международной безопасности / С.В. Кортунов. –М., 2007. –308 с.
6. Крат Ю.Г. Основы информационной безопасности / Ю.Г. Крат, И.Г. Шрамкова. –Хабаровск: Изд-во ДВГУПС, 2008. – 114 с.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 15.03.2016 с., № 1283. Моддаи 1.
8. Логунов А.Б. Региональная и национальная безопасность. Учебное пособие / А.Б. Логунов. –М.: Вузовский учебник, 2009. –432 с.
9. Политология: учебник для бакалавров / Р.Г. Мумладзе, И.Д. Афонин, А.И. Афонин, В.А. Смирнов. –М.: Изд-во «Русайнс», 2016. – 348 с.
10. Стратегия национальной безопасности Российской Федерации до 2020 года. Действующая стратегия // Утверждена Указом Президента Российской Федерации от 12 мая 2009 г., №537.
11. Тойнби А. Постижение истории / Пер. с англ. Е.Д. Жаркова. – М.: Айрис-Пресс, 2010. – 640 с.
12. Шободаева А.В. Теория национальной безопасности Российской Федерации. Основные проблемы. Учебник. В 2 частях. Часть 1 / А.В. Шободаева. –Иркутск: Изд-во БГУ, 2017. –176 с.
13. Хантингтон С. Столкновение цивилизаций. – М.: Издательство АСТ, 2003. – 603 с.
14. Ятимов С.С. Илм ва амният / С.С. Ятимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2017. –№3/3. –С.273-280.

ТАҲДИДҲО БА АМНИЯТИ МИЛЛӢ: МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ МУҲИММИ ОНҲО

Дар мақолаи мазкур муаллиф дар асоси омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ моҳият ва хусусиятҳои муҳимми таҳдидҳоро нишон дода, паҳлуҳои гуногуни зоҳиршавии онҳоро мавриди баррасӣ қарор додааст. Дар мақола қайд мегардад, ки таҳдидҳо зуҳуроте мебошанд, ки дар самти ҳимояи манфиатҳои миллӣ монеа эҷод намуда, рушди ояндаи мамлакатро ғайриимкон мегардонанд ва амнияти миллии мамлакатро зери хавфу хатар қарор медиҳанд.

Калидвожаҳо: таҳдидҳо ба амнияти миллӣ, манфиатҳои миллӣ, рушди ояндаи мамлакат, амнияти миллӣ, таъмини амният, хавфу хатар, манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат.

УГРОЗЫ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ: СУЩНОСТЬ И ИХ СПЕЦИФИЧЕСКИЕ ОСОБЕННОСТИ

В данной статье автор на основе анализа научной литературы показывает сущность и специфические особенности угроз национальной безопасности. Также в статье рассматриваются различные аспекты проявления угроз. В статье отмечается, что угрозы являются факторами, которые препятствуют удовлетворению национальных интересов, делают невозможным будущее развитие страны и создают риски и опасности национальной безопасности.

Ключевые слова: угрозы национальной безопасности, национальные интересы, будущее развитие страны, национальная безопасность, обеспечение безопасности, риски и опасности, жизненно важные интересы страны.

THREATS OF NATIONAL SECURITY: ESSENCE AND THEIR SPECIFIC FEATURES

In this article, the author on the basis of the analysis of scientific literature shows the nature and specific features of threats to national security. And also in the article various aspects of threats are considered. In the article notes that threats are factors that hamper the satisfaction of national interests, make future development of the country impossible and create risks and dangers to national security.

Key words: threats to national security, national interests, future development of the country, national security, security, risks and dangers, vital interests of the country.

Сведения об авторе: ***Сафарализода Худжамурод Куддуси*** – Таджикский национальный университет, доцент кафедры политических процессов в Таджикистане, кандидат политических наук. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 17. Телефон: (**+992) 988-12-73-83**. E-mail: **quddusov@mail.ru**

ГУНОГУНТАРКИБИИ ҶАҲОН

Нуриддинов Р.Ш., Д. Шарифӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар солҳои 2000-ум дар мактабҳои илмии собиқ Шӯравӣ як рӯҳияи шаккокият ва нобоварӣ нисбат ба имкониятҳои таҳлили амалияи сиёсии ин кишварҳо танҳо аз нигоҳи тачрибаи ғарбӣ ба вуҷуд омад. Тасаввуротҳои назариявии ҷаҳонишавӣ ҳамчун ҳаракати ҷаҳон ба сӯйи якрангӣ, воқеияти гуногунрангии онро ба таври мукаммал инъикос намекунад ва имкон намедиҳад, ки мутобиқати шароити ин кишварҳоро ба қонунмандиҳои ҷаҳонишавӣ дуруст арзёбӣ намоем.

Аз ин сабаб масъалаи таҳқиқи самти инкишофи ҷаҳонӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо менамояд. Яъне, мутафаккирон ва сиёсатмадорон бояд ба саволе ҷавоб диҳанд, ки оё раванди ғарбӣ намудани қисмати ғайриғарбии ҷаҳон таҳия ва барномарезӣ гардидааст, ё муносибатҳои мутақобилаи минтақаҳои гуногуни сайёра мутобиқи қонунмандиҳои

нисбатан мураккаб нисбат ба дигаргунсозии содаи кишварҳои ақибмонда аз тарафи давлатҳои пешрафта сурат мегиранд?

Агар исбот шавад, ки якшавӣ ва воридшавии минтақаҳои «анъанавӣ» (ғайриғарбӣ) бо минтақаҳои «замонавӣ» (ғарбӣ) қонунмандии универсалӣ ва бартараф кардани гуногуннавъии ҳар як ҷомеа амри муваққатӣ мебошад, пас бояд фарзияи ҳаракати ҷаҳонро ба сӯйи «ҷомеаи ҷаҳонӣ» ҳамчун мавқеи боварибахш эътироф намуд. Аммо агар маълум шавад, ки ҷомеаи «анъанавӣ» ва ҷомеаи «замонавӣ» якдигарро «фурӯ» намебаранд ва дар муддати тӯлонӣ бомуваффақият ҳамзистӣ менамоянд, пас бояд андешаи ногузир будани гузариши (трансформатсияи) гуногуннавъии ҷаҳон ва табдили он ба як минтақаи яклухти «замонавӣ» мавриди баҳси илмӣ қарор дода шавад.

Қобили зикр аст, ки дар илми муосир тамоми кишварҳои олам ба се гурӯҳ тақсим карда мешаванд: анъанавӣ, замонавӣ (муосир) ва гуногунтаркиб (омехта). Ба ақидаи муаллифон, Тоҷикистон ва аксари кишварҳои собиқ Шӯравӣ ба гурӯҳи кишварҳои сеюм - гуногунтаркиб дохил мешаванд.

Ба давлатҳои гурӯҳи аввал - анъанавӣ, он кишварҳое дохил мешаванд, ки рафтори аъзоёни он на дар асоси шуур, тафаккур, балки таҷриба, анъана, урфу одат, расму русум ва ғайра сурат мегиранд. Далели асосии амали онҳо пайравӣ намудан аз намунаи (образи) қаблан маълуми «роҳи худ» мебошад. Намунаи рафтору кирдори онҳоро таҷрибаи фарҳангӣ, анъанаҳои азёдгардидаи шифоҳӣ, қоидаҳои нонавиштаи ҳаётӣ, маросимҳо ва таълимотҳои динӣ, маҷмӯаи панду ҳикматҳо ва ғайра муайян менамояд. Дар чунин ҷомеа навоварӣ ба таври «беихтиёр», на дар асоси кашфиётҳои илмӣ ба вуқӯъ мепайванданд. Соҳаи фаъолияти огоҳонаи аъзоёни ин ҷомеаро назорати риоя намудани қоидаҳо ва меъёрҳои пешакӣ муайянгардида маҳдуд менамояд. Яъне, мутобиқи назарияи мазкур чунин ҷомеа ҷомеаи ғайриғарбиро ташкил менамояд.

Дар ҷомеаи гурӯҳи дувум, ки онро ҷомеаи муосир («замонавӣ») меноманд, қолабҳои рафтори аъзоёни он баръакс бар асоси шуур, тафаккур, мақсадҳои хирадмандона ва ғайра сурат мегиранд. Асоси ҳаёт ва фаъолияти аъзоёни чунин ҷомеаро фарҳанги мақсаднок ва қоидаҳои рафтори бошуурона муайян менамоянд. Навоварӣ дар чунин ҷомеа натиҷаи тафаккури огоҳона ва кӯшишҳои илмӣ мебошад. Чунин сифатҳо хусусияти фарқкунандаи Ғарб мебошад. Аксари донишмандон чунин ақида доранд, ки ҷомеаи замонавии ғарбӣ ҷомеаи оқилона ва воқеъбинона (ратсионалистӣ) нисбат ба ҷомеаи ғайриратсионалистии анъанавӣ мебошад.

Ҷомеаи гурӯҳи севумро олимони соҳа (бахусус донишмандони Ғарб), ҷомеаи гуногунтаркиб (омехта, конгломеративӣ) номидаанд*[1]. Ба ин гурӯҳ кишварҳое дохил мешаванд, ки дар онҳо тартиботу муносибатҳои ҳамзистии мусолиматомези расму оинҳо, урфу одатҳо, минтақаҳо дар давраи тӯлонӣ вуҷуд доранд. Ин муносибатҳо дар дохили чунин ҷомеа ҳастаҳо, минтақаҳои таркибиро (анклавҳоро) ба вуҷуд меоваранд, ки метавонанд дар чорчӯбаи ҷомеаи гуногунтаркиб (омехта) муддати тӯлонӣ боқӣ монанд, инкишоф ёбанд ва байни худ таносуби тағйирнопазирро риоя ва ҳифз намоянд. Чунин ҷомеа дар натиҷаи муносибатҳои мутақобила, ба ҳам воридшавӣ ва ҳамзистии сулҳомези падида ва равандҳои ғарбӣ ва ғайриғарбӣ ба вуҷуд меоянд.

Барои ҷомеаи гуногунтаркиб (омехта) чор омил муҳим аст:

1) ҷомеаи гуногунтаркиб (омехта) — ин сохтор, қаламрави бузургест, ки аз минтақаҳои таркибӣ (анклавҳо) иборат аст;

2) ин минтақаҳои таркибӣ устуворанд, онҳо падидаи боқимонда (пасмонда) ва шакли муносибатҳои миранда нестанд;

3) инкишоф ё ақибмонии ҷомеа ба мавҷудияти минтақаҳои таркибӣ дар сохтори иҷтимоӣ вобастагӣ надорад;

* Олими амрикоӣ Аренд Лейпҳарт ақидаи мазкурро ба ҳамин маънӣ, аммо бо истифода аз мафҳуми «ҷомеаи гуногунтаркиб» истифода намудааст.

4) ҷомеаи гуногунтаркиб (омехта) василаи фавқулода ва бомуваффақияти мутобиқ гардидани кишвар бо муҳити иқтисодии муосир мебошад [2].

Минтақаҳои таркибӣ (анклавҳо), фазои нисбатан худмухтор ва маҳдуд мебошанд, ки аз муҳити онҳоро иҳотакунанда аз нигоҳи хусусиятҳои бунёдиашон фарқ мекунанд. Минтақаҳои таркибӣ (анклавҳо) аз якдигар бо деворҳо (сарҳадҳо)-и зоҳирии иҷтимоӣ ҷудо буда, пояҳои устувори қолабҳои рафтор, маҳдудиятҳо ё ҳавасмандиҳои психологии таназзули сарҳадҳои байни ин гурӯҳҳоро пешгирӣ намуда, барои ҳифзи онҳо мусоидат менамоянд.

Навсозӣ (модернизатсия) дар саросари олам (аз ҷумла дар Тоҷикистон низ) аз ибтидо дар чунин сохторҳои таркибӣ — пойтахтҳо ва шаҳрҳои бузург оғоз гардида, то имрӯз дар ин сатҳ идома дорад. Шумора ва миқёси чунин минтақаҳо дар оянда метавонанд зиёд гарданд, аммо онҳо чун сохторҳои таркибӣ бояд боқӣ монанд ва ҳатмӣ нест, ки тамоми қаламрави кишвар яклухт замонавӣ гардад. Ҳеҷ як давлати абарқудрат дар назди худ чунин вазифаи иҷронашавандаро, яъне таъмини баробари тамоми қаламрави кишварро намегузорад. Дар тамоми давлатҳои муосир дар баробари сохторҳои таркибии замонавӣ (анклавҳо), минтақаҳои анъанавӣ ё куҳна боқӣ мондаанд, ки нияти аз байн рафтан надоранд ва баръакс бо шароит ва муҳити нав (замонавӣ) мутобиқ гардидаанд. Шаҳру ноҳияҳои хурди анъанавӣ, минтақаи замонавиро (пойтахти Тоҷикистон, Душанбе нисбат ба онҳо пешрафта мебошад), ки худ минтақаи канории раванди ҷаҳонишавӣ мебошад, бетағйир иҳота намудаанд. Чунин ҳолат дар Москва, ки онро вилоятҳои нисбатан ақибмонда иҳота менамоянд, Париж, Манхэттен, Лондон, Ню-Йорк ва ғайра, ки дар иҳотаи минтақаҳои африқоиҳо ва осиёиҳо қарор доранд, вуҷуд дорад [2].

Агар воридшавии минтақаҳои анъанавӣ ба муҳити замонавии хеш ҳатмӣ набошад, кафолати фарогирии тамоми ҷомеа аз тарафи минтақаҳои замонавӣ низ вуҷуд надорад. Ҳар як муҳит кӯшиш менамояд, ки минтақаҳои таркибии худро фаро гирад, аммо онҳо метавонанд муқовимати сахт нишон диҳанд. Маҳз дар натиҷаи чунин муносибатҳои мутақобилаи наву куҳна, сохтори гуногунтаркиби ҷомеа ба вуҷуд меояд. Ин сохторҳо, аз як тараф, метавонанд раванди мутобиқгардии ҷомеаро ба дастовардҳои муосири технологӣ (ба мисли минтақаҳои технологӣ ва инноватсионии Ҳиндустон ва ғайра) таъмин намоянд. Аммо, аз тарафи дигар, онҳо шароити мусоидро барои тақдиди ҳавасмандиҳои архаистӣ ба вуҷуд меоранд. Минтақаҳои таркибии ҷомеа бо истифода аз техника ва технологияҳои имрӯза пешравии иқтисодиро таъмин менамоянд. Бояд таъкид намуд, ки Хитой, Ҷопон, Кореяи Шимолӣ, Тайван, Сингапур, Ҳиндустон ва ғайра, намунаҳои равшани самаранокии ҷомеаи гуногунтаркиб ба шумор мераванд. Онҳо маҳз бо истифода аз таъмини муносибати анъанавии шаҳрвандонашон ба меҳнат, ба дастовардҳои назарраси иҷтимоӣ, иқтисодӣ, илмӣ, фарҳангӣ технологӣ, модернизатсионӣ, инноватсионӣ ва ғайра ноил гардидаанд [2].

Аз ин нуқтаи назар баррасӣ намудани минтақаҳои гуногунтаркиб чун падидаи мутазод, фарсуда ва маҳкумшуда, иштибоҳи илмӣ аст. Минтақаи гуногунтаркиб, тавре дар боло зикр гардид, барои ҷомеа на хуб аст ва на бад. Ҷомеаи гуногунтаркиб аз нигоҳи сифатҳои худ аз ҷомеаи яктаркиба бадтар нест. Илова бар ин, маҳз навъи ҷомеаи гуногунтаркиб бинобар як қатор сабабҳои муҳим, пеш аз ҳама, равандҳои муҳоҷиратӣ, дар замони муосир бартарии бештар пайдо менамояд.

Назария ва таҷрибаи ҷомеаи гуногунтаркиб ба андешаи ягонагии давлат зид нест. Аммо ягонагии чунин ҷомеа, ба маънои маҷмӯи гуногуннавъӣ, пайванди раванду падидаҳои мухталиф, на якшавӣ ва якатаркибии онҳо мебошад. Ин ягонагӣ аз тариқи таъмини инкишофи баробари онҳо, на муттаҳидсозии онҳо амалӣ мегардад.

Муносибатҳои унсурҳои гуногуннавъ дар низоми маъмулӣ мутобиқи амали қонуни фалсафии инкори инкор сурат мегиранд. Яъне, унсурҳои ба ҳам зид, дар натиҷаи ба ҳам таъсиррасонӣ омехта гардида, падидаи сифатан навро ба вуҷуд оварда, ҳамзамон хусусиятҳои аввалияи худро аз даст медиҳанд. Муносибатҳои мутақобилаи унсурҳои

мухталиф дар ҷомеаи гуногунтаркиб на боиси табдил ёфтани як шакл ба шакли дигар, балки инкишофи баробар, аммо ҳархелаи онҳо мегардад.

Аз нигоҳи сиёсӣ, минтақаҳои таркибӣ (анклавҳо) дар ҷомеаи гуногунтаркиб байни худ ба таври ғайримустақим алоқаманданд. Онҳо ба якдигар таъсир мерасонанд, аз ҳам вобастаанд, аммо як намешаванд ва сифатҳои навро аз ҳисоби гум кардани хусусиятҳои аввалаи худ пайдо намекунанд.

Таҷрибаи сиёсии бисёр кишварҳо исбот менамояд, ки таҳти таъсири омилҳои мухталиф, унсурҳои гуногун метавонанд яклухтиро ба вуҷуд оранд. Барои мисол, тарзу усул ва қоидаҳои рафтори русӣ, чеченӣ ва ингушӣ дар Қафқози Шимолӣ ба як тарзи умумии Шӯравӣ мубаддал нагашт, аммо ин барои таҷассуми ваҳдати онҳо дар чорчӯбаи ягонаи маъмурӣ-сиёсӣ халал нарасонид. Ё ин ки тарзу усули арабӣ ва фаластинӣ дар Исроил ҷаҳонро бо яклухтии худ дар ҳайрат нагузоштааст, аммо ҳарду ҷамоа ягонагии геополитикӣ ва маъмурӣ-сиёсиро ташкил медиҳанд. Айни чунин умумиятро дар ҳамзистии русҳо ва эстониҳо дар Ҷумҳурии Эстония ва русҳою латвиягиҳо дар Ҷумҳурии Латвия метавон мисол овард [2].

Дар тамоми мисолҳои дар боло зикршуда ягонагӣ ва тамомият аён аст, аммо ин ягонагӣ ба маънои яклухтӣ ва якрангӣ набуда, аломатҳо ва алоқаҳои умумӣ ва пайвандкунанда нисбат ба муносибатҳои фарқкунанда ва ҷудокунанда бартарӣ надоранд. Дар ин ҷо унсурҳои гуногуннавъ ҳамзистӣ намуда, дар айни замон худмухториашонро ҳифз менамоянд ва якдигарро аз байн намебаранд. Онҳо дар як муҳити умумии сиёсӣ ва маъмурӣ тақрибан баробар инкишоф меёбанд.

Минтақаҳои таркибӣ (анклавҳо) дар самт ва сатҳи гуногун инкишоф ёфта, метавонанд дар муддати тӯлонӣ қобилияти худмухтории сохторҳои таркибиашонро ҳифз намоянд. Онҳо дар ҷомеа падидаи номатлуб набуда, муносибатҳои анъанавӣ метавонанд вазифаҳои муҳимми танзимкунандаро иҷро намоянд. Барои мисол, муносибатҳои анъанавии қавмӣ ва қабилавӣ дар кишварҳои замонавии Қафқоз, Осиёи Марказӣ, Аврупои Ҷанубу Шарқӣ ва ғайра, дар амри ба тартиб даровардани раванди баъдии онҳо нақши бузург доранд. Ё кастаҳо* дар Ҳиндустон, ки ҳамчун унсурҳои таркибии ҳаёти сиёсии ин кишвар боқӣ мондаанд, дар танзими муносибатҳои мураккаби этникӣ ва сиёсиву фарҳангии он саҳми назаррас доранд. Инчунин, таъсири гурӯҳҳои этникии ба таври архаикӣ муташаккили Амрико ва баъзе кишварҳои Аврупои Ғарбӣ дар ҳаёти сиёсӣ ва амниятии ин давлатҳо меафзояд.

Дар ҷомеаи гуногуннавъ ҳукумат як минтақаро нисбат ба минтақаи дигар дастгирии бештар намуда, шароитро барои ғасб намудани як каста аз ҷониби кастаи дигар ба вуҷуд оварда наметавонад. Чунки равандҳои демократӣ ва таъсири ҷомеаи ҷаҳонӣ ба ин мамониат менамоянд. Ҷомеаи гуногунтаркиб муносибати баробарро нисбат ба тамоми шаклҳо ва анвои раванду падидаҳо, тақозо менамояд. Яъне, ҳар як сохтори таркибии ҷомеа вазифа ва нақши ба худ хосро доранд ва онро дар ҳамзистӣ бо сохторҳои миллӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, маъмурии дигар иҷро менамоянд.

Аксари элитаи кишварҳои собиқ Шӯравӣ (демократӣ ё зидди демократӣ, либералӣ ё зидди либералӣ, коммунистӣ ё зидди коммунистӣ, исломӣ ё зидди исломӣ ва ғайра), дар як вақт ҳам тафаккури «замонавӣ» доранд ва ҳам «анъанавӣ». Барои мисол, ҳангоми ҳалли масъалаҳои гирифтани қарзи бонкӣ ва қаллобиву ҷаллобии молиявӣ ба таври «замонавӣ» фикру амал мекунанд. Аммо дар амалияи идора намудани ҷомеа, вазорат ё идора на танҳо бо истифода аз роҳу усули расмӣ ва қонунӣ, балки бо такя ба хешовандон, авлоду аҷдод, ҳамшаҳриҳо, ҳамсинфон, ҷӯраҳо, ҳамҳизбиён ва ғайра, яъне ба таври «анъанавӣ» амал мекунанд [2].

* Каста — табақаи иҷтимоӣ дар Ҳиндустон ва баъзе кишварҳои дигари Шарқ, ки аз ҷиҳати насаб, касб, урфу одат, расму русум ва бартариҳояшон аз дигарҳо фарқ мекунанд. Новобаста аз таъмини баробариҳои конститутсионӣ, дар ин давлатҳо дар муошират ва зиндагии воқеӣ то имрӯз муносибатҳои нобаробар миёни намояндагони кастаҳои гуногун боқӣ мондаанд.

АДАБИЁТ

1. Многосоставные общества и демократические режимы //Полис. -1992. -№ 3; Демократия в многосоставных обществах. Сравнительное исследование. -М.: Аспект Пресс, 1997 (Lijphart A. Democracy in Plural Societies. A Comparative Exploration. New Haven: Yale University Press, 1977).
2. Нуриддинов Р.Ш. Сиёсати ҷаҳонӣ: китоби дарсӣ / Р.Ш. Нуриддинов, П.Р. Нуриддинов. - Душанбе: Эр-граф, 2016. -С. 81-89.
3. Алчите В.М. Политические проблемы международных экономических отношений / В.М. Алчите. М.: Восток—Запад, 2009.
4. Баталов Э.Я. Мировое развитие и мировой порядок / Э.Я. Баталов. - М.: РОССПЭН, 2009.
5. Богатуров А.Д. Современная мировая политика / А.Д. Богатуров. - М., 2010.
6. Богатуров А.Д. История международных отношений 1945 2008 гг. / А.Д. Богатуров, В.В. Аверков. -М.: МГИМО-Университет, 2009.
7. Боришполец К.П. Национальное измерение глобального мира / К.П. Боришполец. - М.: Навона, 2009.
8. Звягельская И.Д. Специфика этнополитических конфликтов и подходы к их урегулированию / И.Д. Звягельская. -М.: Навона, 2008.
9. Лебедева М.М. Мировая политика: учебник / М.М. Лебедева. -2—е изд., доп. и испр. -М.: Аспект Пресс, 2007.

ГУНОГУНТАРКИБИИ ҶАҲОН

Тасаввуротҳои назариявии ҷаҳонишавӣ ҳамчун ҳаракати ҷаҳон ба сӯйи якрангӣ, воқеияти гуногунрангии онро ба таври мукаммал инъикос намекунад ва имкон намедиҳад, ки мутобиқати шароити ин кишварҳоро ба қонунмандиҳои ҷаҳонишавӣ дуруст арзёбӣ намоем. Аз ин сабаб дар мақолаи илмӣ масъалаи таҳқиқи самти инкишофи ҷаҳонӣ аҳамияти аввалиндараҷа пайдо менамояд.

Калидвожаҳо: гуногунтаркиб, ҷомеа, ҷаҳонишавӣ, ғарбӣ, ғайриғарбӣ, минтақаҳои «анъанавӣ», минтақаҳои «замонавӣ», навсозӣ, минтақа, давлат.

МИРОВОЙ КОНГЛОМЕРАТ

Теоретические представления о глобализации как нарастающей однородности мира неполно отражают многообразие реальности и не позволяют приемлемо объяснить. В этой связи в научной статье значение приобретает вопрос о траекториях мирового развития, пункте его назначения.

Ключевые слова: конгломерат, общества, глобализация, западный, незападный, «традиционные» общества, «современные» общества, регион, государства.

WORLD CONGLOMERATE

Theoretical concepts of globalization as the increasing homogeneity of the world do not fully reflect the diversity of reality and do not allow for an acceptable explanation. In this connection, in the scientific article, the question of the trajectories of world development, the point of its destination, becomes important.

Key words: conglomerate, societies, globalization, western, non-Western, "traditional" societies, "modern" societies, region, states.

Сведения об авторах: ***Нуриддинов Р.Ш.*** **-** доктор политических наук, профессор, заведующий кафедрой международных отношений Таджикского национального университета. E–mail: **rshn1995@mail.ru**
Шарифи Д. **-** докторант факультета международных отношений Таджикского национального университета.
E–mail: **dalersharifi@gmail.com**. Телефон: **(+992) 901-08-00-99**

ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Ашурзода Ҷ.Х.
Донишгоҳи давлатии Қӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Шарҳи мазмуну мундариҷаи мафҳуми «экстремизми динӣ» аҳамияти назариявию амалӣ дорад. Зеро дарки моҳияти экстремизми динӣ имкон медиҳад, ки хусусиятҳои муҳимми падидаи мазкур возеҳу равшан гардонида шаванд. Инчунин, шарҳи мазмун ва баррасии моҳияти ин мафҳум имкон медиҳад, ки нисбат ба падидаи мазкур ва оқибатҳои он хулосаҳои илман асоснокшуда бароварда шаванд. Таҳлили адабиёти илмӣ нишон медиҳад, ки нисбат ба моҳияти «экстремизми динӣ» таърифҳои гуногун мавҷуданд. Бояд гуфт, ки дар навбати аввал, дар сатҳи зарурӣ ба омӯзиши масъалаи экстремизми динӣ, ба муайян намудани хусусиятҳои ин падида, ба паҳншавии андешаҳои экстремистӣ, ба пешгирии ин падидаи номатлуб сиёсатшиносон, ҳуқуқшиносон, файласуфон ва диншиносон машғул гардидаанд. Таҳлили адабиёти илмии соҳаҳои мазкури илм нишон медиҳад, ки намояндагони илмҳои мазкур нисбат ба моҳияти ин падида андешаи ягона надоранд. Чунин ҳолат оид ба хусусиятҳои экстремизми динӣ на танҳо ихтилофҳои назариявиро ба вуҷуд меоварад, балки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратӣ имкон намедиҳад, то ки бар зидди ин падидаи номатлуб ба таври бояду шояд мубориза баранд.

Албатта, барои шарҳи моҳияти экстремизми динӣ, пеш аз ҳама, моҳияти мафҳуми экстремизм бояд ба инобат гирифта шавад. Моҳияти экстремизм аз маънои этимологии он

сарчашма мегирад. Зеро ин мафҳум аз калимаи лотинии extremus пайдо гардида, маънояш «канорӣ» мебошад. Яъне, ҷонибдорӣ намудани андешаҳои канорӣ ва барои амалӣ намудани мақсадҳои сиёсии худ истифода намудани шаклҳои ғайриқонунии рафтори сиёсӣ (исёну ошӯб, қатлу ғорат, террор) рафтори экстремистӣ маънидод гардидааст [8, 265]. Бинобар ин, экстремизмро дар маҷмӯъ ҳамчун рафтори шахсони алоҳида, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва ё рафтори умумияти мушаххас маънидод намудан мумкин аст, ки ин навъи рафтор бо анъанаҳо, урфу одатҳо ва меъёрҳои ахлоқию ҷамъиятӣ мухолифат менамоянд. Бояд тазаккур дод, ки рафтори экстремистӣ танҳо бо фаъолияти инсон алоқаманд аст. Аз ин рӯ, ин навъи рафторро дар тамоми соҳаҳои фаъолияти инсонӣ дидан мумкин аст. Масалан, дар муносибати байни одамон, дар муносибат бо табиат, дар муносибатҳои тағйиротҳои ҷамъиятӣ, дар сиёсат, дар муносибатҳои динӣ ва ғ. Бояд ёдовар шуд, ки рафтори экстремистӣ ҳамчун рафтори агрессивӣ дар аксар ҳолат ҷиноят маҳсуб ёбад ҳам, он аз мафҳумҳои «ҷиноят» ва «агрессия» бо як қатор хусусиятҳои худ фарқ карда меистад. Масалан, рафтори агрессивӣ метавонад бошуурона ва бешуурона бошад, ҳол он ки рафтори экстремистии инсон доимо бошуурона аст ва он амалишавии мақсадҳои мушаххасро пайгирӣ менамояд. Бинобар ин, бо боварии комил гуфтан мумкин аст, ки экстремизм ҳамчун падидаи иҷтимоӣ танҳо хосси инсонҳо аст.

Дар энсиклопедияи сотсиологие, ки аз ҷониби олимони рус Г.Ю.Семигин ва В.Н.Иванов таҳия гардидааст, сабабҳои зоҳир гардидани рафтори экстремистӣ хеле хуб баён ёфтаанд. Ба андешаи онҳо «зоҳир гардидани экстремизм дар рафтори одамон, пеш аз ҳама, натиҷаи тарбияи нодуруст ва таъсири омилҳои беруна мебошад. Ғайр аз ин, дар замони муосир омилҳои зерини зоҳиршавии экстремизмро низ нишон медиҳанд:

– омилҳои равонию ахлоқӣ (эътироф накардани мавқеи дигарон), дар сатҳи зарурӣ баҳогузорӣ карда натавонистани муҳити атроф, дар зери таъсири омилҳои психологӣ қарор гирифтани шуури одамон ва тағйир ёфтани рафтори онҳо;

– омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ (беадолатии иҷтимоӣ, дараҷаи баланди бекорӣ, сатҳи пасти зиндагӣ);

– омилҳои идеологӣ (мавҷуд набудани идеяи умумимиллӣ ва дар ҷойи он арзи ҳастӣ намудани андешаҳои экстремистӣ);

– воқеаву ҳодисаҳо (низоъҳои ҳарбӣ, буҳронҳои иҷтимоӣ, фалокатҳои гуманитарӣ)» [9, 799]. Ғайр аз ин, дар адабиёти илмӣ омилҳои мазкурро ба се гурӯҳи калон ҷудо менамоянд: омилҳои иҷтимоию иқтисодӣ, фарҳангию маърифатӣ, сиёсию ҳуқуқӣ.

Ҳамзамон, барои шарҳи мафҳуми «экстремизми динӣ», инчунин мафҳуми дин низ бояд ба инобат гирифта шавад. Ҳар як дин, пеш аз ҳама, аз ду унсури асосӣ иборат мебошад: 1) маросим ва анъанаҳои мушаххас, ки дар шакли идеология ва мифология (таълимоти динӣ) зоҳир мегарданд; 2) пайравони анъанаҳои мазкур ва ташаккулдиҳандагони таълимоти динӣ. Давлат, ҷомеа ва мазҳабҳои мухталиф баъди рӯ ба рӯ гардидан бо падидаи экстремизм кӯшиш менамоянд, ки роҳи аз байн бурдани онро ҷустуҷӯ намоянд. Аммо падидаи экстремизми динӣ хеле мураккаб аст.

Одатан, дар миёни пайравони мазҳаби мушаххас пайравӣ намудан аз андешаҳои экстремистӣ ҳеҷ гоҳ рафтори экстремистӣ дониста намешавад. Баръакс, пайравони ин ё он мазҳаб онро ҳамчун нигоҳ доштани афзалияти мазҳаби худ, прозелитизм (ба мазҳаби худ даъват намудани пайравони дину мазҳаби дигар), муборизаи динӣ ва монанди инҳо мепиндоранд. Аммо аз тарафи давлат ва ҷомеа муносибатҳои оштинопазири дохили як дин ва ё фаъолнокии динии агрессивӣ, ки дар муқобили умумиятҳои дигари динӣ қарор гирифтааст ва устувории ҷамъиятию сиёсӣ вайрон месозад, ҳамчун рафтори экстремистӣ ва ё радикалӣ муаррифӣ мегардад [7, 22].

Яке аз муҳаққиқони масъалаи экстремизми динӣ А.П.Забияко дар таҳқиқоти худ моҳияти экстремизмро баҳои объективӣ додааст, ки андешаҳои то дараҷаи зарурӣ метавонанд барои ифодаи ин падидаи номатлуб истифода бурда шаванд. Ба андешаи ӯ, «экстремизми динӣ – навъи махсуси идеологияи динӣ ва ё фаъолияти диние мебошад, ки радикализми канорӣ хусусияти муҳимми онро ифода менамояд. Бинобар ин, экстремизми динӣ бо анъанаҳои ба тозагӣ пайдогардида муносибати оштинопазир зоҳир намуда, шиддати дохилии гурӯҳҳои динӣ ва гурӯҳҳои иҷтимоиро ба вуҷуд меоварад» [2, 1220]. Экстремизми динӣ дар бисёре аз мавридҳо бо ҷараёнҳои зерин асоснок карда мешавад: 1) дар натиҷаи радикализатсияи арзишҳо ва меъёрҳо дар дохили як мазҳаб (масалан, анабаптизм дар дини масеҳӣ, ваҳҳобия ва салафия дар дини ислом ва ғ.); 2) дар натиҷаи муттаҳид намудани таълимоти гуногун ва дар заминаи он ба вуҷуд овардани доктринаи ягона (Ал-Қоида, гурӯҳи бо ном «Давлати исломӣ», Толибон ва шохаҳои гуногуни онҳо). Ба таври пурра тағйир додани системаи арзишҳои динӣ ва қисман дигаргун намудани унсурҳои таркибии он мақсади асосии экстремизми динӣ мебошад. Бинобар ин,

экстремизми динӣ аз рӯйи мақсади худ дар ду шакли асосӣ зоҳир мегардад: экстремизми динии дохилимазҳабӣ ва иҷтимоӣ. Навъи якуми экстремизми динӣ бо таълимоти динӣ ва маросимҳои динии ба тозагӣ бавуҷудомада мухолифати шадид нишон дода, аз байн бурдани онҳоро мақсади худ қарор медиҳад. Навъи дуюми экстремизми динӣ тағйиротҳои диниро барои дигаргун намудани рафтори шахсони алоҳида ва барои тағйир додани шуури ҷамъиятӣ равона менамояд. Ҳангоми таҳлили ин ду навъи экстремизми динӣ мураккабии равандҳои динию сиёсиро эҳсос намудан мумкин аст. Аввал ин, ки экстремизми дохилимазҳабӣ, замоне ки бо ҳокимияти динӣ ва ё дунявӣ дар ҳоли бархӯрд қарор мегирад, оҳиста-оҳиста шакли худро тағйир дода, дар самти радикализатсияи ҷомеа фаъолияти худро ба роҳ мемонад ва дар натиҷа дар шакли эътирози иҷтимоӣ зоҳир мегардад. Барои амалӣ намудани чунин ҳадафи худ экстремизми динӣ истифодаи як қатор воситаҳои таъсиррасониро раво мебинад. Пеш аз ҳама, аз ҷониби онҳо дар ҷомеа рӯҳияи нигилистӣ, махсусан нигилизми ҳуқуқию сиёсӣ тарғибу ташвиқ гардида, эътироф накардани меъёрҳои динию дунявии мушаххас ба роҳ монда мешавад.

Чи хеле ки дар боло таъкид гардид, экстремизми динӣ яке аз шаклҳои фаъолияти экстремистӣ дониста шуда, доимо барои баланд бардоштани афзалияти худ нисбат ба рақибон ва зиёд намудани сафи пайравону ҷонибдорони худ кӯшиш менамояд. Вобаста ба шароит ва вазъияте, ки чунин навъи фаъолият амалӣ мегардад, он хусусияти идеологӣ мегирад. Ин аст, ки баъзан экстремизми динӣ, сиёсӣ ва миллиро ба осонӣ мушоҳида намудан мумкин аст. Тӯли солҳои охир олимону муҳаққиқон ва махсусан мақомоти қудратӣ дар муносибат бо фаъолияти экстремистӣ мафҳумҳои гуногунро истифода менамоянд. Аз ҷумла, экстремизми динию этникӣ, динию сиёсӣ, ташкилоти экстремистию террористӣ, гурӯҳҳои муташаккили ҷиноӣ ва ғ. ба онҳо мисол шуда метавонанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2003 Қонун «Дар бораи муборизa бар зидди экстремизм (ифротгароӣ)» қабул гардидааст, ки дар он муаллифони қонун экстремизмро баҳои умумӣ дода, бо чи сабаб бошад, ки шаклҳои алоҳидаи экстремизмро нишон надодаанд [4]. Махсусан, дар бораи экстремизми динӣ ҳамчун падидаи номатлуб ва дар бораи нишонаҳову оқибатҳои он ба таври мушаххас муқаррарот дида намешавад. Бо назардошти чунин вазъият, хуб мебуд, ки дар қонуни мазкур шаклҳои зоҳиршавии экстремизм ба таври мушаххас баён мешуданд ва дар атрофи экстремизми динӣ ҳамчун амали ифротӣ муқаррарот ҷойгир карда мешуд. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дониста мешавад ва дар минтақаи мазкур созмону ташкилотҳои экстремистию террористии дорои характери динӣ ба фаъолиятҳои пинҳонӣ машғул мебошанд. Бинобар ин, ба андешаи мо, ба амнияти миллӣ ва устувории сиёсии ҷомеа аз ҳама бештар таъсири омили исломӣ ва экстремизми динӣ зиёд аст.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар зери ниқоби экстремизми динӣ муборизa бурдан бо намояндагони дину мазҳабҳои гуногун, ҳадафмандона кӯшиши даст задан ба табаддулоти давлатӣ ва ғайриқонунӣ ғасб карда гирифтани ҳокимият, амалҳои баде мебошанд, ки аз ҷониби экстремистони динӣ зоҳир мегарданд ва мутаассифона, дар ин раванди носолим қисме аз пайравони дину мазҳаби муайянро метавонанд ҷалб намоянд. Мундариҷаи фаъолияти экстремистӣ ва махсусан экстремизми динӣ, аллакай, дар таркиби Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҷиноятҳои вазнин ворид шудаанд. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор амалҳои барои ҷомеа ва давлат хатарнок ҷойгир карда шудаанд, ки онҳоро ба таври зайл нишон додан мумкин аст: моддаи 179 «Терроризм», моддаи 179[1] «Ҷалб кардан барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва ё мусоидати дигар барои содир намудани онҳо»; моддаи 179[2] «Маблағгузории ҷиноятҳои хусусияти террористидошта»; моддаи 179[3] «Даъвати оммавӣ барои содир намудани ҷиноятҳои хусусияти террористидошта ва ё сафедкунии оммавии фаъолияти террористӣ»; моддаи 189 «Барангехтани кинаю адовати миллӣ, нажодӣ, маҳалгароӣ ва ё динӣ»; моддаи 307 «Даъвати оммавӣ барои бо роҳи зӯроварӣ тағйир додани сохти конститутсионии ҶТ»; моддаҳои 307[1-4] «Даъвати оммавӣ барои амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ)», «Ташкили иттиҳоди экстремистӣ», «Ташкили фаъолияти ташкилоти экстремистӣ», «Ташкили таълим ё гурӯҳи таълимии хусусияти динии экстремистидошта» [3].

Бояд гуфт, ки мутобиқи моддаҳои мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тӯли 10-15 соли охир фаъолияти шумораи зиёди созмонҳои экстремистию террористӣ мамнуъ эълон карда шудааст ва пайравони он пайваста ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванд. Айни замон аз ҷониби Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои зерин экстремистию террористӣ дониста шуда, фаъолияти онҳо дар қаламрави мамлакат мамнуъ эълон гардидаанд. «Ҳизб-ут-таҳрир», «Ал-Қоида», «Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ», «Ҳаракати исломии Ӯзбекистон», «Толибон», «Бародарони мусулмон», «Артиши

Тациба», «Ҷамъияти исломии Покистон», «Ҷамъияти таблиғ», «Ҷамоати Ансоруллоҳ», «Тоҷикистони озод», «Созмони таблиғот», «Салафия», «Гурӯҳи 24», «Давлати исломӣ (ДИИШ)», «Ҷабҳат-ан-нусра» [1]. Инчунин 29 сентябри соли 2015 «Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон» аз ҷониби Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон террористӣ эълон гардида, фаъолияти он дар қаламрави мамлакат мамнуъ эълон мегардад [10]. Амалҳои ҷиноии ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон намунаи равшани фаъолияти экстремистию террористии дорои характери динӣ мебошад. Зеро дар моҳи сентябри соли 2015 кӯшиши амалӣ намудани табаддулоти давлатӣ бо роҳбарии генерал Назарзода Абдуҳалим ва бо иштироки аъзоёни ҳизби мамнуи наҳзати исломии Тоҷикистон бори дигар гувоҳи он аст, ки экстремизми динию сиёсӣ хатаре мебошад, ки ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми давлату мамлакат таҳдид менамояд. Кӯшиши ба амал баровардани табаддулоти давлатии моҳи сентябри соли 2015-ро судяи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Азизов Ш.О. бо чунин далелҳо асоснок менамояд: «Ҳангоми баррасии ин парвандаи ҷиноӣ нақшаҳои тарҳрезишудаи ҳуҷуми ин гурӯҳҳои ҷинояткор ба иншоотҳои махсусан муҳими давлатӣ, аз утоқҳои кории муовинони раиси ҲНИТ Ҳисайнов Умаралӣ Фатоҳович ва Ҳаитов Маҳмадалӣ Раҳмонович, воқеъ дар суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Борбад 1 дарёфт шуданд. Тибқи нақшаи мазкур, бояд як гурӯҳи 40 – нафараи мусаллаҳ аз ду тарафи бинои Қасри миллат, як гурӯҳи 25 – нафара ба бинои Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, як гурӯҳи 30 – нафара аз се тарафи бинои Вазорати корҳои дохилӣ, як гурӯҳи 25 – нафара аз се тарафи бинои Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, як гурӯҳи 40 – нафара ба Фурудгоҳи шаҳри Душанбе ва дигар гурӯҳҳои ҷиноятӣ ба биноҳои Вазорати мудофиа, Раёсати муборизаи зидди ҷиноятҳои муташакили ВКД ҶТ, Кумитаи телевизион ва радио, Шабакаи якуми телевизиони Тоҷикистон, ТВ «Баҳористон», Раёсат ва шуъбаҳои ВКД дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе ва шуъбаи корҳои дохилии шаҳри Ваҳдат ҳуҷуми мусаллаҳона анҷом медоданд. Ин магар наметавонад асос барои бастани фаъолияти ҲНИТ гардад»? [11] Ба андешаи мо, сабабҳои асосии даст задани аъзоёни Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон ба чунин ҷинояти сиёсӣ, майлу хоҳиши ғасб намудани ҳокимият, тағйир додани сохтори конститутсионии давлат, иҷро намудани супориши хоҷагони хориҷӣ ва умуман бо роҳи ғайриқонунӣ амалӣ намудани мақсадҳои сиёсии онҳо мебошад, ки чунин амалҳои тахрибкорона хилофи манфиатҳои миллии мамлакат мебошад. Чунин ҳолатро ба инобат гирифта, 8 июни соли 2016 Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ дар ҷаласаи навбатии худ, ки дар шаҳри Ереван баргузор гардида буд, Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистонро расман дар феҳристи ташкилотҳои террористии байналхалқӣ шомил намуд [6].

Тибқи маълумотҳои расмӣ ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пайравони созмону ташкилотҳои экстремистию террористӣ дастгир шуда, ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида мешаванд. Масалан, танҳо дар соли 2011 зиёда аз 50 бунёдгароии исломӣ, ки дар лагерҳои таълимии Покистону Афғонистон омода гардидаанд, дастгир ва ҷавобгарӣ кашида шудаанд. Дар аввали сол дар вилояти Суғд 11 нафар аъзоёни фаъоли ташкилоти экстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир» дастгир гардидаанд, ки аз миёни онҳо ду нарафшон шаҳрвандони Ӯзбекистон мебошанд. Додгоҳ онҳоро барои барангехтани бадбинии динӣ, нажодӣ ва миллӣ, барои даъвати оммавӣ ба фаъолияти экстремистӣ, зӯроварона забт карда гирифтани ҳокимият, вайрон намудани сохтори конститутсионии давлат, барои ташкили гурӯҳи экстремистӣ, барои ҳамроҳ гардидан ба сафи созмону ташкилотҳое, ки фаъолияти онҳоро додгоҳ манъ намудааст, гунаҳкор дониста шуда, аз 3 то 20 сол аз озодӣ маҳрум гардонида шудаанд. Дар охири моҳи марти соли 2011 боз 11 шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пайвастан ба сафи ташкилоти экстремистии «Ҳизб-ут-таҳрир» ба ҷавобгарии ҷиноӣ кашида шуда, аз 4 то 20 сол аз озодӣ маҳрум гардонида шудаанд. Тибқи маълумотҳои прокуратураи вилояти Суғд дар соли 2010 дар муносибат бо 90 нафар пайравони ташкилотҳои экстремистӣ парвандаи ҷиноӣ боз карда шудаанд, ки дар миёни онҳо 42 нафарашон аъзои «Ҳизб-ут-таҳрир» мебошанд [5, 68].

Чи гунае ки аз баррасиҳои боло маълум гардид, рафтори экстремистии пайравони ин ё он дин ҳамчун амали экстремистӣ ва фаъолияти созмони экстремистии динӣ маънидод мегардад. Бинобар ин, экстремизми динӣ амали тахрибкоронае мебошад, ки ҳадафмандона тарҳрезӣ гардидааст. Дар шароити муосир, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдидҳои гуногун пайдо гардида истодаанд, гурӯҳҳои экстремистию террористӣ аз ҷониби як қатор давлатҳо ба вуҷуд оварда шуда, барои ҳимояи манфиатҳои миллии онҳо истифода бурда мешавад.

АДАБИЁТ

1. Верховный суд: в Таджикистане запрещены еще 4 террористические организации [Электронный ресурс]. URL: http://ru.sputnik-tj.com/defense_safety/20150713/1015985687.html (дата обращения: 02.12.2017 г)
2. Забияко А.П. Экстремизм религиозный. Религиоведение. Энциклопедический словарь. –М.: Академический проект, 2006. – 1245 с.
3. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Кодекси амалкунанда. Санаи қабул: 15.06.2004 / Ахбори Мағлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қонуни ҶТ аз 28.08.2017 с., №1467
4. Ќонуни Љумњурии Тољикистон дар бораи мубориза бо экстремизм (ифротгарої). Ќонуни амалкунанда. Санаи ќабул: 8.12.2003 / Ахбори Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон. Ќонуни ЉТ аз 27.11.2014 с., № 1146.
5. Лаумулин М. Религиозная ситуация и угроза религиозного экстремизма в Центральной Азии / М.Лаумулин // Центральная Азия и Кавказ. Том 15. Выпуск 1. 2012. –С.60-79.
6. ОДКБ официально объявила ПИВТ террористической организацией [электронный ресурс]. URL: https://eadaily.com/ru/news/2017/09/06/odkb-oficialno-obyavila-pivt-terroristicheskoy-organizaciey (дата обращения: 29.11.2017)
7. Плужников Е.Н. Религиозный экстремизм в современной России: проблемы теоретической интерпретации и политической практики: дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / Е.Н.Плужников. –М., 2010. –166 с.
8. Политологический словарь-справочник / Авторы-составители: Д.Е. Погорелый, В.Ю. Фесенко, К.В. Филипов. – Ростов н/Д: ООО «Наука-Спектр», 2008. – 320 с.
9. Социологическая энциклопедия. В 2 т. Национальный общественно-научный фонд / Г.Ю.Семигин, В.Н.Иванов. – М.: Мысль, 2003. Том 2. – 863 с.
10. Решение Верховного суда о прекращении деятельности ПИВТ [Электронный ресурс]. URL: http://ru.sputnik-tj.com/spravka/20150930/1016935817.html (дата обращения: 20.11.2017)
11. То табаддулот се рӯз монда буд [маводи электронӣ]. URL: http://mvd.tj/index.php/tj/masoili-mubram/16208-to-tabaddulot-se-r-z-monda-bud (санаи истифодабарӣ: 25.11.2017)

ЭКСТРЕМИЗМИ ДИНӢ: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ОН

Дар мақолаи мазкур муаллиф ба омӯзиши мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои экстремизми динӣ машғул гардида, нишонаҳои фарқкунандаи онро муайян намудааст. Ҳамчунин дар асоси таҳлили маълумоти мавҷуда ва адабиёти илмӣ мақсади пешбурди фаъолияти экстремистӣ нишон дода шудааст. Муаллиф таъкид менамояд, ки экстремизми динӣ ва созмонҳои экстремистию террористӣ ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми мамлакат таҳдид менамоянд.

Калидвожаҳо: экстремизм, экстремизми динӣ, радикализм, нигилизми ҳуқуқӣ, прозелитизм, ташкилоти экстремистӣ, созмонҳои террористӣ.

РЕЛИГИОЗНЫЙ ЭКСТРЕМИЗМ: ПОНЯТИЕ, СУЩНОСТЬ И ЕГО ОСОБЕННОСТЬ

В данной статье автор изучает понятию, сущности и особенности религиозного экстремизма и на основе такого анализа определяет основные черты этого феномена. Также в статье на основе анализа научной литературы и существующих данных показана цель реализации экстремистской деятельности. Автор отмечает, что религиозный экстремизм и экстремистско-террористические организации угрожают жизненно важным интересам страны.

Ключевые слова: экстремизм, религиозный экстремизм, радикализм, правовой нигилизм, прозелитизм, экстремистская организация, террористические организации.

RELIGIOUS EXTREMISM: CONCEPT, ESSENCE AND ITS PECULIARITY

In this article the author studies the concept, essence and features of religious extremism and on the basis of such an analysis determines the main features of this phenomenon. Also in the article on the basis of the analysis of scientific literature and existing data the goal of realization of extremist activity is shown. The author notes that religious extremism and extremist-terrorist organizations threaten the vital interests of the country.

Key words: extremism, religious extremism, radicalism, legal nihilism, proselytism, extremist organization, terrorist organizations.

Сведения об авторе: ***Ашурзода Джамшеди Хуршед*** **-** Курган-Тюбинский государственный университет им. Носира Хусрава, соискатель кафедры философии и политологии

МИЛЛАТГАРОӢ ВА ТЕРРОРИЗМ: ҲОЛАТҲОИ ПАЙВАСТ ВА ҶУДОӢ

Раҷабов Б. Т.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Яке аз масъалаи муҳим ва рӯзмарра дар доираи таҳқиқоти сиёсӣ таҳлилу омӯзиши масъалаи миллатгароӣ ва алоқамандии он бо терроризм мебошад. Дар шароити ҳозира миллатгароӣ хосиятҳои гуногун дошта, дар аз ҷониби доираҳои илмӣ ва гурӯҳҳои академӣ мавриди пажӯҳиши васеъ қарор гирифтааст. Бо вуҷуди ин, дар бораи ин падидаи муҳимми ҳаёти сиёсӣ то ба ҳоло ба таври зарурӣ таҳқиқоти мушаххас анҷом нагирифтааст. Масъалаи асосӣ баррасии раванди миллатгароӣ, бахусус, миллатгароии иртиҷоӣ аз нигоҳи сиёсӣ ба шумор меравад. Бо дарназардошти ҳолати зикрёфта ҳар як муҳаққиқро лозим меояд, ки, пеш аз ҳама, дар нисбати масъалаи мазкур мавқеъ, муносибати методологӣ ва методҳои мушаххаси таҳқиқро муайян намояд.

Яке аз масъалаҳои нав ва рӯзмарраи таҳқиқоти сиёсӣ таҳлили мушкилоти сиёсии иртиҷоӣ ба ҳисоб меравад. Дар замони имрӯза дарки деструктивии (канора) масъала ба таври васеъ ва ба таври умумӣ истифода мешавад. Бо вуҷуди ин, падидаи мазкур то имрӯз дар сатҳи зарурӣ мавриди таҳлил ва хулосагирӣ қарор нагирифтааст.

Масъалаи асосӣ ва марказиро зуҳури миллатгароии радикалӣ ва хусусиятҳои гуногуни вай аз нигоҳи деструктивии сиёсӣ ташкил менамояд. Бори аввал мафҳуми деструктив ҳамчун мавҷудияти агрессияи нобудкунанда аз тарафи олими немис Э. Фромм баён ёфтааст. Ӯ дар асари «Анатомияи инсони деструктивӣ» (1973) ба таҳқиқоти матнӣ таҳлили равониро дохил кардааст. Ҳангоми гузаронидани таҳлил ба хулосае омадааст, ки шикасти системаи сиёсӣ дар ҳаёти инсоният худро ҳамчун «шавқманд дар раванди ҳукмрони дилхоҳ нисбат ба дигар мавҷудоти зинда ва ё хоҳиши нобуд кардан доранд», ба вуҷуд меояд. Бо андешаи Э. Фромм хоҳиши вайронкунӣ дар андозаи маъниҳо аз усулҳои мушаххаси иҷтимоӣ вобаста мебошад. Дар он имкониятҳои дур сохтани зӯроварӣ нисбат ба инсон ҷой дорад [11, 251].

Бинобар ин, деструктивият ҳамчун нобуд кардани зӯроварӣ хусусияти иҷтимоӣ дошта, ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ баромад менамояд. Тавре ки таҷрибаи умумӣ нишон медиҳад, он дар ҷараёни мавҷудият дар раванди сиёсӣ қарор мегирад. Муносибатҳои деструктивӣ, аз назари мо ва гурӯҳи махсуси этнополитикҳо, мавҷудияти хусусияти вайронкорӣ дар доираи муносибатҳои байналхалқӣ мебошад. Деструктив ҳамчун падидаи этнополитикӣ ифодаи хешро дар этносепаратизм (ҷудоихоҳии умумиятҳои миллию этникӣ), моҷароҳои байналхалқӣ, инчунин дар сиёсати миллию этникӣ пайдо менамояд. Таҷрибаи сиёсӣ ва таърихӣ нишон медиҳанд, ки деструктиви этникӣ дар худ мавҷудияти неруи вайронкунанда, манфиатҳо ва талаботи ақаллиятҳои миллию этникиро таҷассум менамояд. Маълум аст, ки дар раванди барҳӯрди муносибатҳои миллию этникӣ ва моҷароҳои этникӣ ва қавмӣ ҳазорҳо ва ҳатто миллионҳо нафар шаҳрвандони умумиятҳои гуногуни иҷтимоӣ ҷони худро аз даст медиҳанд.

Ҳамин тавр, сиёсати тоталитарӣ миқдори зиёди одамон, умумиятҳои иҷтимоӣ ва миллату халқиятҳоро нобуд мекунад. Падидаи этникӣ худ ба худ дар муносибат бо деструктивият ба вуҷуд намеояд. Чуноне ки маълум аст, миллатгароӣ дар мувофиқат бо сиёсати этникӣ дар ҳамбастагӣ қарор дорад. Тавре ки Э. Геллнер қайд менамояд: «Миллатгароӣ, пеш аз ҳама, принсипи сиёсате мебошад, ки дар он бояд сиёсат ва миллати ягона мувофиқат намояд». Шакл ва намудҳои мушаххаси мавҷудияти миллатгароӣ (пеш аз ҳама, шакли деструктивӣ) дар ҳаёти воқеӣ дар ҳамбастагӣ бо усулҳои мушаххаси «муттаҳиди»-и этнос ва умумиятҳои қавмӣ қарор дорад.

Дар фаҳми замони нав дарки миллатгароӣ ҳамчун падидаи мушаххаси сиёсӣ, этникӣ ва маданӣ мақоми давлатро дар иерархияи миллат-халқ ҳимоя менамояд. Пас, миллатгароии радикалӣ ҳамчун ҳодиса ҳолати пайдоиши деструктивӣ дошта, унсури ҷомеаи сиёсӣ буда, таҷрибаи воқеии сиёсиро ба таври пайваста бо номувофиқии сиёсати ягона бо манфиатҳои умумиятҳои миллию этникӣ ифода менамояд.

Имрӯз дар ҷаҳон 194 давлат аъзои СММ мебошанд, ки онҳо ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ баромад менамоянд. Дар ин пайвастагӣ, дар олам тақрибан 8000 забонҳои миллию этникӣ мавҷуд аст. Тавре ки маълум аст, забон яке аз муҳимтарин унсури маданияти этникӣ-миллӣ ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин миллатгароии радикалӣ қобилияти воқеӣ гардонидани принсипи ягонаи маданияти этникӣ ва давлатиро надорад, ки дар худ намуди деструктивӣ ва зӯровариро қабул намояд. Роҷеъ ба назари дигари Э. Геллнер метавон гуфт, ки миллатгароии радикалӣ дар он зоҳир мегардад, ки миллат ва давлат барои якдигар муайян карда шудааст ва яке бе дигаре вуҷуд дошта наметавонад. Вайрон кардани принсипи мутобиқати миллат ва давлат табақаи этноси простантҳоро ба вуҷуд меорад, то он ҷое, ки эҳсоси миллиро таҳқир менамояд. Миллатгароии радикалӣ як давлати этникӣ, ҳудуди сиёсии ягона дошта, ҳеҷ гоҳ амалӣ гашта наметавонад. Аксарияти миллӣ ба ҳайси «умумияти миллии ягона» баромад карда метавонад. Бинобар ин, танҳо дар ҳамон ҳолате давлат танҳо аз як умумияти этникӣ таркиб ёфта бошад ва ақаллиятҳои дигар омехта гашта бошанд, барои ин миқдори зиёди ташаккули ҳолати муқовимат ва вайрон кардани муносибатҳоро консепсияи «этномиллат» дар худ таҷассум менамояд ва сиёсатро дар фаъолияти деструктивӣ нишонадор менамояд [5, 54].

Ба мушкилиҳои деструктивии сиёсӣ баргашта, бояд қайд кард, ки агрессияи вайронкунанда ҳамон вақте пайдо мешавад, ки дар шакли муайян даровардани усулҳои давлатӣ, миллӣ дар доираи муносибатҳои байналхалқӣ мухолифати махсус -«моҷарои баробар» ба вуҷуд ояд. Ин мухолифат натиҷаи муносибатҳои маънавӣ, васеъ гардидани муносибатҳо, меъёрҳо ва арзишҳои системаи пешина, ки ба фаъолият ва ҳаёти этносҳо дахл дорад, ба ҳисоб меравад. Барои ҳамин миқдори зиёди маргиналии этникӣ дар

марҳилаи баробарии мухолифатҳо баромад менамояд. Дар чунин вазъият сафарбарнамоии сиёсӣ пайдо мегардад, ки онро гурӯҳҳои этникӣ барои манфиатҳои хеш, ташкилотҳо ва роҳбарони онҳо, аҳолие, ки барои сохтани режими сиёсии марбут ба этноси муайян кӯшиш менамояд, барои манфиатҳои хеш истифода мебаранд.

Ба миқдори деструктивии этносҳо назар намуда, фаъолнок ва умуман миллатгароии радикалӣ ҳамон вақте пайдо мегардад, ки «тартиботи миллӣ» як навъи мухолифати асосиро таҷассум менамояд. Миллатгароӣ дар муборизаи барои ҳудудҳои давлатию сиёсии қонунии хеш равона гардида, намуди зӯроварӣ ва таҷовузгаронаро ба вуҷуд меорад.

Дар чорчӯбаи таҳқиқоти мазкур андешаи ягона дар таҳлили деструктивии миллатгароии этникӣ ҳамчун мавҷудияти ҳаёти сиёсӣ баромад менамояд. Миёни онҳо намудҳои миллатгароӣ, шаклҳои ташкилотҳои давлатии он, навъҳои муттаҳид намудани гурӯҳҳои сиёсӣ ва миллӣ, аз ҷиҳати равонӣ - сиёсӣ пур кардани он, шаклҳо ва методҳои мушаххаси фаъолияти сиёсӣ ва ғайра фаъолият менамоянд. Ҳамаи ин масъалаҳо ба як раванди таҳқиқот равона гардидаанд ва ба омӯзиши мушкилотҳои сиёсати деструктивӣ нисбат ба миллатгароӣ мепардозад.

Бинобар ин, дар назарияи сиёсии муосир чунин табақабандиҳои миллатгароӣ, ба монанди либерализм, консерватизм, зиддимустамликавӣ ва экспансионӣ мавҷуданд, ки танҳо охирин экспансионизми миллатгароӣ ҳамчун деструктиви «агрессивӣ» ва «ҷангӣ» вобаста ба мавҷудияти худ қабул карда мешавад. Чунин назар ба ғояи миллатгароӣ ва идеологияи он асос меёбад. Ҳамон тавр ки сухан дар бораи заминаҳои идеологии деструктивӣ, ҳаракатҳо ва гурӯҳҳо меравад, ба андешаи як қатор муҳаққиқон ғояҳои мушаххас, аз қабили миллӣ - иҷтимоӣ, радикалҳои чап, динию исломӣ ва ҳатто либералӣ мавҷуданд. Ба назар мерасад, ки дар муносибатҳои хориҷӣ якчанд ғояи муттаҳидкунанда лозим аст. Ин маънои дифо аз консерватизм, ё ин ки баръакс, радикалӣ мебошад, аммо ҳузури он дар ҳаёт боиси ба вуҷуд омадани таҷовуз мегардад, ки қобилияти иваз кардани худи инсонро дорад.

Ба таври дигар, идеологияи сиёсӣ, ки миқдори зиёди ташкилоти деструктивӣ ва мавҷудияти рӯҳӣ - идеологии тоталитаризм ва даъвои ҳокимияти мутлақ будани онро дорад, фаро мегирад. Дар фаъолияти ташкилотҳои деструктивӣ як қатор воситаҳо ва технологияҳо истифода мешаванд. Миёни онҳо ташкилоти давлатӣ муборизаҳои этникӣ, фаъолияти терроризм, роҳандозӣ ба раванди сафарбарнамоии сиёсӣ, фаъолияти идеологии популятсионӣ дар шаҳрвандон бо истифодаи технологияҳои иттилоотии муосир, ба шакли муайян даровардани миллатгароии этникӣ «пайдоиши агентҳо» асос меёбад. Технологияи сиёсии миллатгароии радикалӣ, аз рӯйи нуқтаи назари миллатшиноси франсуз Шарл Морра ғояҳои фанатикӣ, авлавият ва шуҳрати миллатро ба вуҷуд меорад, канорачӯии умумиятҳои миллӣ ва ақаллиятҳои таърихии тоталитариро тавсиф менамояд.

Дар ҷомеа падидаву равандҳо ва ҷараёнҳои сершумори сиёсиву иҷтимоӣ мавҷуданд. Зуҳури ҳар яки онҳо боиси сар задани фикру мулоҳиза, таҳлилу тавсиф ва назариёти гуногун мешавад. Гарчанде баъзеи онҳо муддатҳои зиёд аст, ки мавзӯи баҳси илмҳои гуногуни ҷомеашиносӣ мебошанд, аммо ҳанӯз ба таври комил таҳлилу баррасӣ нашудаанд. Терроризм дар радифи он падидаест, ки ҳанӯз маъною мафҳуми воҳиди он маълум нест. Бахусус, терроризми миллатгаро.

Амалиётҳои террористӣ, махсусан, терроризми миллӣ, дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI хеле афзоиш ёфтаанд. Аз соли 1970 то соли 1980 дар тамоми дунё 1814 амали террористӣ анҷом ёфта бошад, аз соли 1980 то 1986 шумораи онҳо ду баробар афзуд [10, 50].

Терроризм дар шаклу намудҳои гуногун амалӣ мешавад: таҳдидҳои бевосита дар вақти муборизаи сиёсӣ; зӯроварӣ нисбат ба шахсони гуногун ва махсусан, ходимони давлатӣ ва ҷамъиятӣ; ба гарав гирифтани шахсони гуногун бо мақсадҳои муайян; рабудани ходимони давлативу сиёсӣ ё куштани онҳо; талаби пул ва воситаҳои дигари ҷалби моддиву молиявӣ ва коммуникатсионӣ; озод намудани маҳбусони сиёсӣ; муваффақ гаштан ба вазъияти умумии террор; душманӣ ангехтан байни ду давлат; паст намудани эътибори ҳокимият.

Терроризм дар навъ ва шаклҳои гуногун зоҳир мегардад. Дар таснифоти терроризм ба эътибор гирифтани ҳадафҳои он аҳамияти муҳим дорад. Вобаста ба ин хосият терроризмро ба ду навъи асосӣ ҷудо мекунанд:

- дохилӣ: ба вуҷуд овардани бетартибиҳо дар минтақаҳои гуногуни як давлат, ҳизбҳоро ба ҳам ангехтан, паст намудани эътибори ҳокимият ва боварии мардум нисбат ба он;

- берунӣ: суст намудани робитаҳои байналхалқӣ, байнидавлатӣ, ба вуҷуд овардани моҷароҳо байни минтақаҳо, фишор ба шахрвандони давлатҳои дигар [3, 76].

Имрӯз терроризми миллатгаро аз ҷониби ҳар як сиёсатмадор ва муҳаққиқ ҳар навъ маънидод карда мешавад. Маҳз ҳамин омил раванди баҳамоии давлатҳоро баҳри мубориза алайҳи падидаи мазкур мушкил месозад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, тамоми сохторҳо ва марказҳои омӯзишӣ рӯ ҷониби он овардаанд. Мисоли барҷаста фаъолияти Департаменти давлатии ИМА ва якчанд давлатҳо ва ташкилотҳо шуда метавонад. Аз ҷумла Ироқ, Эрон, Либия, Судон, Кореяи Шимолиро дар даст доштан ба амалҳои террористӣ ва роҳ додани террористон дар ҳудуди кишвари худ айбдор сохтаанд. ИМА бо ин роҳ муборизаи зиддитеррористии худро ҳамроҳ бо дигар давлатҳо асоснок менамояд.

Дар доираи ҳисси миллатгароӣ мафҳуми «бехатарии маънавӣ» тавлид гардидааст ва ҳамзамон бехатарии мутақобилаи «маданияти этносҳо» ба миён омадааст. Новобаста аз он, ки моҳияту мазмуни падидаи мазкур муайян мешаванд ва онҳо душворанд, вале самти онҳо дар фаъолияти ин ё он шахс ва субъекти дигар муайян мешавад. Ин дастур хосияти маҳдудиятпарастиро дорад. Ё ба таври дигар, зиддияти байни меҳнат ва сармоя (капитал), ки дар ягон давра аз байн нарафтааст, танҳо ҷой иваз кардани он бо миллият дар сатҳи глобалӣ ба амал меояд. Давлат дар зиддияти байни онҳо ба монанди меҳвари кандашуда боқӣ мемонад.

Таҳия ва омӯзиши падидаи миллатгароӣ ҳамчун доктрина, ҳамчун сиёсат ва ҳиссиёти оммавӣ ҳамеша васеъкунии соҳаҳои таҳқиқотро тақозо мекунад. Аз ин лиҳоз, ин падида дар навбати худ, метавонад ба масъалаҳои асосӣ, аз ҷумла сиёсат талаботҳои навро дар бобати таҳқиқи нав ва нигоҳи нав ба вуҷуд оварад. Агар назарияи миллатгароиро қабул намоем, пас миллатгароӣ аз ташаккулдиҳии ғояҳо шурӯъ гардида, ба ҳиссиёти умумӣ табдил ёфта, ҷамъиятро фаро мегирад ва онро идора мекунад. Аммо назарияи мазкур боз камбудиҳои худро дорад. Дар баъзе ҳолатҳо мақсади комил доштани ҳаракати сиёсии миллатгароӣ бояд аз берун низ ворид карда шавад.

Терроризми миллатгароӣ дар шароити имрӯза дар ҷаҳон хеле васеъ паҳн гаштааст. Терроризми миллатгароӣ дар гурӯҳҳои террористие, ки ҷиҳати ба даст овардани истиқлолият ё аз дасти гурӯҳҳое гирифтани ҳокимият дар сиёсати дохилии ягон кишвар, ё таъмини бартарияти як миллат бар миллати дигар дар дохили кишвар ба амал меояд. Терроризми миллатгароӣ дар ду самт фаъолият мекунад:

Дар қисмати аввал муборизаи гурӯҳҳои сиёсӣ аз ақаллиятҳои миллӣ мебошад, ки аксаран тавассути мафкураи динӣ барои таъсиси давлати худ, бо ба даст даровардани мухторият ё ҳадди ақал барои таъмини ҳуқуқи баробар дар муқоиса бо миллати дигарро доранд. Вобаста ба хусусиятҳои хосси худ, асосҳои мафкуравӣ, гурӯҳҳои мақсаднок ташкил меёбанд, ки асоси фаъолияти ин гурӯҳҳои террористӣ таҳдид ба намояндагони ҳукумат (шахсони мансабдор, хизматчиёни ҳарбӣ, кормандони милитсия, судяҳо, сиёсатмадорон ва ғайра) буда, дар доираи муносибат бо миллатҳои дигар аз назари душманона назар мекунанд.

Дар ин давра ҳамчунин ташкилоти ҳуқуқии миллатгароёни католикии Ирландия бо номи “Шин Фейн” ба муқобили амалҳои террористӣ дар сиёсати давлатӣ ба амал омад. Дар амалия ин ташкилот расман дар моҳи сентябри соли 2005 ба таври васеъ дар бораи худ маълумот дод. Гурӯҳи дигари террористии миллатгароёни испанӣ «Эускади та Аскатасуна» мебошад, ки аслан маънои "Баски кишвар ва озодӣ» ё ЕТА аст. Ҷудоихоҳии онҳо реша дар асрҳои миёна дорад. Аз нимаи дуюми асри XX фаъолияти ин ҷангиён, ки ба хотири ба даст овардани истиқлолият, асолати забон ва фарҳанг буд, афзуд ва нақши бештар муҳим мебозид.

Дар соли 1962 ЕТА ҳамчун як ҳаракати инқилобӣ бунёди давлати мустақили баскҳо - Эскуадиро, ки бояд аз се вилояти Испания ва ҷануби Фаронса ташкил мешуд, эълон кард. Дар ибтидо, вақте ки фаъолияти созмон таҳти роҳбарии диктатураи фашистии кишвар, муборизаи мусаллаҳи худро ба муқобили умумиятҳои миллӣ ва иҷтимоии дигар равона намуда буданд.

Мутаассифона, созмонҳое, ки тамоили террористии миллатгаро доранд, маҳдуд нестанд. Дар ҷаҳон бисёр гурӯҳҳои махфии ҷиноятии этно-ҷудоиталабон ҳастанд. Масалан, артиши озодшавӣ аз Квебекҳо дар Канада, курдҳо дар Туркия, озодии Корсика дар Фаронса, ТОТИ - ташкилот барои ташкили давлати мустақили Шри-Ланкаро метавон ҳамчун ҳаракати террористӣ тазаккур дод. Ба ғайр аз ин, ташкилотҳои террористии дашнакҳои Арманистон ва АСАЛА пайдо шуданд. Онҳо хосияти иртиҷоӣ доштанд.

Дар муборизаи зидди терроризм миёни мамлакатҳо ҳамоҳангӣ, фаҳмиши ягона ва иттиҳод вуҷуд надорад. Кам нестанд ҳодисаҳое, ки ягон давлат гурӯҳҳои ҷудоихоҳи дар дохили мамлакати худ амалкунандаро гурӯҳҳои террористӣ эълон месозад ва ба рағми

онҳо мубориза мебарад, ҳамзамон дигар давлат мекӯшад онҳоро ба манфиати худ истифода бикунад. Чунончи, Русия ҷудоихоҳони чеченро гурӯҳҳои террористӣ эълон дошта буд ва якчанд сол алайҳи онҳо муборизаҳои мусаллаҳона мебурд. Айни замон ба идомаи муборизаи чеченҳо зидди Москва Амрико манфиатдор аст.

Замоне ки Русия чудоихоҳони чеченро террорист мешуморид, Амрико онҳоро муборизони роҳи озодии Ватан эътироф менамуд. Агар чеченҳо иқтидори пурзӯреро соҳибанд ва модоме ки онҳо амалиёти гуногуни террористиро содир мекунанд, он бе нишондод ва дастури Амрико буда наметавонад. Аммо, чаро Амрико муборизаи халқи Фаластинро дастгирӣ намекунад, баръакс, муборизони Фаластинро террорист эълон медорад. Хитой ҷудоихоҳони Синзянро гурӯҳҳои террористӣ эълон кард ва нисбат ба онҳо мавқеи қотеъонаро ишғол намудааст. Агар онҳо ягон вақт ба муборизаи зидди ҳокимияти марказӣ бархезанд, яқин Амрико онҳоро чун муборизони роҳи истиқлолу озодӣ дастгирӣ хоҳад кард, зеро заифшавии ҳукумати марказии Хитой ба доираи манфиатҳои геополитикии Амрико дохил мешавад. Дастгирии ҷудоихоҳони кашмирӣ дар мубориза ба муқобили ҳукумати Деҳлӣ аз ҷониби Исломобод на ба хотири дастгирии гурӯҳҳои исломии Кашмир, балки ба хотири ҳадафҳои сиёсиву геополитикии худаш сурат мепазирад.

Бо рӯйдодҳои 11 сентябр вазъи сиёсии ҷаҳон ба куллӣ тағйир ёфт ва масъалаи мубориза бо терроризм дар сатҳи мукаммалтару ҳамаро фарогиранда ба вуҷуд омад. Мубориза алайҳи терроризм, агарчи сард нест, вале ба «ҷанги сард», ки то соли 1991 идома дошт, шабоҳат дорад [2, 70].

Баъди амалиётҳои террористии сентябри соли 2001 дар Ғарб дар бораи терроризми исломӣ сухани зиёд мегӯянд, вале ислом ба монанди динҳои дигари динҳои чаҳонӣ нисбат ба хушунату зӯроварӣ муносибати манфӣ дорад. Ислом наметавонад сарчашмаи терроризм бошад. Инсонеро дарёфт намудан ғайриимкон аст, ки пайрави ягон дин набошад. Ҳар як дин пайравони худро дорад. Бахусус, динҳои ҷаҳонӣ- ислом, насрония ва буддоия, ки миллиардҳо пайравони худро пайдо кардаанд. Ба ислом нисбат додани терроризм ин маънои исломро дини бадӣ, пайравони онро пайравони бадӣ хондан ва асосгузори онро чун асосгузори идеологияи террористӣ донистан ва баҳо додан аст. Ин таҳқири сахтест ба 1.5 миллиард пайрави ин дин, ки онҳо танҳо аз як миллат таркиб наёфтаанд.

Оё аз ҷониби Амрико ва давлатҳои Аврупо, ки бештари аҳолиашонро пайравони дини насронӣ ташкил медиҳад. исломро асоси терроризм донистан, байни ду дини ҷаҳонӣ ихтилофи бе ин ҳам ҷойдоштаро қувват бахшидан ва ба номи динҳои осмонӣ иснод овардан нест? Давлатҳои абарқудратро лозим аст, ки дар ҳукмбарорӣ ба иштибоҳу барқасдкорӣ роҳ надиҳанд.

Вақтҳои охир хитобаи «террористро миллату мазҳаб нест» бисёр садо медиҳад, вале ин маънои онро надорад, ки террорист ҳамчун инсон ба ягон миллат тааллуқ надорад ва мазҳаберо пайравӣ намекунад. Солҳои охир дар кишварҳои ИДМ амалҳои мушаххасе баҳри мубориза бо терроризм ва экстремизм сурат мегиранд. Ҳуҷҷатҳои сиёсиву ҳуқуқие қабул мегарданд, ки ба сифати санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ шинохта мешаванд. Ҳамкориҳо дар соҳаи низомӣ байни давлатҳои аъзои он вусъат меёбанд. Ҳатто Маркази ягонаи муборизаи зидди терроризм ва экстремизм (соли 2000) таъсис дода шудааст, ки он дар асоси аҳдномаи байни кишварҳои ИДМ аз моҳи июни соли 1993 оиди муборизаи муштараки зидди терроризм фаъолият дорад.

Шӯрои сарони давлатҳои ИДМ барномаи мубориза бар зидди терроризм ва шаклҳои дигари зуҳури экстремизмро пазируфта буд. Роҳбарони кишварҳои ИДМ дар Ереван қарор доданд, ки неруҳои муштараки зудамалро дар минтакаи Осиёи Марказӣ ташкил намоянд. Созмони Ҳамкории Шанхай (ШОС) бошад, Конвенсияи муборизаи зидди терроризм, сепаратизм ва экстримизмро қабул намудааст [7, 44].

Дар замони муосир якчанд роҳҳои мубориза бо терроризм мавҷуданд: ҳуқуқӣ, зӯрӣ, дохилӣ ва берунӣ. Роҳҳои ҳуқуқии мубориза дар асоси нишондоди созишномаҳои байналхалқӣ сурат мегирад. Усули зӯрӣ, ки он ба аз байн бурдани терроризм мусоидат намекунад, баръакс терроризмро ба вуҷуд меорад ва дар натиҷаи гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ чандин аҳолии осоишта низ зарар мебинад, ки ба ин вазъият дар Афғонистон ва Ироқ мисол шуда метавонад. Мубориза бо терроризм дар сатҳи дохилидавлатӣ бо роҳи огоҳ кунонидани мардум ва пешгирӣ намудани амалиёти террористӣ сурат мегирад (гарчанде ИМА аз рафти тайёрии «Ал-Қоида» огоҳ буд, вале намедонист, ки зарба ба кучо ва кадом вақт зада мешавад) [9, 59].

Роҳи мубориза бо терроризм ба василаи қабули созишномаҳо ва ҳамкории давлатҳо сурат мегирад. Зарбаҳои асосии терроризм, асосан ба муқобили давлатҳои исломӣ, Русия

ва ИМА равона гардидаанд. Дар рӯйхати давлатҳои аз терроризм аз ҳама бештар зарардида ИМА дар ҷойи аввал меистад. Чунин ба назар мерасад, ки имрӯз гӯё байни давлатҳои исломӣ, Русия ва ИМА як навъ ҷанг рафта истодааст ва қӯшунҳои онҳоро даста ва ё ташкилотҳои террористӣ ташкил медиҳад.

Масъулияти бештар махсуси давлатҳое мебошад, ки яроқи ядроиро дороянд. Зеро ҳолатҳое ба мушоҳида расидаанд, ки террористон кӯшиши бадастории онро намудаанд. Чун ин яроқ ба дасти онҳо меафтад, хатари бузурге дар пешорӯи он давлат ва давлатҳои дигари чаҳон меояд.

Барои давлатҳои хурде, ки қудрат надоранд он роҳи муборизаи сермасраферо, ки давлатҳои абарқудрат пеш гирифтаанд, созмон диҳанд, ягона роҳи босамар, бедор намудани ҳисси худшиносии миллӣ, баланд бардоштани зиракӣ ва фарҳанги сиёсии ҷомеа, таъмини ҳаёти хубу осоишта ба шумор меравад. Надоштани ҳисси худшиносии миллӣ, таъмини нокифояи зиндагӣ инсонро фирефтаи иҷрои амалҳои ношоиста мегардонад. Гурӯҳҳои гуногун ва давлатҳои алоҳида маҳз ҳамин нуқтаи заифи инсонҳоро пайдо карда, онҳоро ба доми худ меоранд.

Интихоби Афғонистон ва давлатҳои Осиёи Марказӣ ҳамчун нуқтаи марказии мубориза бо терроризм аз ҷониби ИМА тасодуфӣ набуд. Он аз ҳадафҳои пешбинишуда иборат аст. Маданияти нокифоя, иқтисодиёти рушднакарда ва сарватҳои фаровони он беш аз ҳама диққати иттиҳоди давлатхои зиддитеррористиро ҷалб мекард. Маҳз сатҳи нокифояи ташаккули маданияти мардуми афғон аст, ки дар тамошои телевизион наворҳоеро, ки амрикоиҳо аз раванди амалиётҳои ҷангии артиши худ нишон медиҳанд, (ки он аз куштори мардуми афғон иборат аст), ба онҳо чун қаҳрамон ё ҳомии ватан аз хатари душман баҳо медиҳанд.

Пай бурдан душвор нест, ки терроризм дар замони муосир ба дастгоҳи асоси идоранамоии глобалӣ мубадал гардидааст. Зеро тавассути ҷанг бадастории минтақае ва дар зери итоати худ нигоҳ доштани он барои давлатҳои абарқудрат ғайриимкон гардидааст. Чунки дар бурдани ҷангҳо дар замони имрӯза хоҳу нохоҳ давлатҳо аз яроқи ҳастаӣ истифода мекунанд. Давлатҳо чун дар ҳолати ҳамбастагӣ қарор доранд, он ҷанг давлати дигареро бетараф гузошта наметавонад. Иштироки якчанд давлатҳо дар ҷанг даъвати ҷанги ҷаҳонии минбаъда аст. Истифодабарии яроқи ҳастаӣ дар ҷанг худ аз худ мафҳуми ғолибиятро аз байн мебарад. Бинобар ин, ба ақидаи баъзе муҳаққиқон ҷаҳон кайҳост, ки дар ҳоли ҷанг қарор дорад ва барандаи ҷанг терроризм мебошад. Соли 1947 Сталин эълон дошта буд, ки ҷанги минбаъда ҷанг баҳри захираҳо хоҳад буд. Баъдан Черчилл низ арз дошт, ки ҷанги ояндаро на давлатҳо, балки террористон мебаранд [9, 59]. Ҳолати бавуҷудомадаи солҳои охир ба таври пурра воқеият пайдо намудани ин андешаро исбот намуд.

Ҳоло давлатҳои ҷаҳон дар роҳи мубориза бо терроризм қонуну санадҳои муштарак ва инфродиро таҳия месозанд. Тоҷикистон низ аз доираи он мамлакатҳои гирифтори терроризм ва экстремизм берун нест. Гурӯҳҳои тундраве, ки дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ ба вуҷуд омада буданд, то имрӯз мавҷудияти худро аз даст надода, мавридҳои гуногунро истифода намуда, аз худ дарак медиҳанд, ки ба ин воқеаҳои соли охир дар қисмати шимолу ҷануби мамлакат мисол шуда метавонанд.

Роҳбарияти Тоҷикистон дар асоси санадҳои дохиливу байналхалқӣ муборизаи худро бо терроризм ва миллатгароии канора ба роҳ мемонад. Асосҳои ҳуқуқии муборизаи зидди терроризми миллатгароӣ дар заминаи низоми ҳуқуқӣ – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» сурат мегирад. Дар қонун субъектҳои бевосита ва бавоситаи мубориза бар зидди терроризм дар Тоҷикистон нишон дода шудаанд.

Қонунҳои мубориза бар зидди терроризм таҳияшуда аз ҷониби давлатҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла Тоҷикистон хосияти шахшуда надошта, онҳо метавонанд, вобаста ба навъҳои зуҳури терроризм ва сатҳи таъсири он ба ҷомеа, тағйир ва такмил ёбанд. Дар шароити имрӯза ҳимояи манфиатҳои ҳамаи умумиятҳои миллӣ ҳатмӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Антонян Ю. М. Терроризм. Криминологическое и уголовно-правовое исследование / Ю.М. Антонян. — М.: Щит–М, 1998. — 306 с.
2. Батошова А. К. Политический терроризм: детерминация и формы проявления: дис. ... канд. полит. наук: 23.00.02 / А.К. Боташева. - Ставрополь, 2004. – 183 с.
3. Бернгард А. С. Стратегия терроризма /А.С. Бернгард. –Варшава, 1978. – 140 с.
4. Вешняков А.Д. Основы противодействия терроризму /А.Д. Вешняков. – М.: Академия, 2006. – 240 с.
5. Геллнер Э. Пришествие национализма. Мифы нации и класса. / Нации и национализм / *Э. Геллнер.* - *М.*: Новая наука политики, *2002*. -С.147 – 162.
6. Жаринов К. В. Терроризм и террористы / К.В. Жаринов. – М.: Харвест, 1999. - 608 с.

7. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсї. Луѓати энсиклопедї / Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Эр-граф, 2015. -Љ. 3. – 553 с.
8. Зокиров Г. Н. Терроризм. Воситаи таълимї /Г.Н. Зокиров. – Душанбе: Њумо, 2004. - 54 с.
9. Королев А.А. Террор терроризм в психологическом и идеологическом измерении: история и современность /А.А. Королев. - М., 2003. - 180 с.
10. Ланцов С. А. Террор и террористы: Словарь / С. А. Ланцов. - СПб.: Изд-во Санкт-Петербургского ун-та, 2004. - 187 с.
11. Анатомия человеческой деструктивности. Эрих Фромм; пер. с англ. Э.М. Телятникова, Т.В. Панфилова Страниц: 635. Издательство: АСТ Серия: Philosophy Год издания: 2004. ISBN: 5-17-023209-8.
12. Ҳоффман Б. Н. Терроризм. Взгляд изнутри /Б.Н. Хоффман. - М.: Ультра. Культура, 2003. - 264 с.
13. Ќонуни Љумњурии Тољикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» //Ахбори Маљлиси Олии Љумњурии Тољикистон. -Душанбе, 1999. -№11.

МИЛЛАТГАРОЇ ВА ТЕРРОРИЗМ: ҲОЛАТҲОИ ПАЙВАСТ ВА ҶУДОЇ

Дар мақола асосан падидаи миллатгароӣ ҳамчун доктрина, ҳамчун сиёсат ва ҳиссиёти оммавӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Мо имконият дорем, ки дар доираҳои васеъ ва маҳдуд дар бораи масъалаи мазкур дар замони муосир андешаҳои хешро иброз намоем. Аз ин лиҳоз, ин падида, дар навбати худ, метавонад ба масъалаҳои асосӣ, аз ҷумла сиёсат талаботҳои навро дар бобати таҳқиқи нав ба нигоҳи нав ба вуҷуд оварад. Миллатгароӣ аз ташаккулдиҳии идеяҳо шурӯъ гардида, ба ҳиссиёти умумӣ табдил ёфта, ҷамъиятро фаро мегирад ва онро идора мекунад. Терроризм падидаест, баҳри дигаргунсозии сохти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вайронсозии идеологияи давлатӣ, тағйирдиҳии идоракунии давлатӣ ва режими давлатӣ, вайронсозии ягонагии ҳудудӣ бо методҳои ҷиноӣ ва террор. Терроризми миллатгароӣ дар шароити имрӯза дар ҷаҳон хеле васеъ паҳн гаштааст. Бахусус, терроризми миллатгароӣ. Терроризми миллатгароӣ дар гурӯҳҳои террористие, ки ҷиҳати ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ ё аз дасти гурӯҳе гирифтани ҳокимият дар сиёсати дохилии ягон кишвар, ё таъмини бартарияти як миллат бар миллати дигар дар дохили кишвар ба амал меояд.

Калидвожаҳо: миллатгароӣ, миллат, терроризми миллатгароӣ, терроризм, сиёсати ҷаҳонӣ, моҷарои сиёсӣ, манфиатҳои миллӣ, сиёсати миллӣ, сиёсати дохилӣ.

НАЦИОНАЛИЗМ И ТЕРРОРИЗМ: СОСТОЯНИЯ СОЕДИНЕНИЕ И РАЗЛИЧИЕ

В статье в основном рассмотрен феномен национализма как докторина, политика и общественный эмоционализм. Мы имеем возможность в узком и широком формате рассматривать данную проблему на современной стадии и выразить своё мнение. Дается оценка концепции национализма на основе точек зрения различных учёных. С этой точки зрения феномен может вызвать новый подход, новый взгляд на основные проблемы, в том числе и политики. Генезис национализма связян с форматированием идей, которые связываются с общественным эмоционализмом, и состояние распространяется и овладевает ими. Во всяком случае такой подход даст нам возможность освещать данную проблему и войти в круг связанных с ней проблем. Терроризм как явление направлено на трансформацию социально - экономической структуры, разрушение государственной идеологии и целостности изменения государственного управления и режима путём криминальных методов и террора. В современных условиях националитический терроризм в мире постепенно расширяется. Он проявляется в террористических группах в связи с приобритением политической независимости и угроз власти или обеспечения привилегий одной нации над другой в рамках государства.

Ключевые слова: национализм, нация, национальный терроризм, терроризм, мировая политика, политическая борьба, национальный интерес.

NATIONALISM AND TERRORISM: THE STATE OF THE CONNECTION AND DIFFERENCE

The article mainly presents the phenomenon of nationalism as doktorina, politics and society, perevnivanija which expects a comprehensive research. We have an opportunity in the narrow and wide format, think of them this problem on the modern stage and express your opinion. An assessment of the concept of nationalism based on the points of view of various scientists. From this point of view phenomenon, in turn, could trigger a new approach, a new perspective on major issues including policy. Ginezis nationalism szjazan with formtirovaniem ideas that are associated with public jemocionalizmom, the status of the subject and takes possession of them. Anyway, this approach will give us an opportunity to highlight these problems and enter the range of related problems. As the vsjakoja theory has inherent in some cases allowed to be so political nationalism vvojdjot and prevents society.The phenomenon of terrorism directed at transforming the socio economic structure razrushennie State ideology and integrity of public administration and regime change by criminal methods and terror. In the modern world of terrorism nacionaliticheskij under postipenno is expanding. He prejavljaetsja terrorist groups in connection with the acquisition of political independence and threats of power or ensure the privileges of one nation over another within the State.

Key words: nationalism, nation, national terrorism, terrorism, world politics, political struggle, national interest.

Сведения об авторе: ***Раджабов Бахтиёр Табибович*** - Таджикский национальный университет, *к*андидат политических наук, доцент кафедры политологии. Телефон (**+ 992) 935-96-25-77**

СИЁСАТИ КАДРЇ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Наҷмиддинзода А.
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Сиёсати кадрӣ бевосита бо масъалаи амнияти миллӣ алоқаманд мебошад. Зеро, маҳз фаъолияти масъулини давлатӣ, ки таҷассумгари ҳокимияти давлатӣ дар назди омма ба

шумор мераванд, ба масъалаи амнияти миллӣ вобаста аст. Дар ҳолате ки кадрҳо дар асоси ба инобат гирифтани донишҳои илмӣ ва дар доираи манфиатҳои миллӣ ҷалб шаванд, онҳо фаъолияти самаранок анҷом медиҳанд. Аз ин муҳимтар, онҳо муносибати адолатноку шаффофро пеша намуда, ба манфиати халқу давлат адои вазифа мекунанд. Дар низоми идоракунии давлатӣ дуруст роҳандозӣ шудани кадрҳо масъалаи нозук ва муҳим ба шумор меравад. Зеро аз амалияи ҷамъиятӣ ва таърих бармеояд, ки маҳз масъулини давлатӣ таҷассумгари адолат, низом, рушд, муттаҳидӣ, устуворӣ ва амният шуда метавонанд. Дар ҳолати роҳ наёфтани кадрҳои зарурӣ дар низоми идоракунии давлатӣ унсурҳои муҳимми дар боло гуфташуда зери суол қарор мегиранд ва аллакай ҳокимияти давлатӣ дар ҷамъият мақоми пешбари худро аз даст медиҳад ва дар баробари ин амнияти ҷомеа низ халалдор мегардад.

Мафҳуми «сиёсати кадрӣ» дар назарияи ташкилотӣ ва идоракунӣ, пеш аз ҳама, дар ҳамон самтҳое, ки оид ба идоракунии гурӯҳи корӣ ва неруи инсонӣ машғул ҳастанд, васеъ истифода мегарданд. Дар хизмати давлатӣ зери мафҳуми сиёсати кадрӣ меъёри умумӣ ва фаъолияти мунтазами давлат оид ба амалинамоии талаботҳои хизматчиёни давлатӣ, тартиби дарёфт, омоданамоӣ ва самаранок, ба манфиати дастгоҳи давлатӣ истифода намудани онҳо фаҳмида мешавад [10, 153].

Сиёсати кадрӣ, пеш аз ҳама, на танҳо стратегияи умумимиллии рушди неруи кадрӣ фаҳмида мешавад, балки яке аз самтҳои муҳимми амалишавии сиёсати давлатӣ ба ҳисоб меравад. Сиёсати кадрӣ дар қатори сиёсатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳарбӣ, фарҳангӣ, хориҷӣ ва ғайра аҳамияти муҳимро соҳиб аст. Зеро барои дуруст ва самаранок ба роҳ мондани самтҳои сиёсати номбурда кадрҳои болаёқату арзандаро аз табақаҳои гуногуни ҷомеа дарёфт намуда, ба манфиати дастгоҳи идоракунии давлатӣ истифода бурдан зарур аст. Дар ҳамин айём аллакай алоқамандии бевоситаи сиёсати кадрӣ бо амнияту бехатарии давлату миллат ба таври барҷаста аён мегардад. Яъне, дуруст дарёфт ва ҷобаҷогузории кадрҳои давлатӣ шарти асосии ташаккулёбии давлат ва суботи ҷомеа мебошад.

Сиёсати кадрӣ ва ё, ба ибораи дигар, дуруст пайдо намудани неруи ақлии лозима ва ба таври зарурию самаранок истифода намудани он, вазифа ва мақсади аввалиндараҷаи ҳар як давлат аст. Набояд интизор шуд, ки кай кадрҳо аз худ дарак медиҳанд, балки бояд онҳоро тарбият кард ва аз табақаҳои гуногуни ҷомеа пайдо кард.

Вақте ҷалби кадрҳо бо назардошти меъёрҳои мавҷуда бо шеваи одилона ва шаффоф анҷом меёбад, интихоби кадрҳои ҷавон ва шахсиятҳо ба ниҳодҳои давлатдорӣ, метавонад эътимоди мардумро нисбат ба масъулини ҳокимият афзояд. Яъне, он раҳбари таъйингардида, ки дар назди ҷомеа ҷеҳраи шинос ва бомасъулият аст, эътирофи ӯ ба осонӣ суръат мегирад. Дар кишварҳои пешрафтаи демократии Ғарб ин тартиб ҷорӣ аст, ки қабл аз таъйини ин ё он шахсият ба мақоми мушаххаси роҳбарикунанда, ҷомеа ӯро аз рӯйи савод, поквичдонӣ ва ё нуфузу эътибораш дар назди халқ шинохтаанд. Сипас, сабабҳои интихоби ҳамон шахс ба чӣ вобаста аст, мардум бо ӯ ва ё дигар масъули ҳукумат ибрози назар мекунанд.

Масъалаи сиёсати кадрӣ хеле доманадор мебошад ва он якчанд марҳилаҳоро дар бар мегирад. Марҳилаи аввал, дар асоси омӯзишу таҳлили футурологӣ дуруст муайян намудани ниёзмандии давлат дар даҳсолаҳои оянда ба кадрҳои махсус мебошад. Марҳилаи дуюм, таъмини шароити хуб ва мусоид барои тарбияи кадрҳо (мактабҳо, донишгоҳу донишкадаҳо, академияҳо ва ғайра). Марҳилаи сеюм, вобаста ба самти дониш ва тахассус сафарбарнамоии кадрҳо ба фаъолияти амалию касбӣ. Марҳилаи чорум, мавҷудияти шароит барои ташаккули шахсият ва ишғоли вазифаҳои болотар аз рӯйи қобилият [2, 55].

Д. Махоуни гуфта буд, ки "Агар ду ҳамкор ҳамеша аз якдигар розӣ бошанд, пас яке аз онҳо зиёдатист" [8, 123]. Ин нуктаи муҳим маънии онро дошт, ки агар ду роҳбар якхела кор кунанд, пас ин сохтор ба тағйироти кадрӣ ниёз пайдо кардааст. С. Янковский низ як сухани таърихӣ дорад: "Агар "кадрҳо ҳама масъаларо ҳал мекунанд", мехоҳам, ки кадр бошам" [8, 134]. Воқеан, ҳама мехоҳанд, ки кадр бошанд. Аммо ин ғайриимкон аст, зеро ки роҳбарӣ ва пешравии ҳар соҳа ба шахсият вобастагӣ дорад.

Дар рӯ ба рӯйи буҳрони ҳамафарогире, ки ҷомеаро ҳамроҳӣ менамояд, сиёсати кадрӣ бояд таҷдид шавад. Як қатор масъалаҳои муҳиме мавҷуданд, ки дар воқеӣ сохтани сиёсати кадрии фаъол монеа эҷод мекунанд.

Дар таҷрибаи пешқадам, асосан ду низоми интихоби кадрҳо вуҷуд дорад: якум, низоми интихоботи демократӣ ва дуюм, низоми меритократӣ (шоистасолорӣ – дар асоси озмун). Дар Тоҷикистон бо сабабҳои гуногун дар муносибатҳои сиёсӣ татбиқи амалии ҳардуи ин низом ба мушкилот рӯ ба рӯ шудааст. Як мушкилӣ ба муносибатҳои авлодпарастӣ (непотизм), маҳалгароӣ ва фасодзадагӣ (коррупсия) дар байни кордиҳандагон ва корфармоён ва дигар мушкилӣ, ба сиёсати таъйинотии вазифаҳои асосии давлат вобастагӣ доранд. Чунин муносибати ғайримеритократӣ ва ғайридемократӣ ба падидаҳои номатлубе чун “фирори ақлҳо” оварда расонидааст. Падидаи фирори ақлҳо ва ҳамчунин “фишори ақлҳо” воқеият аст ва нодида гирифтани он боиси боз ҳам печидатар шудани буҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мегардад.

Дигар масъалаи муҳимми мавриди баҳс ба истилоҳ “марказҳои таъсиррасон” мебошад. Дар ҷомеаи солим марказҳои таъсиррасон набояд ба якчанд нафар ва ё гурӯҳ маҳдуд бошанд, ки ғайрикасбӣ ва ғайритахассусӣ ҳастанд. Онҳо набояд идеологӣ ва мазҳабӣ бошанд. Мутаассифона, дар давраи Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон марказҳои таъсиррасон, аниқтараш марказҳои тасмимгиранда, дар дохил ва атрофи ҳукумат чунин буданд. Агар ба солҳои пеш аз ҷанги шаҳрвандӣ назар афканем, мебинем, ки чунин марказҳои тасмимгиранда хеле зиёд буданд, ки дар айни замон дар байни якдигар рақобати ғайрикасбӣ ва носолим доштанд. Чунки ҳамаи ин марказҳои тасмимгиранда мехостанд қудрати сиёсиро ба даст гиранд, дар ҳоле ки муҳимтарини онҳо, чунончи исломиҳо барномаҳои рушди сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро надоштанд. Ё доштанд, вале онҳо аз тарзҳои кишварҳои хориҷие чун Арабистони Саудӣ, Туркия ва Ӯзбекистон нусхабардорӣ шуда буданд. Баҳс сари ришу ҳиҷоб буд, на роҳу усулҳои стратегияи рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар. Дар натиҷа чунин тарзи муносибат ва бархӯрди марказҳои таъсиррасон ва тасмимгиранда ба ҷанги шаҳрвандӣ, бесаводӣ, ифротгароӣ ва авторитаризм оварда расонд. Институтҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ба таври даркорӣ рушд накарданд. Иқтисод дар ҳоли рукуд боқӣ монда, аз тарафи нафарони алоҳида монополия шуд. Мушкилоти бекорӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ дар байни ҷавонон роҳи ҳал пайдо накарданд [7, 110].

Бешубҳа, ин вазъияти баамаломада ба марказҳои таъсиррасон низ вобаста мебошад. Дар ду даҳсолаи охир марказҳои таъсиррасон, пеш аз ҳама, баҳсҳо ва даъвоҳои сохта ва деструктивии ҳувиятсозӣ доштанд. Аксарияти коршиносон, ҳатто таърихшиносону ҳуқуқшиносон ва иқтисоддонҳои тоҷик ба чунин ғояҳои таҳрифкунандаи воқеият машғул шуданд. Дар ҳоле ки мушкилоти камсаводӣ ва бекорӣ роҳи ҳал наёбанд, ин даъвоҳо ҷавононро бештар ноумед ва хурофотӣ мегардонанд. Онҳо чи дар дохили ҳукумат ва чи дар байни мухолифони ҳукумат мазҳабӣ буданд ва дар нисбати мушкилот бештар роҳҳои ҳалли ғайриақлонӣ меҷустанд. Онҳо барномаҳои рушди сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ба шароити кишвар муносиб надоштанд, то пеш аз вуқӯи ҳодиса илоҷи онро дар даст дошта бошанд.

Имрӯз, махсусан дар ҳоли афзоиши хатарҳои ифротгароиҳои дохилӣ ва ҷаҳонӣ ва маҳдуд шудани имкониятҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, марказҳои таъсиррасон ва тасмимгиранда бояд бозбинӣ шаванд. Ҷойи ниҳодҳои идеологӣ ва қудратиро бояд марказҳои мустақили касбӣ, илмию таҳқиқотӣ ва шаҳрвандӣ бигиранд.

Нуктаи дигари муҳимми сиёсати кадрӣ тибқи донишҳои тахассусӣ ишғоли ин ва ё он вазифаи давлатӣ мебошад. Мақсад ва ҳадафи донишгоҳҳо омода намудани мутахассисони ин ва ё он соҳа барои рушди давлат мебошад. Яъне, пас аз хатм низ он дошнишҳое, ки тайи 5-6 соли донишомузӣ омӯхта шудаанд, маҳз дар самти соҳаи тахассусӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Ба ҳамагон маълум аст, ки вақте ки инсон ба самти коре машғул ва ҷалб мешавад аллакай нозукиҳо ва мушкилиҳои онро аз худ намуда, маҳорати ҳаллу фасли онро пайдо менамояд. Яъне, барои кадри арзанда шудан, донишҳои тахассусӣ оид ба самти кори ишғолнамуда фарз ва зарур аст. Вале, мутаассифона, дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон теъдоди назарраси хизматчиёни давлатӣ аз рӯйи тахассус

адои вазифа намекунанд ва дар баробари ин кадрҳои хатмкардаи имрӯза низ на ҳамеша аз рӯйи тахассус ба кор ҷалб мешаванд. Сабаби чунин муносибат дар оғози истиқлолият ин гузариш аз як система ба системаи дигари давлатдорӣ буду кадрҳои зарурӣ тарбият наёфта буданд, аммо солҳои кофӣ гузаштанд, ки мутахассисони зарурӣ омода гарданд [1, 5].

Паҳлуи дигари масъалаи сиёсати кадрӣ мувозинати ҷалби довталабон ба донишгоҳҳо мебошад. Дар ҷомеаҳои муосир сохторҳои махсус фаъолият мекунанд, ки мақсади онҳо дуруст муайян намудани ниёзмандии давлат ба кадрҳои алоҳида дар 5-15 соли оянда мебошад. Маҳз аз натиҷаи чунин пешбининамоӣ теъдоди довталабони қабулшаванда ба ин ва ё он ихтисос муайян карда мешаванд. Дар шароити имрӯзаи ҷомеаи мо ҳамин мувозинат чандон риоя намешавад. Ба ҳамагон маълум аст, ки яке аз ихтисосҳои маъруф ва диққати ҳамагонро ҷалбкунанда ихтисоси ҳуқуқшиносӣ мебошад, ҳатто аз лиҳози арзиши шартнома аз ҳама гарон мебошад. Вале пас аз хатм аксарияти донишҷӯён аз рӯйи тахассус кору фаъолият намекунанду бо роҳу воситаҳои гуногун ба корҳои ғайритахассусӣ ҷалб мешаванд, ки ин боиси нигаронист. Чунин ҳолат боиси зиёдшавии бекорӣ ва ҳам воридшавии кадрҳои ғайритахассусӣ мегардад. Зеро тибқи принсипҳои сиёсати кадрии самаранок бояд кадрҳо мувофиқ ба тахассус ба корҳои давлатӣ ҷалб карда шаванд. Дар ин миён баъзе соҳаҳои дигаре, ки аз лиҳози кадрӣ танқисӣ мекашанд, ба ҳолати бухронӣ гирифтор мешаванд [2, 68].

Барои идоракунии самараноки корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ кадрҳои аввалиндараҷаю хуб ва мувофиқи тахассус бояд ҷалб карда шаванд. Дар баробари ин, шароит барои дар оянда омода намудани чунин мутахассисон хубтар гардад. Мисол, яке аз тахассусҳое, ки дар самаранокии сиёсати кадрӣ ҷойгоҳи махсусро соҳиб аст, маъмури сиёсӣ, сиёсатшиносӣ ва менеҷменти сиёсӣ мебошад. Дар як қатор кишварҳои ҳамҷавори демократӣ факултаҳои алоҳидаи илмҳои сиёсӣ фаъолият доранд, ки онҳо дар самтҳои гуногуни илмҳои сиёсӣ мутахассисонро омода мекунанд. Вале дар шароити Тоҷикистон илмҳои сиёсатшиносӣ дар доираи кафедраҳо маҳдуд гаштаанд. Албатта, чунин шароит монеаи пешрафти кадромодасозии соҳаи мазкур мегардад.

Тибқи назарсанҷиҳо ва мушоҳидаҳо маълум гардид, ки мушкилии дигари сиёсати кадрӣ амалҳои коррупсионӣ мебошад. Коррупсия дар якчанд навъ зоҳир мегардад. Вале бештар дар шакли молиявӣ. Вале мушкилии сиёсати кадрӣ на танҳо хусусияти молиявии коррупсионӣ дорад, балки омили хешутаборӣ, ки дар илми муосир протексионизм ном бурда мешавад, бештар реша давондааст. Дар баъзе сохторҳои давлатӣ харидани вазифаҳо ба назар мерасад, ки ин боиси бадбахтӣ ва бохти миллат хоҳад буд. Зеро, ҳангоме ки фарде бо таъсири омилҳои субъективии зархаридона сари вазифа меояд, ӯ танҳо як ҳадаф дораду халос. Ин ҳам бошад маблағи харидаи вазифаро дучанд баргардонидан аст. Барои дучанд баргардонидан, албатта, маоши расмӣ ҳеҷ гоҳ мусоидат намекунад ва баъзе нафарон ба амалҳои канора рӯ меоранд. Он боиси ақибмонии ҳамон сохтори давлатӣ ё ҷамъиятӣ мегардад ва аллакай ба амнияти миллӣ хатар мерасонад. Дар ҷодаи протексия бошад, ҳангоми ҷобаҷогузории кадрӣ мушкилӣ эҳсос мегардад. Яъне, ҳангоме ки ин ва ё он соҳибкасб бо истифода аз усули хешутаборию маҳалгароӣ ин ва ё он вазифаи давлатиро ишғол кунад, эҳтимоли содиқона ва ба таври зарурӣ адои вазифа намудани ӯ хеле кам мешавад ва ҳатто аз байн меравад. Зеро, агар он нафар аз дониши худ ва мувофиқати ихтисоси худ боварӣ медошт, тариқи озмунҳои расмӣ ҷалби кор мешуд. Мисоли гуфтаи мазкур ҳангоме, ки дар яке аз вазоратҳои кишвар озмун барои ҷалби кадрҳои зарурӣ шуд ва роҳбарияти он вазорат мақсад ва умед дошт, ки нафарони арзандаро шаффофона ҷалб кунад, вале дар рӯзҳои озмун нафарони алоҳида сӯиистифода аз мансаб ва рафиқӣ намуда, нафарони «худӣ»-ро барои қабули кор хоҳиш намуданд. Чунин ҳолатҳо ангуштшумор нестанд.

Мушкилии дигари ҳолати сиёсати кадрӣ ҷойивазкунии кадрҳо мебошад. Тибқи мусоҳиба бо коршиносон ва таҳлилгарон кадрҳои фаъол як гурӯҳи муайяни одамонеро фаро мегиранд, ки ҷойи якдигарро иваз мекунанд, вале кадрҳои нав ба ин доира хеле кам ворид мешаванд [10, 99].

“Фирори ақлҳо” низ яке аз мушкилии сиёсати кадрӣ мебошад. Фирори ақлҳо раванди муҳоҷирати оммавие мебошад, ки дар натиҷаи он олимон, мутахассисон ва коргарони баландихтисос бо сабабҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, динӣ ва ғайра тарки кишвар мекунанд. Фирори мағзҳо дар солҳои охир ба таври баръало ба назар мерасад. Аз омӯзиши раванди мазкур маълум гардид, ки аксарият муҳоҷирони ин раванд ба Федератсияи Русия рӯ меоранд. Теъдоди назаррасе ба ИМА ва кишварҳои Аврупо низ ҳиҷрат менамоянд. Тибқи оморҳои расмии Хадамоти муҳоҷиратии Федератсияи Русия дар

Тоҷикистон дар соли 2015 8 ҳазор оила тибқи барномаи кӯчонидани аҳолии хадамоти мазкур шаҳрвандии Русияро гирифта, кӯч бастаанд. Дар баробари ин, теъдоди назарраси аҳолӣ ҳуҷҷатҳои худро ба барномаи «GREENCARD», бо мақсади гирифтани шаҳрвандии ИМА ва кишварҳои аврупоӣ супоридаанд. Дар натиҷаи суҳбат бо муҳоҷирони зерин маълум мегардад, ки онҳо шахсиятҳои саводноку соҳибкасбанд. Ба саволи чаро шумо ба ин раванд рӯ овардед; Ҷавоб мегардонанд, ки он ҷо хубтар аст. Баъзеҳо бо сабабҳои гуногун ҷавоби худро шарҳ намедиҳанд. Хулоса, чунин эҳсос мегардад, ки муносибатҳои қаблии мавҷуда ба талаботҳои имрӯза ҷавобгӯ нестанд. Зерур аст, ки пеши роҳи ин раванд гирифта шавад. Аввал бояд ҷойҳои кории мусоид ташкил шаванд, баъдан шароити хубе бо дарназардошти мушкилии омма фароҳам оварда шавад. Омма ҳис кунад, ки шароити беҳтаре барои амалинамоии манфиатҳо ва талаботҳои онҳо ташаккул ёфта истодааст. Дар натиҷа умеди нек ва созанда ба вуҷуд меояд. Маҳз дар чунин холат рӯҳияи ватандӯстӣ дар афкори ҷамъиятӣ пайдо мегардад. Аллакай андешаи ояндасозӣ дар асоси манфиатҳои миллӣ сурат мегирад.

Агар мушкилиҳои мазкур бартараф карда нашаванд, дар натиҷа пасомадҳои хатарнок ба суботу амнияти ҷомеа имконпазир мегарданд. Зеро, қувваи пешбарандаи ҳар як ҷомеа маҳз умумиятҳои зеҳнии он мебошанд. Дар ҳолати камшавию азбайнравии онҳо ҷомеа ба ҳолати бухронӣ гирифтор шуда, таҳдид ба истиқлолияти давлатӣ низ ба миён меояд. Дар ҳолати бо методҳои фишороварию тарсу воҳима аз ин раванд дур намудани муҳоҷирони эҳтимолӣ низ, хатарҳо ва таҳдидҳои ҷомеа аз байн намераванд. Зиёда аз ин, онҳо аз ҳокимият ва арзишҳои маъмулӣ, ахлоқию маънавӣ дур шуда, бештар ба амалҳои иртиҷоӣ рӯ меоранд. Яъне, ҳар мушкилие, ки дар ҷомеа мавҷуд аст, бояд ислоҳ шавад, то ки дар афкори ҷамъиятӣ нишонаҳои рушду инкишоф намоён гарданд.

АДАБИЁТ

1. Антошина Н.М. Формирование кадрового состава государственной гражданской службы /Н.М. Антошина // Власть. -2009, 5 сентябр.- №5.
2. Ганиев Т.Б. Методы усиления профессиональной деятельности и достижения современного менеджмента: учебник для студентов / Т.Б. Ганиев. –Душанбе: Эр-граф, 2011. - 102 с.
3. Зайцева Т.В. Управление персоналом: учебное пособие для вузов / Т.В. Зайцева, А.Т. Зуб. -М.: Изд-во РУДН, 2009. -336 с.
4. Зокиров Г.Н. Донишномаи сиёсӣ. Воситаи таълимӣ / Г.Н.Зокиров. – Душанбе: Деваштич, 2007. - 600с.
5. Платов В. Я. Современные управленческие технологии: учебник / В.Я. Платов. -М.: Академия, 2006. -383 с.
6. Положение о порядке проведения конкурса на замещение вакантных административных должностей государственной службы. [Электронный ресурс]. URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=126437_(санаи истифодабарӣ: 15.10.2017)
7. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи идоракунӣ. Китоби дарсӣ / Р.Ш. Сотиволдиев. - Душанбе: Эр-граф, 2005. -222 с.
8. Тейлор Ф. Принципы научного менеджмента: учебное пособие / Ф. Тейло. -М.: Высшее образование, 1911. – 350 с.
9. Эргашева Ф.М.Особенности становления и развития кадровой политики в системе государственного управления Таджикистана Монография / Ф.М. Эргашева. – Душанбе: Эр-граф, 2012. - 216 с.
10. Эргашева Ф.М. Единая система управления человеческими ресурсами как эффективный инструмент достижения целей государственной кадровой политики Республики Таджикистан. Монография / Ф.М. Эргашева. –Душанбе: Эр-граф, 2012. -204 с.

СИЁСАТИ КАДРӢ ВА НАҚШИ ОН ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Муаллиф ҷойгоҳи сиёсати кадриро дар шароити муосир ва нақши онро дар таъмини амнияти миллӣ баррасӣ карда, фаҳмиши амиқ ва муосири сиёсати кадриро ҳамаҷониба тавзеҳ намудааст. Дар шароити муосир сиёсати кадрӣ беш аз пеш аҳамияти муҳимро касб менамояд. Зеро дуруст пайдо кардан, ҷо ба ҷо гузоштан ва ба манфиати миллию давлатӣ истифода бурдани кадрҳо яке аз вазифаҳо ва мақсадҳои ҳар як кишвар аст. Дар низоми идоракунии давлатӣ дуруст роҳандозӣ шудани кадрҳо масъалаи нозук ва муҳим ба шумор меравад. Зеро аз амалияи ҷамъиятӣ ва таърих бармеояд, ки маҳз масъулини давлатӣ таҷассумгари адолат, низом, рушд, муттаҳидӣ, устуворӣ ва амният шуда метавонанд. Дар ҳолати роҳ наёфтани кадрҳои зарурӣ дар низоми идоракунии давлатӣ унсурҳои муҳимми дар боло гуфташуда зери суол қарор мегиранд ва аллакай ҳокимияти давлатӣ дар ҷамъият мақоми пешбари худро аз даст медиҳад ва дар баробари он амнияти ҷомеа низ халалдор мегардад. Сиёсати кадрӣ ва ё, ба ибораи дигар, дуруст пайдо намудани неруи ақлии лозима ва ба таври зарурию самаранок истифода намудани он, вазифа ва мақсади аввалиндарачаи ҳар як давлат аст. Набояд интизор шуд, ки кай кадрҳо аз худ дарак медиҳанд, балки бояд онҳоро тарбият кард ва аз табақаҳои гуногуни ҷомеа пайдо кард. Инчунин, як қатор масъалаҳое, ки монеаи рушди сиёсати кадрӣ баромад карда метавонанд баррасӣ шудаанд. Дар ҳолати муносибати зарурио пеша накардан, амнияти миллӣ халалдор мегардад. Аз ин ҷо бармеояд, ки сиёсати кадрӣ бояд бо назардошти манфиатҳои миллӣ ба хотири таъмини амнияти миллӣ роҳандозӣ шавад.

Калидвожаҳо: сиёсати кадрӣ, амнияти миллӣ, манфиати миллӣ, идоракунии давлатӣ, демократия, назарияи идоракунӣ, интихобот.

КАДРОВАЯ ПОЛИТИКА И ЕЁ РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ НАЦИОНАЛЬНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Автор рассматривает место кадровой политики в современных условиях и ее роль для обеспечения национальной безопасности, также автор постарался определить чёткое и ясное понятие кадровой политики. В современных условиях кадровая политика имеет важное значение в жизни государства и поэтому поиск кадров, их распределение и использование в интересах государственного аппарата является одной из важнейших целей и задач каждого государства. В современном государственном упровлении правильное распределение кадров является главной и самой важной задачей. Так как исходит из истории и практики государственные служащие являются гарантом справедливости, порядка, развития, единства, надежности и безопасности. В случае отсутствия нужных кадров реализация вышеперечисленных целей ставится под вопрос и государственное управление в обществе теряет свою значимость а также безопасность общества ставится под угрозой. Нахождение и правильное распределение кадров является первостепенной целью и задачей каждого государства. Нельзя ждать появления кадров, пока они проявят себя, а надо воспитать и найти их из разных слоев общества. Также рассматриваются ряд проблем, которые считаются основными в реализации новой кадровой политики связаные с национальной безопасностью. В ином случае национальная безопасность будет под угрозой. Поэтому кадровая политика должна сформироваться на основе национальных интересов.

Ключевые слова: кадровая политика, национальная безопасность, национальный интерес, государственное правление, демократия, теория правления, выборы.

HUMAN RESOURCE POLICY AND ITS ROLE IN SUPPORT OF THE NATIONAL SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The author considers the place of personnel policy in modern conditions and its role in ensuring national security of the state, and also tried to define an exact and clear concept of personnel policy. In modern conditions personnel policy has significant meaning for the state and therefore search for the personnels, their distribution and use in the interests of the state apparatus is one of the most important goals and tasks of each state. In modern state consolidation, the right distribution of personnel is the main and most important task. Since it comes from history and practice, civil servants are the guarantor of justice, order, development, unity, reliability and security. If there are no necessary staff, the implementation of the above goals is called into question and public administration in the society loses its significance and the security of society is put at risk. The finding and proper distribution of personnel is the primary goal and task of each state. You can not wait for the appearance of cadres, while they manifest themselves, but it is necessary to educate and find them from different layers of society.A number of problems that are considered basic in the implementation of a new personnel policy that are related to national security were considered as well. Otherwise, national security will be threatened. Therefore, the personnel policy should be formed on the basis of national interests.

Key words: personnel policy, national security, national interest, government, democracy, theory of government, elections.

Сведения об авторе: ***Наджмиддинзода А***. - ассистент и соискатель кафедры политологии философского факультета Таджикского национального университета. Телефон**:(+992) 918-61-51-31**. E-mail: **axiles_f1@mail.ru**

МУНДАРИҶА - СОДЕРЖАНИЕ

ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ - ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ

Кадыров Д.Б., Каюмова Ш.Т. Промышленное предпринимательство в системе факторов регионального развития…….. ***5***

Маматкулов А.А., Олимов И.А., Солиева Л.Ф. Особенности бюджетного учета и отчетности в условиях перехода на единый план счетов (ЕПС)……. ***11***

Ганиев Р.Г. Содержание и этапы управления рисками в банковской сфере……. ***15***

Филонов Н. Г., Бобоев Н. М. Логистический анализ процесса предоставления кредитных услуг коммерческими банками…….. ***18***

Плоских Е.В., Ниязалиева К.Н., Асылбаев А.Б. Влияние жилищных условий на здоровье населения, репродуктивное поведение и численность населения в Кыргызской Республике ***28***

Сафиев А.Х., Комилов С.Д. Государственно-частное партнерство: зарубежный опыт (Европа)…….. ***37***

Садриддинов М.И. Экономическая значимость водных ресурсов в формировании пространственной структуры хозяйства Республики Таджикистан……... ***42***

Одинаев Ф.Ф., Беков Ф.Ш. К вопросу исполнения параметров государственного бюджета Республики Таджикистан…… ***48***

Арипов О.Х. Концептуальная модель стратегического анализа финансового состояния торговой сети……. ***57***

Ахмедов Ф.В. Формирование и развитие предпринимательской среды: отраслевые аспекты национальной экономики…… ***61***

Диловаров Р., Нематов А.М. Рекреационные потребности как основа территориальной организации туризма…… ***68***

Мухсинов Д.С., Норов Х.Г. Роль и значение информационных систем управления в телекоммуникационных компаниях……. ***71***

Косимова М.А. Организация системы мониторинга устойчивого развития региона (на примере Согдийской области РТ)…… ***74***

Косимова Д.И. К вопросу совершенствования механизмов налогово-бюджетной политики в современных условиях Таджикистана……. ***79***

Шарипов З.Т. Инвестиционный климат промышленных предприятий Республики Таджикистан: оценка, активизация и совершенствование……... ***83***

Саидмуродова М.А., Насруллои Саъдулло. Асосҳои назариявию амалии муҳоҷирати қувваи корӣ дар шароити муосир…… ***87***

Ҷаҳоншоҳ Саъдизода. Зарурияти қабули қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» дар таҳрири нав……. ***91***

Хафизов М.Д. Интегрированное управление водными ресурсами на основе устойчивой модели…… ***96***

Розиев Д.А. Нақши сармоя ва ҷалби сармоягузорӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ***100***

Гадоев Хасан. Стимулирование поведения рабочих на основе их участия в формировании и распределении доходов организации…… ***103***

Сайфуров К.Ф., Ғаюров Ғ.Ҳ., Камолов Ҳ.Р. Омилҳои ба рушди хизматрасониҳои ташкилотҳои қарзӣ таъсиррасонанда дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***110***

Нуриддинова М.С. Асосҳои назариявии ҳамгироӣ ҳамчун падидаи иқтисодӣ…… ***115***

Нидоев Н.Ф. Нақши мақомоти гумрук дар рушди фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва таъмини бехатарии иқтисодӣ..... ***120***

Самиев Ш.Ф., Махмадизода Ф.Б. (Махмадиев Ф.Б.), Джабборова З.М. Устойчивое развитие АПК как условие обеспечения продовольственной безопасности страны…….. ***126***

Хабибуллоев М.Х. Проблемы формирования и перспективы развития рынка электронных государственных услуг в Республике Таджикистан……... ***130***

Рустамов Р.У. Теоретические основы и экономическая природа трудового потенциала населения…… ***134***

Гулова Н.Дж. Формирование социально-экономической политики региона: теоретические аспекты…… ***138***

Кодирова М.Д. Социально-экономическая значимость малых форм предпринимательской деятельности в сфере здравоохранения…… ***143***

Худойназаров Д.А., Обидов Ф.С. Горно-геологические условия ресурсопользования в Пянджском речном бассейне…….. ***148***

Мулоджонов Б.А. Стратегия государственной поддержки развития предпринимательства в Республике Таджикистан…… ***154***
Мавлонов Р.А., Каюмов А.А. К вопросу моделирования потребностей экономики региона в специалистах с высшим и послевузовским образованием в среде «обучение в течение жизни»…… ***157***
Садридинов С. Перспективы развития инноваций и эффективность в области сельского хозяйства Таджикистана…… ***161***
Саидова М.Х., Абдуллоев А.Б. Развитие инновационной деятельности в сфере физической культуры и спорта в Республике Таджикистан…….. ***165***
Шарифи Дилшод. Развитие мировой экономики посредством открытия рынков и вклада международных институтов…… ***169***

ИЛМҲОИ ҲУҚУҚШИНОСӢ - ЮРИДИЧЕСКИЕ НАУКИ

Сативалдыев Р.Ш. Деятельность государства в сфере обеспечения информационной безопасности …… ***174***
Маджидзода Джурахон Зоир. Организованная преступность государств – участников СНГ: причины, условия и факторы…….. ***182***
Сафарзода Б.А. Вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***191***
Маҳмудзода М.А. Заминаҳои ҳуқуқии ташаккули оила дар даврони истиқлолияти давлатӣ..... ***194***
Маҳмудов И.Т. Таъқиботи ҷиноятӣ ҳамчун функсияи мақомоти прокуратура..... ***200***
Раҳмон Д.С., Саъдизода Ҷаҳонгир. Мушкилоти корбасти истилоҳот аз дидгоҳи фарҳанги миллии ҳуқуқи инсон..... ***204***
Диноршоев А.М., Исозода П. Таснифи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***209***
Курбонализода Нурулло Шамсулло. Возникновение и прекращение правоспособности физических лиц: новые аспекты…… ***214***
Ҳошимзода Д., Сангинов Д.Ш. Хизматрасонии бонкӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ..... ***219***
Зокиров З.Х. Цель конфискации имущества…… ***222***
Шоқулова С.И. Мафҳуми даъвои граждани дар мурофиаи ҷиноятӣ..... ***229***
Кодиркулов Х.Р. К вопросу о применении коллизионного принципа закона места работы в регулировании трансграничных трудовых отношений…… ***231***
Файзализода Бахтиёр Файзалӣ. Ҳуқуқи инсон ба таҳсил дар низоми ҳуқуқи зардуштӣ..... ***237***
Рысмендеев Б.Дж., Айтахунов Б.К. Основные проблемы системы местного налогообложения в Кыргызской Республике…….. ***242***
Азизов У.А. Влияние религиозных норм на формирование и развитие основных институтов уголовного права Таджикистана…… ***245***
Гаффорзода И.Г. Соотношение понятий «малолетний» и «несовершеннолетний»: их гражданско-правовое значение…… ***251***
Баетов А.Б., Асанов С.А. Правовое регулирование и становление концепции «медиации» в кыргызской республике в свете международного опыта…… ***257***
Якубова С.Н. Законодательные полномочия Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан…… ***260***
Марифхонов Р.Н. Современное административно-процессуальное законодательство Республики Таджикистан…… ***264***
Исаматов Э.К., Абдыбеков А.А., Найманбаев А.Б. Механизмы судебной защиты прав человека…… ***268***
Шарифов И.М. Асосҳои ташаккулёбӣ ва инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши соҳибкории хурд..... ***273***

ИЛМҲОИ СИЁСАТШИНОСӢ - ПОЛИТИЧЕСКИЕ НАУКИ

Сафарализода Х.Қ. Таҳдидҳо ба амнияти миллӣ: моҳият ва хусусиятҳои муҳимми онҳо..... ***278***
Нуриддинов Р.Ш., Д. Шарифӣ. Гуногунтаркибии ҷаҳон..... ***282***
Ашурзода Ҷ.Х. Экстремизми динӣ: мафҳум, моҳият ва хусусиятҳои он..... ***286***
Раҷабов Б.Т. Миллатгароӣ ва терроризм: ҳолатҳои пайваст ва ҷудоӣ..... ***290***
Наҷмиддинзода А. Сиёсати кадрӣ ва нақши он дар таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон..... ***296***

ИНФОРМАЦИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

Требования к научным статьям, поступающим в научный журнал «Вестник Таджикского национального университета»

Все поступающие в редакцию журнала научные статьи должны соответствовать следующим требованиям: а) статья должна быть написана с соблюдением установленных требований журнала; б) статья должна быть результатом научных исследований; в) статья должна соответствовать одному из направлений (разделов) журнала.

Все поступающие в редакцию материалы проверяются на наличие заимствований из открытых источников (плагиат), проверка выполняется с помощью системы Antiplagiat. Статьи, содержащие элементы плагиата, автоматически снимаются с рассмотрения, а авторы лишаются возможности опубликовать свою работу в журнале.

Требования к оформлению научных статей:

Статья должна быть подготовлена в формате Microsoft Word, шрифтом Times New Roman, кегль 14, поля 2,5 см со всех сторон, интервал полуторный.

Объем статьи (включая аннотацию и список литературы) должен быть в пределах от 10 до 12 стр. формата А4.

Статья должна иметь следующую структуру:

– индекс УДК (индекс можно получить в любой научной библиотеке);

– название статьи;

– фамилия и инициалы автора (например, Шарипов Д.М.);

– название организации, в которой работает автор статьи;

– основной текст статьи;

– при цитировании конкретного материала ссылки указываются в квадратных скобках [ ]. Образец: [4, с.25]. То есть, литература №4 и страница 25;

– таблицы, схемы, диаграммы и рисунки нужно сгруппировать и пронумеровать. Таблицы, схемы, диаграммы и рисунки должны иметь название;

– список использованной литературы (не менее 10 и не более 25 наименований научной литературы). Список литературы оформляется согласно требованиям ГОСТ 7.1-2003 и ГОСТ 7.0.5-2008;

– после списка использованной литературы на трех языках (на таджикском, русском и английском языках) оформляется следующая информация: название статьи, ФИО автора, название организации, аннотация и ключевые слова (аннотация не менее 25 строк, ключевые слова от 7 до 10 слов или словосочетаний);

– информация об авторе на русском и английском языках (здесь указываются ФИО автора полностью, ученая степень, ученое звание (если имеются), название организации, в которой работает (авторы), должность автора (авторов) в данной организации, телефон, e-mail, а также почтовый адрес место работы автора).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК

Научный журнал «Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук» основан в 2012 г. Выходит 6 раз в год. Печатная версия журнала зарегистрирована в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Регистрационное свидетельство №0239/ЖР, от 02.10.2015 г. Журнал включен в «Перечень рецензируемых научных изданий, в которых должны быть опубликованы основные научные результаты диссертаций на соискание ученой степени кандидата наук, на соискание ученой степени доктора наук» Высшей аттестационной комиссией Министерства образования и науки Российской Федерации. Журнал принимает научные статьи по следующим отраслям науки: экономические науки (08.00.00), юридические науки (12.00.00) и политические науки (23.00.00). Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ), регулярно предоставляет в РИНЦ информацию в виде метаданных. Полнотекстовая версия журнала доступна на сайте издания (www.vestnik-tnu.com).

ВЕСТНИК
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА

2017. №2/10

Над номером работали:
Ответственный редактор: М.Ибодова
Редактор серии экономических наук: Д.А. Назарова
Редактор таджикского языка: Ш.Абдуллоева
Редактор русского языка: О.Ашмарин
Редактор английского языка: М.Асадова

Издательский центр
Таджикского национального университета
по изданию научного журнала
«Вестник Таджикского национального университета.
Серия социально-экономических и общественных наук»:
734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

Формат 70x108/16. Бумага офсетная. Печать офсетная.
Тираж 200 экз. Уч. изд. л. 8,5, усл. п.л. 8.
Подписано в печать 07.12.2017. Заказ №2017/04-01
Отпечатано в типографии ТНУ
734025, г.Душанбе, ул.Айни, 32.